**ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**

**ВБД: 930.1(575.3)**
**ТКБ: 63.3(2Т)**
**Б-30**

**Бо ҳуқуқи дастнавис**

**БАҲОРЗОДА СИРОҶИДДИН АШУР**

# САҲМИ САДРИДДИН АЙНӢ ДАР ТАҲҚИҚИ ТАЪРИХИ ХАЛҚИ ТОҶИК (НИМАИ ДУЮМИ АСРИ XIX – ИБТИДОИ АСРИ XX)

**ДИССЕРТАТСИЯ**

**барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ**

**Роҳбари илмӣ – н.и.т., дотсент**
**Ёрмуҳамматов А.**

**Душанбе - 2025**

## МУНДАРИҶА

**ФЕҲРИСТИ ИХТИСОРАҲО**.......................................................................**3**
**МУҚАДДИМА**...............................................................................................**4-16**
**БОБИ I. ИНЪИКОСИ МАСОИЛИ МУБРАМИ ТАЪРИХИ ОХИРИ АСРИ XIX ХАЛҚИ ТОҶИК ДАР ОСОРИ С. АЙНӢ**
1.1. Вазъи иқтисодӣ-иҷтимоии охири асри XIX дар таҳқиқоти С. Айнӣ..........................................................................................................16-50
1.2. Вазъи фарҳанги халқи тоҷик дар охири асри XIX аз нигоҳи С. Айнӣ..........................................................................................................50-69
1.3. Инъикос ва баррасии ҳаракати маорифпарварӣ дар осори С. Айнӣ..........................................................................................................69-82
**БОБИ II. МАСОИЛИ ТАҲЛИЛУ ОМӮЗИШИ ТАЪРИХИ ИБТИДОИ АСРИ XX ХАЛҚИ ТОҶИК ДАР ОСОРИ С. АЙНӢ**
2.1. Инъикоси паёмадҳои ҳамлаи Русияи подшоҳӣ ба Осиёи Миёна ва сиёсатҳои он дар минтақа дар таҳқиқоти Садриддин Айнӣ......................83-98
2.2. Вазъи иҷтимоӣ-сиёсии ибтидои асри XX дар асоси осори С. Айнӣ.........................................................................................................98-117
2.3. Садриддин Айнӣ ва масъалаҳои омӯзиши ҳаракати ҷадидия........118-143
**БАРРАСИИ НАТИҶАҲО**...................................................................144-149
**ХУЛОСА**.................................................................................................150-155
**ТАВСИЯҲО ДОИР БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ**.......................................................................................155-156
**РӮЙХАТИ САРЧАШМА ВА АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА**...157-168
**РӮЙХАТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ**...............................................................................................169-170

# ФЕҲРИСТИ ИХТИСОРҲО:

**КИ –** Кумитаи инқилобӣ

**КИМ –** Кумитаи Иҷроияи Марказӣ

**ИҶШС –** Иттиҳоди Ҷамоҳири Шуравии Сотсиалистӣ

**СҲС** – Сегонаи ҳарбии Сиёсӣ

**ҶХШБ –** Ҷумҳурии Халқии Шуравии Бухоро

**ҶМШС** – Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистӣ

**ҶШСТ** – Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон

**ҲКИШ** – Ҳизби коммунисти Иттиҳоди Шуравӣ

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Дар таърихи халқи тоҷик нақши шахсиятҳои сарнавиштсоз ва корномаи рангини онҳо ба унвони мактаби таҷриба хеле бузург ва омузанда аст. Яке аз чунин шахсияти баруманди миллати мо, асосгузори адабиёти муосири тоҷик, Қаҳрамони Тоҷикистон устод Садриддин Айнӣ мебошад. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи талошҳои фидокоронаи ин устоди бузург, чунин менависанд: «Хидмати ҷоннисорона ва миллатдӯстонае, ки устод Садриддин Айнӣ барои нигоҳ доштан ва рушду ривоҷи забону адабиёт, таърихи фарҳангамон ва умуман тарбияи таърихнигорон, рӯзноманигорон, шоирону нависандагон ва арбобони давлати ҷавони тоҷик кардааст, қобили ҳама гуна қадршиносист» [58, 310]. Дар асри сарнавиштсози XX, халқи тоҷик бо талоши  чунин ашхос пояи давлатдории миллӣ ва  илму фарҳанги навини худро тарҳрезӣ карданд. Садриддин Айнӣ дар пешрафт тамоми ҷабҳаҳои ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии тоҷикон дар асри XX саҳм гузошт ва дар шароити муосири Тоҷикистон бузургдошти номи ӯ масъулияти насли имрӯз аст. Дар радифи хидматҳои арзандаи Садриддин Айнӣ барои ривоҷи фарҳангу адабиёти тоҷик, нақши ӯ дар таҳқиқу инъикоси баъзе саҳифаҳоиноравшани таърихи халқи тоҷик бузург аст. Таҳқиқу баррасии осори таърихии Садриддин Айнӣ бар асоси маъхазҳои хаттӣ ва таҳқиқоти илмӣ имкон медиҳад, ки саҳифаҳои нави таърихи гузаштаи мо ба таври мушаххас арзёбӣ шавад.

Мубрамӣ ва зарурати омӯзиши мавзуъро метавон бар чанд омил асоснок кард:

**Нахуст**, Садриддин Айнӣ дар саргаҳи муҳимтарин ҳодисаи таърихи мардуми тоҷик – таъсиси Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун воҳиди сиёсиву маъмурӣ барои амалӣ шудани орзуву омоли ҳазорсолаи тоҷикон хидматҳои шоиста анҷом дод. Омӯзиши ин корномаи ӯ барои тарбияи насли наврас аҳаммияти муҳимми таърихӣ ва сиёсиву тарбиявӣ дорад.

**Дувум,** дар бахше аз осори муҳимми адабии Садриддин Айнӣ саҳифаҳои муҳимми таърихи сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии тоҷикон инъикос ёфтааст. Муқоисаи ин бо дигар осори таърихи ин давра имкон медиҳад, ки омили зуҳури баъзе ҳаводисро дар сарнавишти тоҷикон ба таври мушаххас ошкор намоем.

**Сеюм,** Садриддин Айнӣ дар радифи асарҳои адабӣ ва публитсистӣ дар заминаи таърихи халқи тоҷик низ чанд асари барҷастае чун «Таърихи амирони манғития», «Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро», «Таърихи инқилоби Бухоро», «Исёни Муқаннаъ» ва «Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик» навишт, ки дар таърихнигории тоҷик мақоми махсус доранд. Баррасии ин осор аз нигоҳи таърихнигорӣ имкон медиҳад, ки баъзе лағзишу камбудиҳоро дар шинохти воқеияти замон бартараф созем.

**Чорум**, Садриддин Айнӣ ҳамчун шоҳиди ҳол таҳаввулоти сиёсӣ ва фарҳангии сарнавиштсози миллати тоҷик дар бораи ҳодисаҳои охири асри XIX ва аввали асри XX назари худро дорад ва бинобар ин, навиштаҳои ӯ дар таърихнигорӣ сарчашмаи муътамади таърихӣ мебошанд.

**Панҷум**, бо вуҷуди таҳқиқи нисбии ҳаводиси охири асри XIX ва ибтидои асри XX Осиёи Миёна дар асару рисолаҳои илмии муҳаққиқони нимаи дувуми аср XX таҳлили мунсифонаи онҳо аз нигоҳи таърихнигории тоҷик вобаста ба тағйироту таҳаввулоти солҳои охир дар минтақа як амри зарурӣ аст;

**Шашум,** дар шароити кунунии раванди босуръати ҷаҳонишавӣ ва афзудани хатару таҳдидҳои фаромилӣ ва тамоюлоти бегонапарастӣ дар ҷомеа, махсусан дар миёни ҷавонон тарғиби ғояҳои милливу ватандӯстӣ дар партави осору корномаи афроде чун Садриддин Айнӣ барои тафаккурсозӣ дар миёни шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон амре таъхирнопазир мебошад.

**Дараҷаи коркарди илмии проблемаи мавриди омӯзиш.** Баррасии масъалаи мавриди таҳқиқ ба таври умум ва бо ин ном аз тарафи ягон муҳаққиқ то ҳол пажуҳиш нашудааст. Вале ба он наздик бархе олимон

таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд. Дар ин миён метавон номи чандин муҳаққиқеро овард, ки дар хусуси нақши устод С. Айнӣ дар омӯзиши таърихи халқи тоҷик ва дар умум, фаъолияти илмии ӯ, асару мақолаҳои зиёди таҳқиқотӣ рӯи чоп овардаанд. Дар умум омӯзиши осори С.Айниро метавон ба ду марҳила тақсим намуд, ки ҳар як хусусияти хос доранд:

**Якум,** давраи шуравӣ, ки дар ин марҳала муҳаққиқоне монанди З.Ш. Раҷабов, [52; 53] М. И. Боқиев, [29] Н. Р. Ҳошим, [76] М. Шакурӣ[78; 79] ва дигарон таҳқиқот анҷом додаанд.

Бояд зикр намуд, ки миёни муҳаққиқони номбурда аввалин маротиба академик З.Ш. Раҷабов вобаста ба афкори ҷамъиятию сиёсии халқи тоҷик дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX дар заминаи осори С. Айнӣ ва дигар зиёиёни маорифпарвару ҷадид ба номи «Аз таърихи афкори ҷамъиятию сиёсии халқи тоҷик дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX» [52] таҳқиқот анҷом дод. Ӯ нахустин маротиба саҳми бузурги устод С. Айниро дар рушди омӯзиши таърихи халқи тоҷик бо чандин далелҳо исбот намудааст. Академик З.Ш. Раҷабов маҳз бори аввал дар соли 1951 осори С. Айниро ҳамчун олим ва муаррих мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода буд.

Муаррихи барҷастаи шуравӣ А. А. Семёнов зимни таҳлилу баррасии «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ, аҳаммияти онро дар омӯзиши ҳаёти иқтисодӣ ва иҷтимоии Бухоро ва ноҳияҳои атрофи он муҳим арзёбӣ менамояд. Махсусан, диққати муаррихро маълумотҳои С. Айнӣ оид ба вазъи бисёр мушкилу мураккаби мардуми Бухоро ва сиёсати иртиҷоии амирон ҷалб намуда буд [62, с. 980-997].

Шарқшиноси шуравӣ И.С. Брагинский дар мавриди истеъдоди баланди воқеанигории С. Айнӣ зикр менамояд, ки «ӯро дар ин давра фақат «нахусткашшоф» номидан мумкин аст». Дар меҳвари масъалаҳои таҳқиқоти ӯ маълумоти асари «Ғуломон»-и С. Айнӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта буд [30, с. 93-111].

Ҳамчунин, дар хусуси саҳми бузурги С. Айнӣ дар рушди илми таърихи халқи тоҷик М. И. Боқиев рисолаи таҳқиқотӣ анҷом дод [29].

Муҳаққиқ бештар ба омӯзиши масъалаҳои шуру ошӯбҳои мардумие, ки зери таъсири ислоҳоти Русияи подшоҳӣ ба амал меомаданд, мароқ зоҳир намудааст. Дар ин радиф, ӯ бар асоси осори С. Айнӣ ва идомадиҳандагони мактаби ӯ – Ҷ. Икромӣ ва Р. Ҷалил оид ба вазъи илму фарҳанг дар ибтидои асри XX маълумоти дақиқ дода, ақидаи устод С. Айниро дар хусуси омили асосии қафомонии илму маърифат будани ҳукумати амирӣ дастгирӣ менамояд. Вале бояд зикр намуд, ки муҳаққиқ дар таҳқиқоти худ саҳми устод С. Айниро ба таври комил ва ҳамаҷониба нишон надодааст. Ӯ танҳо осори С. Айниро дар қиёс бо маълумоти Ҷ. Икромӣ ва Р. Ҷалил дар хусуси шуру исёнҳои маҳаллӣ дар кишвари Туркистон, Аморати Бухоро ва вазъи иҷтимоиву иқтисодии мардуми минтақа дар арафаи инқилоби сотсиалистӣ мавриди омӯзиш қарор додааст.

Вобаста ба аҳаммияти таърихии осори устод С. Айнӣ дар ҷодаи омӯзиши таърихи халқи тоҷик, олим ва адабиётшинос Л. Н. Демидчик дар осори таҳқиқотии худ мисолҳои зиёде меорад [35]. Махсусан, таваҷҷуҳи ӯ бештар ба омӯзиши осори адабии устод ва инъикоси вазъи ҳунармандӣ равона шуда буд.

Муҳаққиқони замони шуравӣ бештар кӯшиш доштанд, ки вобаста ба тақозои идеологияи ҳукмрон дар осори Садриддин Айнӣ масъалаҳои зиддияти табақотӣ ва муборизаи беамони тудаҳоро дар баробари режими амирӣ барҷаста нишон диҳанд. Ҳатто ҳаракату ҷараёнҳои барои замони худ пешқадаме, чун маорифпарварӣ ва ҷадидия низ ҳамчун ҳаракатҳои гурӯҳи хоссе аз мардум аз нигоҳи синфӣ барҷаста нишон дода мешаванд.

**Дуюм,** давраи истиқлол, ки дар ин марҳала муҳаққиқоне монанди Н. Ҳотамов [69; 70; 73; 74; 75;], М.С. Имомзода [41; 42], Х. Асозода [25; 26], А. Маҳмадаминов [48], Р.Т. Муҳиддинов [132], С. Табаров [63; 64; 65], С. Азимов [128], А. Кучаров [45; 46], Ш. Раҳмонов [59], А. Ёрмуҳамматов [39; 83; 84; 85; 86; 87; 88; 89; 90; 91; 92; 93; 117; 118; 119], Қ. Расулиён [55; 56; 57; 101], Х. Ниязова [50], Ҳ. П. Пирумшоев [51], А. Розиқзода [61; 103; 104],

А. Набавӣ [97; 98; 105], Ғ. Гадоев [131] дигарон осори С. Айниро мавриди омӯзишу таҳлил қарор доданд.

Муаррихи тоҷик Н. Ҳотамов дар китоби худ «Инъикоси револютсияи советӣ - халқии Бухоро дар асарҳои Садриддин Айнӣ»[74] саҳми бузурги устодро дар инъикоси воқеаҳои сиёсии ибтидои асри XX-и аморати Бухоро, махсусан, инқилоби халқӣ барҷаста арзёбӣ менамояд. Ба назари ӯ, С. Айнӣ тавассути қалам дар инқилоби мазкур ширкати фаъол дошт.

Дар хусуси ҳаёт ва фаъолияти Садриддин Айнӣ донишманди дигари тоҷик, айнишинос, академик М.С. Имомзода таҳқиқоти зиёде анҷом додааст. Мавсуф саҳми бузурги устод С. Айниро дар омӯзиши таърихи халқи тоҷик, аз ҷумла дар таҳлилу баррасии масъалаҳои мубрами таърихи афкори ҷамъиятию сиёсии охири асри XIX ва ибтидои асри XX – маорифпарварӣ ва ҷадидия барҷаста нишон медиҳад. [42, с. 54-66]

Доир ба саҳми бузурги устод Садриддин Айнӣ муҳаққиқи дигари тоҷик Р.Т. Муҳиддинов дар таҳқиқоти илмии худ дар такя ба осори илмию адабии устод маълумот додааст. [132] Муҳаққиқ дар рисолаи номзадии худ бар асоси осори С. Айнӣ чандин масълаҳоро, аз қабили таъсири ҳаракатҳои ҷамъиятӣ дар ташаккули афкори устод, фаъолияти ҷамъиятию илмии ӯ, назари устод С. Айнӣ дар бораи амирони манғитияи Бухоро, масаълаи забти Осиёи Марказӣ аз ҷониби Русия ва вазъи иҷтимоии халқи тоҷик хеле мушкифона мавриди баррасӣ қарор додааст.

Муаррихи тоҷик А. Ёрмуҳамматов доир ба ҳаёт ва фаъолияти С. Айнӣ ҳамчун муаррих чандин мақолаи илмӣ нашр намудааст. Ӯ бар асоси осори таърихии С. Айнӣ масъалаи тавсеаи ҳунармандӣ ва вазъи ҳунармандонро дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода, саҳми устодро дар инъикоси ин самти муҳимми шуғли тоҷикон муассир медонад. Муаррих барои анҷоми ин кор бештар ба асарҳои «Таърихи инқилоби Бухоро», «Ёддоштҳо» ва «Мухтасари тарҷумаи ҳоли худам» таваҷҷуҳ намудааст [86, с. 143-147; 39, с. 48; 90, с. 154-161; 83, с.

35-40; 85, с. 59-68; 119, с. 30-33; 89, с. 202-253; 87, с. 20-22; 84, с. 19-23; 88, с. 322-323; 91, с. 26-36; 92, с. 10-14].

Дар корҳои таҳқиқотии донишмандони маъруф, ба мисли М. Шукуров, С. Табаров, Х. Асозода, Н. Раҳимов ҷойгоҳи осори С. Айнӣ дар омӯзиши масъалаҳои мубрами ҷомеа арзишманд баҳогузорӣ мешавад. Шоёни тазаккур аст, ки онҳо устодро ба унвони як мутафаккири воқеънигор муаррифӣ менамоянд, ки дар осори адабиаш баъзе камбуду норасоии ҷомеаи мардуми тоҷикро дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX бо ҷузъиёт ошкор кардааст. Ҳамчунин, адабиётшинос А. Маҳмадаминов доир ба саҳми С. Айнӣ дар омӯзиши таърихи ҳаёти мадании халқи тоҷик таҳқиқоти густурда анҷом додааст [48].

Профессор Қ. Расулиён бештар ба инъикоси ҳаракати ҷадидия дар осори С. Айнӣ диққат додааст. Ӯ саҳми С. Айниро дар ташаккули афкори ҷадидия ва мактабҳои усули нав хеле хуб баҳогузори менамояд. Мавсуф дар нигоштаҳои хеш бештар ба саҳми С. Айнӣ дар омӯзиши таърихи маданияти охири асри XIX ва ибтидои асри XX-и тоҷикон таваҷҷуҳ зоҳир намудааст [56; 57].

Муаррихи тоҷик А. Розиқзода дар осори худ зимни баррасии масъалаҳои мубрами таърихи нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX саҳми устод С. Айниро дар инъикоси таърихи ин марҳала ба таври мушаххас муҳим арзёбӣ менамояд. Махсусан, муаррих дар такя ба маълумоти С. Айнӣ низоми идорӣ, ҳарбӣ ва муносибати амалдорони амириро бо мардум мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор додааст. Муаррих бар ин назар аст, ки чун устод С. Айнӣ аз машақати зиндагии мардуми кӯҳистони Бухоро хеле хуб воқиф буд, ҳаракати разилонаи амир, муқаррабони ӯ ва дигар амалдорони маҳаллиро бидуни парда ошкор менамуд [104].

Муҳаққиқи дигари тоҷик А. Набавӣ дар хусуси аҳаммият ва вижагии осори С. Айнӣ ба хулоса меояд, ки омӯзиши он қабил асарҳои мондагор барои худшиносии миллӣ бисёр зарур мебошанд. Ӯ шахсият ва осори С.

Айниро барои имрӯзи миллати тоҷик, махсусан барои эҷоду рушди тафаккури миллӣ ва эҳёи фарҳангу суннатҳои ниёкон муҳим арзёбӣ меанамояд [97, с. 225-234; 105; 99, с. 112-117; 107, с. 5-20; 98, с. 53-63 ].

Мурриxи дигари тоҷик Ғ. Гадоев доир ба вазъи Аморати Бухоро дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX дар асоси осори С. Айнӣ пажуҳиши илмӣ анҷом додааст. Муҳаққиқ нақши С. Айниро дар омӯзиши масъалаҳои мубрами замон, махсусан вазъи сиёсӣ, низоми маъмурӣ, ҳайати этникӣ ва ҳунармандию тиҷоратии Аморати Бухоро бараҷаста медонад [131, с. 28].

Дар осори муҳаққиқони замони истиқлол як кӯшише мушоҳида мешавад, ки аксари онҳо ба рӯзгору осори Садриддин Айнӣ аз зовияи манфиатҳои миллӣ бештар таваҷҷуҳ менамоянд. Хусусан, муборизаҳои Айнӣ барои нишон додани ҳузури тоҷикон дар минтақа ба унвони мардумӣ бумӣ ва нақши чеҳраҳои бузурги илму адаби тоҷик дар пешрафти тамаддуни ҷаҳонӣ ба таври возеҳ такрор мешавад. Дар пажуҳишҳои ин давра нақши матбуот дар рушди бедории миллӣ ва таъсири ҳаракати ислоҳотхоҳӣ дар пешрафти мактабу маорифи тоҷик нисбатан муфассал баррасӣ мешаванд.

Ҳамин тавр, дараҷаи таҳқиқи осори С. Айнӣ нишон медиҳад, ки ҳарчанд ҳаёт ва фаъолияти густурдаи ӯ аз ҷониби муҳаққиқони зиёд мавриди таҳқиқу омӯзиш қарор гирифтааст, вале таҳлилу баррасии хадамоти устод дар омӯзиши таърихи халқи дар доираи як рисолаи ҷомеи пажуҳишӣ тақозои замон аст. Таҳқиқоти мо, дар асоси таҳлили осори таърихии устод анҷом шуда, дар он саҳми С. Айнӣ, дар қиёс бо дигар муаррихон дар омӯзиши таърихи халқи тоҷик аз назари таърихнигорӣ мушаххас гардидааст. Қобили зикр аст, ки таҳқиқоти олимони болозикр барои муаллиф андар шинохти дидгоҳи С. Айнӣ ва омӯзиши назариявии масъала хеле суд бахшиданд. Аз ин лиҳоз, саҳми ин муҳаққиқон дар омӯзиш ва таҳлили мавзуъ хеле барҷаста аст.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо), мавзуъҳои илмӣ.** Диссертатсия дар доираи барномаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии

кафедраи таърихнигорӣ ва архившиносии факултети таърихи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода шудааст. Яке аз бандҳои дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи мазкур нишон додани саҳми барҷастаи фарзандони фарзонаи тоҷик дар инъикоси таърихи халқи тоҷик аст, ки дарбаргирандаи мавзуи диссертатсия мебошад.

## ТАВСИФИ УМУМИИ КОР

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Мақсад аз таҳлилу омӯзиши масъалаи таҳқиқшаванда, пеш аз ҳама, дар асоси осори нависанда ва олими барҷастаи қарни ХХ-и тоҷик Садриддин Айнӣ омӯхтани масоили мубрами таърихи халқи тоҷик ва нишон додани саҳми барҷастаи ӯ мебошад. Муҳаққик бар асоси осори устод С. Айнӣ ва таҳлилу муқоисаи он бо осори дигар донишмандон масъалаҳои муҳимми таърихи халқи тоҷикро баррасӣ намудааст. Муаллиф кӯшидааст, ки бо ин саҳми бузурги Садриддин Айниро дар омӯзиши саҳифаҳои норавшани таърихи халқи тоҷик нишон диҳад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои анҷом додани ин иҷрои вазифаҳои зеринро зарур медонем

- таҳлилу баррасии вазъи иқтисодию иҷтимоии охири асри XIX дар осори С. Айнӣ ҳамчун шоҳиди вақт;

- мушаххас кардани дидгоҳи С. Айнӣ дар бораи вазъи фарҳанги халқи тоҷик дар охири асри XIX;

- Таҳқиқи ҷойгоҳи С. Айнӣ дар омӯзиши ҳаракати маорифпарварӣ;

- ташхиси дараҷаи таҳқиқи истилои Осиёи Миёна аз тарафи Русия ва паёмадҳои он дар осори Садриддин Айнӣ;

- таҳқиқи вижагиҳои ҳаракати ҷадидия аз нигоҳи С. Айнӣ;

- таҳлилу баррасии вазъи иқтисодию иҷтимоии ибтидои асри XX дар осори С. Айнӣ

**Навгониҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ** дар он ифода меёбад, ки бори нахуст дар доираи як рисолаи ҷомеъ саҳми Садриддин

Айнӣ дар омӯзиши марҳалаи муҳимми таърихи халқи тоҷик мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор гирифт.

Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ бо назардошти талаботи илмҳои таърих, таърихнигорӣ ва меъёрҳои илмӣ чунин масъалаҳо мавриди таҳқиқ қарор гирифтанд:

– нақши Садриддин Айнӣ ба унвони яке аз саромади мактаби таърихнигории муосири тоҷик дар омӯзиши баъзе саҳифаҳои норавшани таърихи миллат мушаххас гардид;

– арзиши осори С. Айнӣ дар омӯзиши таърихи таҳаввулоти охири асри XIX бар асоси қиёси асарҳои дигар муаррихони замон арзёбӣ шуд;

- ҷойгоҳи С. Айнӣ дар омӯзиши ҳаракати маорифпарвар ошкор гардид;

– дараҷаи таҳқиқи истилои Осиёи Миёна аз тарафи Русия ва паёмадҳои он дар осори Айнӣ арзёбӣ шуд;

- вижагиҳои дидгоҳи С. Айнӣ дар бораи масоили мубрами Аморати Бухоро дар ибтидои асри XX ошкор гардид;
- бар асоси омӯзиши осори С. Айнӣ таъсири ҳаракати маорифпарварӣ ва ҷадидия дар ташаккулу рушди афкори мардуми Аморати Бухоро мушаххас шуд.

**Аҳаммияти назариявӣ ва илмию амалии таҳқиқот.** Натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионии мазкурро метавон дар омӯзишу таҳлили марҳалаҳои ҷудогонаи таърихи халқи тоҷик, махсусан, вазъи сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоию фарҳангии охири асри XIX ва ибтидои асри XX истифода намуд. Инчунин, маводи диссертатсияи мазкурро метавон барои таълими дарсҳои курси махсуси омӯзишӣ дар ихтисосҳои марбут ба фанҳои ҷомеъашиносии донишкадаву донишгоҳҳои олӣ ва равшану возеҳ сохтани баъзе масъалаҳои баҳсталаби таърихи хақлқи тоҷик ва ғайра мавриди истифода қарор дод.

**Объекти таҳқиқот** дар навбати якум, таҳлили осори устод Садриддин Айниро доир ба масоили мубрами таърихи халқи тоҷик дар қиёс бо таҳқиқоти муҳаққиқони дигари соҳа дар бар мегирад.

**Мавзуи таҳқиқот** мушаххас кардани саҳми Садриддин Айнӣ дар омӯзиши баъзе масоили норавшани таърихи халқи тоҷик (охири асри XIX ва ибтидои асри XX) дар заминаи асар ва мақолаҳои илмӣ-адабии ӯ мебошад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** дар он аст, ки ӯ саҳми С. Айниро дар бораи омӯзиши масоили асосии таърихи халқи тоҷик (охири асри XIX ва ибтидои асри XX) дар қиёс ба осори таҳқиқотии дигар муаррихон таҳлилу баррасӣ кард. Ҳамзамон, вижагии дидгоҳи вайро ба унвони шоҳид роҷеъ ба масоили муҳимме чун маориф, ҳаракати маорифпарварӣ, истилои Осиёи Миёна аз тарафи Русия ва паёмадҳои он, ҳаракати ҷадидия дар Аморати Бухоро ва ғайра мушаххас сохт.

**Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсия дар мавзуи «Саҳми Садриддин Айнӣ дар таҳқиқи таърихи халқи тоҷик дар нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих бо шиносномаи ихтисосҳои Коммиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ихтисоси 07.00.09 - Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ мутобиқат менамояд.

**Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Таҳқиқи таърихи халқи тоҷик дар замони пуршебу фарози асри XIX асосан аз ҷониби пажуҳишгарони хориҷӣ омӯхта шудааст. Аввалин нафар аз миёни тоҷикон, ки ба инъикоси ин масъала даст задааст, устод Садриддин Айнӣ мебошад. Агар дар таърихнигории суннатии мо тоҷикон бештар ба инъикоси корномаи сиёсии шоҳону ҳокимон диққат дода мешуд, пас С. Айнӣ, маъмулан ба навиштани таърихи мардум рӯ овард. Ин дар ҳоле буд, ки мулкҳои тоҷикнишини Осиёи Миёна аз тарафи Русия забт шуда, дар ҳаёти мардум дигаргуниҳои муҳимми сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ падид омад. Фарқи осори С. Айнӣ аз дигарон дар он аст, ки ӯ ҳодисаҳоро ҳамчун шоҳиди ҳол навишт ва ахбори ӯ барои дигар муҳаққиқон ҳамчун сарчашма

хидмат мекунад. Бинобар ин, Садриддин Айниро метавон ба унвони яке саромадони мактаби таърихнигории муосири тоҷик муаррифӣ кард.

2. Омӯзиши масъалаи фарҳанг дар осори Садриддин Айнӣ мавқеи муҳим дорад. С. Айнӣ дар навиштаҳои хеш ба тамоми пахлуҳои фарҳанги мардум дахл карда, андешаҳои ӯ дар бораи мактабу маориф, адабиёт, санъату ҳунар омӯзандаанд. Дар осори ӯ ба рӯзгору афкори намояндагони барҷастаи фарҳанг, илму адаби тоҷик, аз қабили Аҳмади Дониш, Мирзо Азими Сомӣ, Садри Зиё, Домулло Икромча ва вазъи толибилмони ҳавзаҳои илмӣ диққати хос зоҳир карда мешавад. Муҳимтар аз ҳама мушкилоту масъалаҳои ҳалталаби ҷомеаи тоҷик дар осори С. Айнӣ мунсифона дарҷ меёбанд ва ин нишоне аз хидмати устод дар пешрафти таърихнигории тоҷик аст.

3. Масъалаи маориф ва ҳаракати маорифпарварӣ дар меҳвари андешаҳои Садриддин Айнӣ қарор дорад. Ӯ зуҳури ин ҳаракатро мантиқӣ ва барои замони худ пешқадам арзёбӣ карда, дидгоҳаш дар бораи раванди густариш ва муаррифии чеҳраҳои дурахшон он омӯзанда аст. Андешаҳои С. Айнӣ барои муҳаққиқони таърихи ин ҳаракат ҳамчун дастуру раҳнамо хидмат менамояд. Муҳаққиқи дақиқназар маорифпарвариро як ҷунбиши мусбию созандаи он рӯзгор ба қалам дода, бар ин бовар буд, ки танҳо чеҳраҳои пешқадами он бояд барои ҳалли мушкилоти ҷомеа тавсия пешниҳод намоянд.

4. Давраи истилои Осиёи Миёна аз тарафи Русия як марҳалаи муҳимми таърихи халқи тоҷик аст, ки ба замони зиндагии Садриддин Айнӣ рост омад. С. Айнӣ раванди ишғоли Осиёи Миёнаро аз рӯи сарчашмаҳои асосӣ ва шунидаҳову мушоҳидаҳои шахсӣ баррасӣ карда, сабаби асосии шикасти Бухоро ва дигар хониҳои минтақаро дар парокандагии ин мулкҳо, ҷангҳои дохилӣ ва ақибмондагии давлатҳо аз қудратҳои ҳамзамони худ медонад. Ӯ сиёсатҳои истеъмории мустамликадорони рус ва намояндагони онро дар минтақа бештар дар пайванд ба фаъолияти Агентии сиёсии Русия ва нақши манфии он дар раванди ислоҳоти макатабу маориф нақд мекунад.

С. Айнӣ бидуни истифода аз манобеи русӣ дар хусуси истилои Осиёи Миёна бар ин бовар буд, ки дар ин қабил осор воқеаҳо аз нигоҳи манофеи сиёсӣ ва низомии муаллифон инъикос мешаванд.

5. Ҳаракати ҷадидия аз андешаҳои пешқадами маорифпарварӣ сарчашма гирифта, мувофиқи маълумоти С. Айнӣ номи «ҷадид»-ро душманони ин ҳаракат ҳамчун калимаи таҳқиромез ба он нисбат доданд, ки қувваҳои иртиҷоӣ бо тамоми ҳастӣ дар фикри маҳви он шаванд. Дар замони шуравӣ вобаста ба талаботи замони ин ҳаракат якҷониба ва манфӣ тасвир мешуд ва дар давраи истиқлоли Тоҷикистон донишмандони ватанӣ дар пажуҳиши ин масъала корҳои зиёд анҷом доданд. Дар осори С. Айнӣ робитаи мутақобили ҷадидон бо ҳукумати Русияи подшоҳӣ низ инъикос меёбад. Агар маҳаки ақидаҳои маорифпарвариро эътирози зиёиёни табақаҳои мухталиф ташкил намояд, пас таркиби иҷтимоии ҷадидия аз намояндаи табақаҳои поёнии заҳматкаш, деҳқонони миёнаҳол, ҳунармандон, косибон, ва баъзе коргарон иборат буд.

6. Садриддин Айнӣ ҳамчун шоҳиди замон, вазъи ҷамъиятию сиёсии ибтидои асри XX-ро дар осори худ муфассалу воқеъбинона баррасӣ менамояд. Дар осори адабӣ ва публитсистии Қаҳрамони Тоҷикистон сиёсатҳои нодурусту зиддимардумии амирони манғит ва амалдорону дастнишондаҳои онҳо инъикос ёфтааст. С. Айнӣ бештар зимни тасвири паҳлуҳои ҳаёти сиёсӣ ва иҷтимоии он замон мубориза ву рақобати носолим, мансабталошӣ ва паёмади онҳо хунрезиҳоро мазаммат менамояд. Дар осори С. Айнӣ таъсири воқеаҳои муҳимми он давра, аз ҷумла Ҷанги якуми ҷаҳон, инқилобҳои минтақа ва ҳаракатҳои миллӣ-озодихоҳии мардуми Шарқ ба ҳаёти тоҷикон баррасӣ гардидааст, ки омӯзиши он арзиши муҳимми илмӣ ва тарбиявӣ дорад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Дисертатсия бар асоси осори таърихии С. Айнӣ ва қиёси маълумоти онҳо бо дигар маъхазҳои хаттӣ ва таҳқиқоту рисолаҳои илмии донишмандони муътабар навишта

шудааст. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаи таҳқиқоти назариявӣ ва илмӣ пешниҳод шудаанд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия (гузориши нуқтаҳои асосии дисеертатсия дар конфронсҳо, маҷлисҳо, семинарҳо ва дигар ҳамоишҳои илмӣ).** Нуктаҳои асосии таҳқиқот дар конференсияҳо ва семинарҳои гуногуни илмию амалии донишгоҳию ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, дар шакли маъруза пешниҳод гардид.

**Интишорот аз рӯи мавзуи диссертатсия.** Аз рӯи мавзуи диссертатсия муаллиф 8 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 3 мақола дар конференсияҳои илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ ба табъ расидаанд.

**Сохтори диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, шаш зербоб, хулоса, рӯйхати сарчашмаҳо ва адабиёти истифодашуда иборат аст.

## БОБИ I. ИНЪИКОСИ МАСОИЛИ МУБРАМИ ТАЪРИХИ ОХИРИ АСРИ XIX-И ХАЛҚИ ТОҶИК ДАР ОСОРИ С. АЙНӢ

### 1.1. Вазъи иқтисодӣ-иҷтимоии охири асри XIX дар таҳқиқоти С. Айнӣ

Аз нимаи дувуми асри XIX дар ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоии халқи тоҷик зери таъсири унсурҳои ҷомеаи сармоядорӣ то ҷое тағйирот ба миён омад. Ин тағйирот, аз як тараф, ба зуҳури баъзе аз қувваҳои тараққихоҳ, махсусан табақаи зиёӣ дар ҷомеа таъсир гузошт. Онҳо маҳз аз зовияи ин таҳаввулот ба таҳлили вазъи замона пардохтанд. Дар ин замина баъзе асарҳое таълиф шуданд, ки муҳтавои онҳо аз назари таърихнигорӣ барои арзёбии баъзе масоили норавшани таърихи халқи тоҷик ҷолиби таваҷҷуҳ мебошад. Албатта, дар миёни ин осор таълифоти асосгузори ҳаракатҳои маорифпарварӣ ва ҷадидия Аҳмади Дониш ва баъдан Садриддин Айнӣ вижагии хос доранд [37; 38; 22; 3].

Садриддин Айнӣ аз зумраи он зиёиёне буд, ки зимни таҳлилу омӯзиш воқеияти замони худ бештар ба ҷузъиёти ҳаводис ва далелҳои таърихӣ таваҷҷуҳ нишон медод. Ӯ бар ин назар буд, ки муҳаққиқ бояд ҳангоми арзёбии осору фаъолияти ҳар кас ё омили зуҳури ҳар чизе бештар шароити замони ба вуҷуд омадани чиз ё ҳаракатеро бо фактҳо таҳлил намояд, ки онҳо ба фалсафа ва назариёт мувофиқ бошанд. Дар зимн, агар таҳлилот тахминӣ бошанд, пас муҳаққиқ бештар ба хато роҳ медиҳад [19, с. 45]. Аз ин назар, Айнӣ дар осораш барои арзёбии комили як ҳаводис бештар ба ҷузъиёт ва далелҳои пароканда рӯ меорад. Ин равиши таърихнависии устод хеле муассир буд, зеро дар замони таназзули Аморати Бухоро ва солҳои аввали Ҳукумати Шуравӣ навиштани осори таърихӣ ба нудурат сурат мегирифт.

Як вижагии хосси таърихнависии он даврон аз он иборат буд, ки муаррихон ба навиштани асарҳои интиқодӣ рӯ оварданд. Таҳлили осори Аҳмади Дониш, Абдулазими Сомӣ ва С. Айнӣ аз ин гувоҳӣ медиҳад. Вале дар ин миён осори С. Айнӣ вижагии хос дошт. А. Дониш ва А. Сомӣ аз зумраи таърихнависоне буданд, ки бо сабаи фаъолияташон дар дарбори

ҳукумати вақт наметавонистанд вазъи замонро бе ягон монеа ба таври равшан ва комил инъикос намоянд. Вале вазъи замони зиндагӣ ва мавқеи С. Айнӣ нисбат ба онҳо фарқ мекард. Ҳарчанд, С. Айнӣ дар пешрафти адабиёти давраи феодализм ва ҷадидия саҳм гузошт, аммо осори мондагори таърихии ӯ пас аз Инқилоби Октябр навишта шуданд. Гарчи устод зимни баромадаш дар ин ё он чорабинӣ ба хотири замонасозӣ изҳор медошт, ки ӯро танҳо инқилоби Октябр ва Ҳизби коммунистӣ аз сари нав тарбия кардааст [19, с. 76], вале дидгоҳи таърихии вай то замони Ҳукумати Шӯравӣ ташаккул ёфта буд. Ӯ дар ҳар замон ва шароит як фарди инқилобгаро ва пештози ҷомеа дониста мешуд. Ба қавли худи устод, ӯ дар вақти талабагияш зери таъсири мутолиаи асарҳои Аҳмади Дониш тарафдори ислоҳоти мадраса, пас аз инқилоби соли 1905 ва густариши матбуот тарафдори мактаби ҷадид ва ислоҳоти дарбори амир гардид. Дар вақти инқилоби Феврал ва эъломи ислоҳоти амир дар миёни ҷавонон аввалин нафаре буд, ки моҳияти фиреби амри амирро дарк кард [19, с. 44]. Аз ин бар меояд, ки дидгоҳи С. Айнӣ пас аз ҳар таҳаввулот тағйир меёфт. Аз сӯи дигар, таҳлили осори ёддоштии ӯ равшан месозад, ки ҳарчанд ӯ зиёдтар ба таҳдиду ҷазоҳои ҷисмонии ҳукумати вақт гирифтор мешуд, осори худро бештар дар руҳияи озодӣ-танқидӣ таҳия менамуд. Ҳарчанд, таълифи ин осор аз ибтидои асри XX шуруъ гардида бошад ҳам, вале барои С. Айнӣ ҳамчун шоҳиди замон тамоми воқеоти охири асри XIX равшан буд [51, с. 102-103].

Яке аз асарҳои мондагори таърихии С. Айнӣ «Таърихи инқилоби Бухоро» [22, с. 240]. мебошад, ки дар он муаррих доир ба ҳаракати маорифпарварӣ ва инқилобӣ дар Бухоро, сабабҳо, қувваҳо ва иштирокдорони асосии он – халқҳои гуногун ва дигар ҳаводиси охири асри XIX ва ибтидои асри XX маълумоти мустанад ва муфид гирдоварӣ намудааст. С. Айнӣ ҳамчун муаррих мекушид, ки дар осораш омил ва моҳияти зуҳури чунин ҳаракатҳои тараққихоҳона ба таври воқеӣ таҳлил шаванд. Ӯ барои ташхиси дурусти вазъи иқтисодӣ-иҷтимоии халқи тоҷикр дар охири асри XIX, аввалан, ба таҳлили муносибати амирони Бухоро бо

мардум, махсусан дар самти андозситонӣ рӯ меорад. Зеро, вазъи иқтисодии халқ ва хазинаи амир дар Аморати Бухоро бо ҳам ҳамбастагии зич доштанд. Мувофиқи маълумоти ӯ, сарчашмаи хазинаи амир аз ҳисоби андозҳое ба монандӣ закоту хироҷ ташаккул меёфт. Хироҷ асосан аз заминҳои корам ва закот аз ҳисоби молҳои воридотӣ, содиротӣ ва аз соҳаи чорводорӣ, махсусан рамаҳо ситонида мешуд. Хироҷ, ки пештар бо миқдори муайян ва сабуктар гирифта мешуд, дар давраҳои охир ба тамоми маҳсули руёнидаи деҳқон баробар мешуд. Дар вақтҳои охир бар хилофи қонунҳои шаръӣ ҷамъоварии закот соле то даҳ маротиба ба мушоҳида мерасид. Ҳатто аз мардикороне, ки пули ба даст овардаашон ба сад танга ҳам баробар намешуд, закот гирифта мешуд [22, с. 18].

Бар асоси ин ахбори С. Айнӣ метавон ба аҳволи табоҳи халқи заҳматкаши Бухоро то ҷое ошно шуд. Чунин вазъ хоҳу нохоҳ ба сатҳи зиндагӣ ва пешрафти мардуми тоҷик таъсири номатлуб мегузошт. Ҳамчунин, дар ҳеҷ сурат наметавон гуфт, ки баъзан мардум аз супоридани ин ду навъи андоз озод мешуданд. Таҳлил ва омӯзиши осори муаррихон нишон медиҳад, ки рӯз то рӯз андозҳои иловагӣ ба сари халқ бор мешуд. С. Айнӣ зимни таҳлили вазъи иқтисодии халқ дар замони ҳукумати амир Музаффархон зикр менамояд, ки дар ҳамин давра бо роҳнамоии қозӣ Садриддин дар бозорҳо андози дигар ба номи аминона илова гардид [22, с. 18]. Шоёни зикр аст, ки диққати С. Айнӣ бештар ба манбаи даромади ҳукумати амирӣ ҷалб шуда буд. Ӯ дар ин росто кӯшиш менамуд, ки даромади амирро дар пайвастагӣ бо муфлисшавии халқ нишон диҳад. Дар ин хусус ҳақ бар ҷониби профессор Н. Ҳотамов мебошад, ки ӯ ин гуна вижагии таърихии сарчашмаҳоро танҳо ба нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX хос медонад [69, с. 54-55].

Шоёни тазаккур аст, ки С. Айнӣ дар миёни донишмандону муҳаққиқони шуравӣ ҳамчун донандаи хуби масоили андозу молиёт дар Аморати Бухоро эътироф шуда буд. Дар ин маврид матолиби мукотиботи С. Айнӣ ва А. Лоҳутӣ хеле ҷолибанд. Дар яке аз мактубҳо адиби тоҷик А.

Лоҳутӣ  аз устод хоҳиш менамояд ҷиҳати таҳияи як китобе ба ӯ бинавасад, ки дар давраи Аморати Бухоро аз деҳқонон, косибони шаҳрӣ, санъатгарон, ва савдогарон  бо чӣ ном ва чӣ қадар  андозу молиёт ситонида мешуд [19, с. 135]. Аз муҳтавои мактуби ҷавобии С. Айнӣ маълум мешавад, ки ҳарчанд низоми андози амирӣ ба мисли идораи умури молиёт тартиби муайян надошт, аммо ҳамаи мардум (ба истиснои сарватмандону муллоҳо) мувофиқи қонунҳои нонавишта ба ҳар роҳ андоз месупориданд. Ҳаҷми андоз вобаста ба мавқеи ҷуғрофиёии вилоятҳо тафовут дошт. Агар масофаи вилоят ё туман то Бухоро ҳар қадар  дур бошад, андози вай ҳамон қадар вазнинтар мешуд. Дар ин миён савдгарони хурд вазъи душвор доштанд. Масалан, як савдогари майда барои мавизхарӣ ё алочахарӣ ба Шаҳрисабз мерафт ҳатман омилони закот ҳангоми убур аз Ғузор, Қаршӣ, Китоб ва дигар туманҳо аз пули киссаи онҳо ба миқдори 2,5 дарсад молиёт меситониданд. Ҳамчунин, онҳо дар дохили шаҳр ба номи аминона (1,5 дарсад) ва тагҷоӣ (иҷораи бозор) андоз медоданд. Аз деҳқонон бо номи кафсан, доруға, мироб, арбоб, ҳаққулоҳ (ба имом), пули ҳашар ва ғ. молиёт ситонида мешуд. С. Айнӣ аз вижагии хосси низоми андозситонӣ дар Тоҷикистон (Бухорои Шарқӣ) ёдовар мешавад, ки деҳқонон бар замми андозҳои маъмул ба номи дастархонпул, уловпул, амалдорпул, сарбозпул молиёт медоданд. Барои дастархони ҳоким аз ҳар хона равған ва тухми мурғ гидоварӣ мекарданд [19, с. 136–139 ].

Воситаи дигари ғанишавии хазинаи амирон пешкаши маъмурони давлатӣ, ба монанди қозӣ, раис, миршаб ва монанди онҳо буд. Мувофиқи маълумоти С. Айнӣ ва дигар муаррихони замон, ба амалдорони давлатӣ, махсусан маъмурони идораҳои мулкӣ ва амалдорони дарбор аз даромади хазинаи давлат ҳеч гуна маош дода намешуд. Тамоми маишат ва шукуҳи зиндагии онҳо ба гардани мардуми бечора ва фуқаро бори гарон буд. Тамоми дороии амирон ва сарвати амалдорон аз заҳмати мардум ба даст меомад. Аз ин маълум мегардад, ки халқ барои давлат ҳамчун сарчашмаи даромад, вале давлат барои халқ чун воситаи истимор буд. Дар ҷои дигар С.

Айнӣ таъкид менамояд, ки «... барои соҳиби аслии мамлакат – барои халқ, ки хазинаи ҳукуматро пур ва шиками тамоми маъмуронро сер мекард, як пул ҳам сарф намешуд. Ба корҳое аз қабили маорифи халқ, нигаҳдории тандурустӣ, таъмири роҳҳои умумӣ, тақсими об, дастгирӣ ба камбағалон ва ёрӣ ба деҳқонон пул сарф намудан як тараф истад, ҳатто номи ин қабил масъалаҳо ҳам дар миён набуд» [22, с. 18].

Чунин низоми фарсудаи давлатдории феодалии асримиёнагӣ, ки бар хилофи манфиатҳои мардум танҳо ниёзҳои табақаи ҳукумронро баroварда месохт ва барои пешрафти иқтисоди минтақа ва сатҳи некуаҳволи мардум ҳеч гуна тадбире намеандешид, аз назари ҳуқуқӣ дигар наметавонист рукнҳои асосии худро ҳифз намояд. Бо мақсади тақвияти ин ақида, метавон аз як гумоштаи сиёсии императории Русия дар Аморати Бухоро П. М. Лессар иқтибос овард, ки ба ибораи Б. Ғафуров ӯ ба танқиди тартиботи амирӣ ҳеҷ майл надошт. Ӯ зикр месозад, ки дар рафти андозғундорӣ сӯистеъмолу худсариҳо ба дараҷаи олӣ буда, миқдори ҳосилро тақрибию бардурӯғ муайян мекунанду андозро на дар шакли мол, балки ба тариқи пулакӣ меситонанд ва зимнан пули андоз аз будаш хеле зиёдтар ситонида мешуд... Ҳамаи ононе, ки дар зери таъсири ин вазнинӣ ба водии Зарафшон ва ноҳияҳои ҳамҷавори он рафтаанд, хабар овардаанд, ки ҳоли мардум бад аст. Вазъи мардуми бекиҳои кӯҳистони Бухорои Ҷанубӣ ва Шарқӣ бошад, аз ин ҳам вазнинтар мебошад, зеро дар ин ҷойҳо барои каме беҳтар шудани аҳволи халқ ҳеҷ тадбир андешида нашудааст. Ин касофатро рафъ намудан муҳол аст [32, с. 660].

Фишори амалдорон нисбат ба оммаи заҳматкаш то ҷое буд, ки аксари онҳо барои муҳоҷирати иҷборӣ ба минтақаҳои берун аз сиёсати амирӣ рӯ меоварданд. Аз таҳлили осори С. Айнӣ бармеояд, ки қатл ва сангсори онҳое, ки аз уҳдаи супоридани андоз намебаромаданд ва ё саркашӣ мекарданд, дар Аморати Бухоро роиҷ буд. Муаррих дар «Ёддоштҳо» зикр менамояд, ки дар замони амир Абдулаҳад куштори ошкори одамон камтар шуд. Албатта, онҳое, ки дар зери шиканҷа ва ҷӯби мириғазабҳо ё дар

зиндонҳо ё ин ки дар зери ҳокимони вилоят кушта мешаванд, дар қатори рӯйрост одамкушӣ намедароянд, чунки онҳоро на русҳо пурсуков карда мегарданд ва на хориҷиҳо. Ва ҳол он ки дар замони амир Музаффар рӯзе набуд, ки дар бозори хар одамонро ба дор наовезанд. Дар он вақт дар ҳар куштан на як нафар-ду нафар, балки то даҳ нафарро якбора ваякҷоя мекуштанд, ё ин ки дар бозори хар қатор карда, чунонки гусфандонро ба қанора мекашида бошанд, ба дор меовехтанд [5, с. 7].

Ба қавли муаррихи тоҷик А. Розиқзода, ки яке аз масъалаҳои мубрами сатҳи давлатдорӣ, ки С. Айниро ҳамеша ноорому нигарон месохт, ин сари ҳар қадам ба мардумозорӣ, фиребгарӣ ва ришвахӯрӣ даст задани амалдорони амирӣ буд [103, с. 285].

Мувофиқи таҳлили С. Айнӣ дар Бухоро ҳеҷ як идораи махсуси муназзаме дар умури соҳаи андоз амал намекард. Маблағи даромади солонае, ки дар осори муаррихон нишон дода шудааст, аксар тахминӣ ва қиёсӣ мебошанд. Дар ин хусус шоҳиди дигари замон капитани штаби генералии Русия – Покотило соли 1886 дар ёддоштҳояш менависад, ки на молу мулк ва на худи ҳаёти табааи амири Бухоро ягон василаи таъмин надорад... натиҷаи ин авзои нохуши моддию маънавии халқ ҳамин аст, ки мардум ба ҳукумати амир ва ба намояндагони ин ҳукумат – бекҳо табиатан нафрат доранд.

Ҳамчунин, дар радифи ин иқтибосҳо як омили дигарро метавон илова намуд, ки баъди забти Осиёи Марказӣ аз ҷониби Русия ҳанӯз амири Бухоро ба императори рус товони ҷанг медод. Қусури ин товон ҳатман ба сари халқи бечора ва заҳматакаш бор буд. Яъне, баробари ҳузури ҳукумати подшоҳӣ дар минтақа аҳволи халқ боз ҳам вазнинтар шуд. Дар ин бобат Б. Ғафуров менависад, ки ҳарчанд ҳукумати подшоҳӣ сиёсати худро дар Осиёи Марказӣ ҷорӣ намуда бошад ҳам, барои тағйири сохти золимонаи Бухоро ягон чорае наандешид, балки зиёда аз ин қасдан ин сохтро боз ҳам пойдортар гардонид [32, с. 661]. Яъне ҳукумати подшоҳӣ чунин низомро барои сиёсати мустамликавии худ, ки аз сиёсати ҳукуматҳои маҳаллӣ ҳеҷ

фарқе надошт ва дар истисмори мардум ҳатто таҷрибаноктар буд, афзалтар медонист. Акнун ҳукуматдорони Бухоро дар симои мустамликадорон ҳомиёни худро ёфта, фишорҳои иқтисодиро ба сари мардум боз ҳам зиёд менамуданд [99, с. 112-113].

С. Айнӣ дар шароити иқтисодии Аморати Бухоро низоми давлатдориро омили асосии касодшавии халқ медонад, ки аз намунаи олии ҳокимияти истибдодӣ ва ғоратгар буд. С. Айнӣ барои боз ҳам равшантар намудани вазъи иҷтимоӣ-иқтисодии халқ ба арзёбии паҳлуи дигари сиёсати амирони Бухоро, аз ҷумла оини таъйину озодсозии мансабдорон таваҷҷуҳ менамояд. Ӯ зикр менамояд, ки дар замони ҳукумати амир Абдулаҳадхон мансабҳои қозигӣ ва раисӣ тамоман ранги иҷораро гирифт. Ин мансабҳо одатан бо усули музояда фурӯхта мешуданд [103, с. 187]. Замони раёсати мансабдорон аз маблағу моли додаи онҳо ба амир бастагӣ дошт. С. Айнӣ ҳатто ба пурсише рӯ меорад, ки қозӣ ва раис ин маблғҳоро аз куҷо дарёфт менамуданд? Ин масъала аз тарафи ӯ хеле равшан шарҳи худро ёфтааст. Қозиҳо аз ҳар ҷанҷол ва даъвоҳо ба қадри зарурӣ маблағ ситонида, як миқдори онро ба амир ва дарбориён медоданд. Барои Раисҳо бошад, ба унвони нозири иҷрои аҳкоми шариат тариқи дарёфти пул ва ба амир доданашон хеле масхараомез буд. Раис қиморбоз, бедонабоз, мурғбозҳоро дастгир намуда, дар ивази маблағ озод менамуд. Ҳамчунин, ӯ зикр месозад, ки агар қиморбоз ва бедонабозҳои ҳақиқӣ ёфт нашаванд, барои пул ситонидан ҳар рӯз 5-10 бечораро бо туҳмат ҳабс менамуд. Раис бо нонвой, қассоб, баққол ва бо дуздони бозорӣ шарик буд [22, с. 17]. Яъне аз амир сар карда то охирин амалдори давлатӣ барои фишору истимори мардум ва амалишавии ҳадафҳои худ аз тамоми васила истифода менамуданд. Ҳамзамон, таҳлилҳо нишон медиҳад, ки чунин сиёсат хоҳ нохоҳ боиси зуҳури ҳаракатҳои мардумӣ мешуд. Вале барои пешгирии ин низоъҳо ҳукумат тадбир ҳам дошт. Ба андешаи С. Айнӣ, нафароне, ки дар масъалаи пардохти маблағ гарданшахӣ менамуданд, ба унвони мухолифи ҳукми шариат ва амир ба ҷазои вазнин гирифтор мешуданд. Дар ин хусус ақидаи

Б. Ғафуров боз ҳам равшантар аст. Мавсуф менависад, ки ҳар як ҳоким метавонист одамонро бе ҳеҷ як асос ба зиндон кашад ва аз оилаву хонааш ӯро маҳрум созад. Касоне, ки хешу ақрабо доштанд, гоҳо тавассути пули зиёд ё ришвадиҳӣ ба ҳоким аз зиндон озод мегардиданд, вале аксаран одамони бекас умри худро дар маҳбас сипарӣ менамуданд [32, с. 661].

Ҳарчанд, ба маъмурони Бухоро аз хазина маош ҷудо намешуд, онҳо метавонистанд бо кадом роҳе, ки набошад аз мардум маблағ биситонид. Дар ин хусус навиштаҳои С. Айнӣ, махсусан дар мавриди шеваи хадамоти миршабҳо ҷолиб аст. Барои миршаби Бухоро ҷиҳати муҳофизати шаҳр аз хазина маош ҷудо намешуд ва қариб дусад нафар тобеони ӯ низ маош намегирифтанд. Миршаб бар ивази сер намудани ҳамин қадар корманд ҳар сол ба амир ҳам як миқдор маблағ медод [22, с. 17].

Аз маълумоти боло бармеояд, ки низоми фарсудаи идории Аморати Бухоро ва сиёсати золимонаи амирон уҳдадории мардум ва вазъи иқтисодии онҳоро душвортар сохт. Ин низом тайи чанд асри охир қариб, ки ба тамоми сулолаҳои ҳукмрони кӯчӣ дар Осиёи Марказӣ хос буд. Агар дар Аврупо ин низом тавассути инқилобҳои буржуазӣ-демократӣ дар асри XVI решакан шуд, вале дар Бухоро он то ибтидои асри XX амал мекард. С. Айнӣ шоҳиди чунин вазъи ногувори иқтисодии минтақа буд. Ҳамин буд, ки ӯ минбаъд сатҳи пасти иҷтимоӣ-иқтисодии Бухороро дар осори худ ба як услуби хос инъикос намуд.

Дар «Ёддоштҳо» доир ба шеваи кори маҳкама ва муносибати қозикалону қозиҳо ба мардум дар Аморати Бухоро менависад: «Ташкил шудани маҳкамаи шаръӣ ва қонунӣ, яъне маҳкамае, ки ҳам қувваи шаръӣ дошта бошад, ҳам қувваи қонунӣ, хеле аҷобат дошт: қозикалон ба одати муқаррариаш дар дохили меҳмонхона дар назди дари боло менишаст; дар беруни он монанди пештара, чунонки дар вақти мурофиаҳои ҳаррӯзаи шаръӣ мекарданд, бурёеро паҳн карда буданд, танҳо фарқ дар он буд, ки бурёи ҳаррӯза хурдтар ва ин бурё калонтар ва васеътар буд; бар рӯи ин бурё Ҷунбул – махдум, Мухторхоҷа, Қорӣ Самеъ, Абдураҳмони рафтор ва Қиём-

махдум менишастанд; Кали Қурбон, ки «вакили аробакаш» буд, аз ҳама канортар ҷой ирифта буд» [5, с. 104].

Барои устод С. Айнӣ на танҳо вазъи тоқатфарсои тоҷикон, балки касбу кор ва зиндагиии ҳиндуҳо дар Аморати Бухоро ҷолиби диққат ва муассир буд. Ба андешаи ӯ, ҳиндуҳои судхӯр одамони бисёр чиркин ва бадбӯй буданд ва ҳарчанд ҳар пагоҳ сару тани худро шӯянд ҳам, ба бӯи баданашон тоқат кардан мумкин набуд. Касбу корашон аз зисту зиндагиашон чиркинтар буд: онҳо ба афтодатарин ва камбағалтарин мардуми шаҳру саҳро ба фоидаи бисёр калон пул қарз медоданд. Зеро одаме, ки аз ягон ҷои дигар қарз карда тавонад, ба онҳо муроҷиат намекард.

Ҳамзамон, С. Айнӣ аз фаъолияти ҳиндуҳои судхӯр ёд мекунад, ки гурӯҳи калони онҳо сарбозони амир буданд. Сарбозони амир аз 10 то 20 танга қарз мегирифтанд ва ин маблағро ба ҳафтаҳо тақсим намуда, дар як ё ду моҳ дучанд карда медоданд [4, с. 50]. Аз сӯи дигар, масъалаи касбу кор ва зиндагиии ҳиндуҳо дар осори ҷуғрофиёнигори дигари ҳамзамони С. Айнӣ ба таври мушаххас ва барҷаста инъикос меёбад. Масалан, ҷуғрофиёнигори тоҷик Гулшанӣ дар асараш – «Таърихи Ҳумоюн» мавзеи зисту зиндагӣ ва касби кори ҳиндуҳоро дар ҳар иёлату вилояти Аморати Бухоро мушаххас тасвир сохтааст. Ба қавли ӯ, шумораи ҳиндувон дар Яккабоғ «назар ба Китобу Шаҳрисабз бағоят бисёр аст. Тамоми онҳо ба эҳтикору рибохорӣ машғуланд, маскани онҳо бар лаби дарё аст, мувофиқи ойини онҳо» [34, с. 117]. Аксари ҳиндувон дар иёлате маскун мешуданд, ки онҳо раставу бозори обод доштанд. Аз соли 1984 дар Аморати Бухоро ҷиҳати пешгирии қочоқи мол ва ҷорӣ кардани назорат дидбонгоҳи қушунҳои рус гузошта шуданд ва ба ин васила нуфузи ҳиндуҳо дарминтақа коҳиш ёфт.

Устод С. Айнӣ дар осораш ба таври ҷузъӣ аз вазъи мураккаби ҳаёти мардум ҳикоят менамояд. Ӯ аз вазъи Шукурбек ном сокине ёдовар мешавад, ки аз дасти амалдорони амирӣ бе сарпаноҳ монда буд. Мувофиқи ин ҳикоят

Шукур баъди аз даст додани ҳавлиаш оилаашро, ки иборат аз як зану духтар буд, «дар як коза шинонида, худ кори ҳар касро карда мегаштааст» [4, с. 62].

Аз сӯи дигар, маълумоти С. Айниро метавон дар бораи вазъи иҷтимоӣ–иқтисодии мардум бар асоси ёддошти хотироти шоҳиди дигари замон афсари артиши подшоҳии рус дар Осиёи Марказӣ – Лилиентал такмил намуд. Ӯ соли 1894 ҳангоми сафараш ба мулкҳои Қубодиёну Ҳисор зикр месозад, ки «Ҳоло се соли фаъолиятам нагузашта буд, ки мардуми кӯҳистон ба назди ман омада, аз маъмурони Бухоро ба таври ошкоро арзу дод намуданд ва аз ман хоҳиш намуданд, ки аз онҳо ҳимоят намоям... Дар кӯҳистон мардум ба маъмурони Бухоро муносибаташон он қадар дӯстона нест» [32, с. 658].

Намояндаи дигари Русияи подшоҳӣ Д. Н. Логофет ҳамчун шоҳиди давр, ки аз вазъи иқтисодию иҷтимоии Бухоро хуб огоҳ буд, дар ин хусус чанд асар навишт. Ӯ сиёсати амирро нисбат ба Бухорои Шарқӣ таҳлил намуда, зикр месозад, ки «Чандин шуришҳое, ки дар миёни солҳои 1875-1890 дар кишвари Ҳисор ва бекиҳои нав ба вуқуъ омадаанд, маъмурияти Бухороро хеле зиёд ба ташвиш андохтанд. Ҳукумати мазкур мардумро зери шиканҷаи оҳанин дароварда буд ва ба сари онҳо андозҳои гарон бор мекард, ки ин омили сар задани ошубҳои нав мегардид. Дар натиҷа ҳамаи онҳо пахш ва тарафдоронашон ба қатл расонида мешуданд» [47, с. 263].

Академик Б. Ғафуров дар пайравӣ ба С. Айнӣ вазъи иқтисодию иҷтимоии Бухороро дар робита ба авзои деҳқонон қайд намудааст, ки деҳқонон чунин арзёбӣ менамоянд ки дар заминҳои амлокӣ ва вақфҳо кор мекарданад, айнан дар вазъи крепостноӣ қарор доштанд. Онҳо аксар вақт дар заминҳои калони амлокдор ва дигар амалдорони амирӣ бо номи «ҳашар» тамоман бе музд кор фармуда мешуданд. Онҳоро бо номи «бегор» дар корҳои сохтмонии амир ва амалдорони ӯ ва таъмиру тоза намудани ҷӯйборҳо истифода менамуданд. Дар умум, ӯ нишон додааст, ки тамоми ин корҳо аксаран аз чор се ҳиссаи вақти деҳқонро дар бар мегирифт [32, с. 658-659].

Арзёбии маълумоти С. Айнӣ ва ҳам А. Дониш, М. Сомӣ, А. Фитрат аз он гувоҳӣ медиҳад, ки маъмурони Бухоро, махсусан ҳокимони вилоятҳо ҳангоми ғорату истисмор ҳама ҳуқуқи инсонро поймол месохтанд. Ин вазъият дар Бухорои Шарқӣ, ки аксар манотиқи тоҷикнишин буданд, ба ҳадди ниҳоӣ расид. Шоёни зикр аст, ки маълумоти С. Айнӣ дар хусуси масъалаҳои мубрами ҳаёти иқтисодию иҷтимоии давраи мазкур комилан ҷанбаи воқеӣ доранд. Ӯ дар рафти арзёбии вазъияти замонаш аз халқи оддӣ ва заҳматкаш тарафдорӣ намуда, омили тамоми бадбахтиҳои даврро ба ҳукумати амирӣ нисбат медиҳад. Ҳарчанд, намояндаҳои Русияи подшоҳӣ бо дарки вазъи ногувори халқ аз сиёсати золимонаи ҳукумати амирӣ интиқод менамуданд, вале ин амал на ба хотири ташхиси ҳақиқат, балки барои нишон додани қудрати Русияи подшоҳӣ дар аморат сурат мегирифт, яъне баҳои онҳо дар навбати аввал, хусусияти субъективӣ дорад. Вале новобаста ба ин, дар осори онҳо таърихи халқ инъикос ёфтааст, ки аҳаммияти калон дорад. Ин матлаб ба мо имкон медиҳад, ки таърихи минтақаро бо услуби интиқодӣ таҳлил намоем.

Дар мавриди вазъи мураккаби омма, аз ҷумла маҷбурсозиҳои ҳукумати амирӣ ва зулму ситами амалдорон С. Айнӣ дар «Ёддоштҳо» ба тафсил маълумот додааст. Махсусан, дар бораи дастдарозии амалдорон ба номуси мардум дар бахши (ҳикоя)-и «Никоҳи духтари нуҳсола» ба таври мушаххас мисолҳо овардааст [4, с. 74].

Ҳамчунин, С. Айнӣ дар «Намунаи адабиёти тоҷик» зикр менамояд, ки «Ин фирқаи мудҳиша фақат ба дастёрии як бахти бешумор бешуур савори саманди ҳукмронӣ гашта, бо саргармии тамом мол, ҷон, номус, шарафу осоиши раъияти бадбахтро поймол менамоянд. Ҳайати умумияи ин ҳокимони пуриқтидор аз ду тоифа, ки ҳеҷ вақте шоёни эътимоди ҳеҷ касе намегарданд, фароҳам расида, қисме ҳакимзодагони ҷоҳил, ки ҳангоми ҳукумати падар ба анвоъи сафоҳату бебокӣ маишат карда, аз тамоми фазоили инсонӣ, ҳатто аз хату саводи зарурӣ ҳам бебаҳра мондаанд» [21, с. 358].

С. Айнӣ дар рафти таҳлили вазъи иҷтимоӣ-иқтисодии давр, мисли дигар маорифпарварон ва зиёиёни ҳақиқатнигор тамоми вижагиҳои объективии рушди ҷомеаро инъикос намудааст. Барои боз ҳам возеҳ сохтани маълумоти ӯ, мо метавонем, аз ахбори муаррих ва маорифпарвари дигари тоҷик Аҳмад Махдуми Дониш чандин мисол оварем. А. Дониш тадбирҳои амир Музаффарро дар бахши иқтисод чунин арзёбӣ менамояд, ки «аз ҷумлаи тадобир, ки амир дар низоми ҳукумат ниҳод, барои ҷалби дилҳо ва ҷамъияти халқ, яке он буд, ки ҳамаи нуқуд, дираму динорро ба нияти ғазо ва аскардорӣ аз миёни халқ бардошт ва дар хазина ниҳод, то агар касеро ба дираму динор эҳтиёҷ афтад, бояд ки сари иродат ба давлатхона ниҳад ва хидмати амир кунад ва зар бибарад» [36, с. 50]. Чунин сиёсат хоҳу нохоҳ метавонист халқро ба амир пойбанд намояд. Ин маънои онро надошт, ки амир ба хотири беҳбудии вазъи халқи бечора онҳоро аз иҷрои маҷбуриятҳо озод месозад. Ё худ А. Дониш дар дигар ҷо менависад, ки «... аксар заминҳои фуқароро барои чаҳорбоғи султонӣ баргузида бихарид ва ҳар ҷо ки боғе медиданд, барои подшоҳ мехариданд, то ҳама фавокеҳу неъмат ба давлатхона ҷамъ бошад ва самъоу тамошо матлаб дорад, бояд ки тоифи ин остона бошад, то аз ин ашё ҳазз (ҳаловат) тавонад бурд» [36, с. 50].

Агар ба маълумоти С. Айнӣ назар афканем, то ҷое аз ҳузуру нуфузи баъзе аз аҳли уламо дар сатҳи ҳокимият воқиф мегардем, ки амир ва амалдорон аз иҷрои баъзе аз амалҳои зишти худ аз онҳо ҳазар менамуданд. Ҳамин аст, ки муллоҳои тақводору воқеӣ аз назари шариат ҳаром будани риё, тамаллуқ ва зулми хону бекҳоро медонистанд ва бинобар ин, онҳо ба амир ва амалдорон наздик намешуданд ва ё дар ҳадди имкон аз манфиати фуқаро пуштибонӣ менамуданд. С. Айнӣ дар шарҳи ин масъала менависад, ки уламои муътабари он давр чашм андӯхтан ба илтифоти хонҳо як тараф истад, ҳатто маблағҳои аз ҳисоби вақф ба дастомадаро, ки аз тарафи хайрдиҳандагон ба уламо расида буд, шубҳанок ҳисобида, намегирифтанд ва маишати хешро бо қувваю мадори бевоситаи худ таъмин намуда, ба халқ бе музд хидмат мекарданд. Махсусан, ӯ шайх Абӯмансури Мотуридӣ Бобои

Порадӯз ва Мири Кулолро, ки аз ҷумлаи машоих ва уламои машҳур буданд, ном мебарад, ки маишати худро аз куҳнадӯзӣ ва кулолгарӣ таъмин менамуданд [22, с. 9-10]. Яъне он уламое, ки аз хону бекҳо манфиатор набуданду дар ин роҳ ҳеҷ кӯшише ҳам намекарданд, табиист, ки ба ҷабру ситами мардум роҳ надода, миёни хон ва амалдоронаш риояти қонунҳои шариатро талқин намуда, дар рафти ситонидани андозу молиёт то ҷое мазлумонро пуштибонӣ менамуданд. Хон низ дар, навбати худ, ба хотири дуру дароз давом намудани ҳукумати худ дар баробари амалҳои сиёҳи худ хоҳу ноҳоҳ маҷбур буд, ки ба хоҳиши ин зумра уламо риоят намуда, тавсияҳои онҳоро дар хусуси муносибати муътадил бо мардум ба инобат гиранд [22, с. 9].

Тавсифи ҳар ду шоҳиди бевоситаи давр баёнгари он аст, ки новобаста аз сиёсати золимона ва хидмати амалдорони бехирад ҳукумати фарсудаи амирӣ нафароне буданд, ки бо илму дониши хеш аз манфиати аҳли заҳматкаш пуштибонӣ менамуданд. Вале теъдоди чунин ашхос хеле кам буд. Онҳо наметавонистанд ба таври муассир вазъро мутлақан тағйир диҳанд.

А. Дониш кайфу сафои ашроф ва вазъи ногувори мардумро чунин тасвир месозад, ки «Дар урдуи султонӣ дар айёми ид қанорҳои нону ҷуволҳои мавиз ва қуттиҳои ҳавлою қандро аз болои арк ба сари халқ мерехтанд, ки баъзе сарҳо мешикасту дидаҳо бармеомад ва ҳамаи атъимаю нон ба таҳти пой майдаю нобуд мешуд, ки касе аз он мутматтоъ намешуд ва лекин дар ҳарамсарои султонӣ ҳамаи мулозимону маҳрамон ва истиқоматиёну амалдорон гурусна буданд, ки маҷоли такаллум надоштанд ва шабҳангом, ки мураххас мешуданд, ба хонаи худ оби холису нони хушк камтар меёфтанд...» [36, с. 55]. Ин сиёсати намоишкоронаи амирони Бухоро, махсусан дар замони амир Музаффар ба дараҷаи олӣ расид. Мувофиқи маълумоти муаррихон, теъдоди иду ҷашнҳо дар давраи мазкур хеле зиёд шуд ва қариб ҳар рӯз дар дарбор тӯю сурур ва шодӣ буд. Албатта, ин маросимҳои дарборӣ ҳосили заҳмати мардуми одӣ буд, ки тавассути

андозҳои гарон ситонида мешуд. С. Айнӣ дар асарҳояш, махсусан «Ёддоштҳо» вазъи ҳунармандӣ ва аҳволи ҳунармандони Бухороро дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX ба таври барҷаста тасвир кардааст [91, с. 26-36].

С. Айнӣ дар хусуси шаҳватпарастии амирони Бухоро, махсусан Музаффар, ки як омили асосии фишори равонӣ ба мардум буд, менависад, ки «Шаҳватпарастии амир Музаффар ба ҳадде расид, ки ҳеҷ як духтари соҳибҷамолро падараш бе иҷозаи махсуси амир ба шавҳар дода наметавонист. Барои ин хидмат чандин аҷузаи далоларо муқаррар карда буд. Ҳар духтареро, ки дар ҳусн ва ҷамол муносиби хилвати амир меёфтанд, дар коғази махсус навишта, манзури назараш мекарданд. Амир ҳар кадоми аз онҳоро, ки хоҳиш кунад, ба хилвати хосси худ талабида, тасарруф мекард. Баъд аз чанд гоҳ ба яке аз мутааллиқони худ никоҳ карда медод» [9, с. 46].

Дар ин боб муаррихи дигари вақт Мирзо Азими Сомӣ қайд месозад, ки «Дар ҷавр ва эътисоф аз падар пешӣ гирифт, то рафта-рафта кор ба таҷовуз аз ҳудуди шаръиёт кашид» [9, с. 42].

Бояд зикр намуд, ки хонҳо барои назари фиреби аҳли фаҳми ҷомеа ва хуб ҷилва додан худ дар назди амир мадрасаҳои калон, хонақо ва китобхонаву ошхона месохтанд. Ба ибораи С. Айнӣ, бек ва бойҳои калон ҳам дар тақлид ба ин кори хонҳо мадраса ва хонақоҳ сохта, вақф таъсис медоданд. Дар натиҷа, дар Бухоро теъдоди мадрасаҳо хеле зиёд шуд, ки аз дигар гӯшаву канори Туркистон ҳам ҳазорон талабаҳо барои таҳсил меомаданд. Бар замми ин, С. Айнӣ қайд менамояд, ки хонҳо дар рафти ба мадрасаҳои калон мударрис таъйин кардани ину он байни муллоҳои калон як навъ мубориза андохта, ба мақсади таҳкими нуфузи худ дар миёни муллоён аз роҳҳои мухталиф истифода менамуданд. Дар натиҷа, муллоён ба такягоҳи амирон табдил меёфтанд. Хонҳо ба ҳимояи муллоён аз номи шариати исломӣ ба фуқаро хукмравоӣ карда, шуру ошубҳоеро, ки ба муқобили зулму ситам бармехост, ба номи «ёғӣ ё осӣ» пахш менамуданд

[22, с. 12]. Уламо низ, дар асоси ярлиқҳои мухталифи амир барои хуб ҷилва додани худ ва эҷоди робитаи қавӣ бо амир фатвоҳое ба манфиати амиру амалдорони ӯ мебароварданд. Ба қавли С. Айнӣ, ҳар касе ки ба муқобили уламо ҳарфе занад, ба унвони мухолифи шариат ба ҷазои сахттарин гирифтор мешуд. Чунончи дар «Ёддоштҳо» аз аробакаше дар давраи ҳукумати амир Абдулаҳадхон ёд мешавад, бо сабаби мунокишааш бар сари пули кироя бо як ду мулло ӯро дар асои фатвои уламо ба уштуре савор намуда, бо сангу кулӯхҳо зада куштанд [6, с. 1113 ]. С. Айнӣ дар мавриди толибилмони мадрасаҳои ташкилнамудаи хонҳо, ки дар онҳо дастмузди мударрисон аз моли вақфҳо пардохт мешуд, каме ҳам бошад, ибрози назар менамояд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки агарчи бархе аз толибилмон ба хотири касби илм талош доштанд, вале аксар ояндаи худро дар симои ин мударрисони муфтхӯр тасаввур карда, ба ин восита қисми зиёди онҳо ба доираҳои ҳукмрон ва моликони мадраса вобаста мешуданд.

Дар «Намунаи адабиёти тоҷик» чунин арзёбӣ мешавад, ки «ин бечорагон айбе надоранд, аз ҳар ҷиҳат мустаидданд, фақат ҳамин қадар ҳаст, ки намедонанд» [21, с. 359].

Бояд зикр намуд, ки дар китобҳои «Таърихи инқилоби Бухоро» ва «Ёддоштҳо» С. Айнӣ бештар ба масоили хусусигардонии мадраса ва хобгоҳҳои он аз ҷониби уламои расмӣ таваҷҷуҳ намудааст. Мувофиқи маълумоти муаррих, уламо ҳуҷраҳои мадрасаҳоро ҳамчун мулки хусусӣ ба наздикон ва шогирдони худ абадӣ медоданд. Ин одат аз замони амир Ҳайдар шуруъ шуд ва мувофиқи ахбори С. Айнӣ, дар давраи амир Музаффар ва Абдулаҳад ҳеҷ як аз талабаи камбизоат аз мадрасаҳои калон ҷойи истиқомат намеёфт. Вақфҳои ба талабагон мансуб будаи ин ҳуҷраҳо ба ҳаққи ҳалоли моликони нави онҳо табдил ёфта буд. Ҳуҷраҳои хурди мадрасаҳо ба шогирдон ба муҳлати муваққатӣ ва ҳуҷраҳои калон ба талабагони истиқоматакунанда бо бадали як ду ҳазор сӯм дода мешуд, ки чунин маблағро «истиқоматгарав» меномиданд [22, с. 13].

Қобили зикр аст, ки олими тоҷик С. Табаров бар асоси қиёси маълумоти А. Дониш, С. Айнӣ ва А. Фитрат дар хусуси замони ҳукмронии амирони манғитӣ ба хулосае меояд, ки вазъи иҷтимоӣ-иқтисодии халқ баробари ба тахт нишастани амир Музаффар боз ҳам муташаниҷ гардид. С. Табаров саҳми С. Айниро дар инъикоси ин давраи пурмоҷарои таърихи халқи тоҷик хеле бузург арзёбӣ менамояд. Ӯ дар асоси маълумоти ин муаррихон ба чунин натиҷа мерасад, ки «дар замони ҳукумронии амир Музаффар тақдири чи тамоми табааву мардум ва давлату ҳукумат, чи ҳамаи ҳаёти маънавию моддии тамоми синфҳо ва қавму қабилаҳои кишвару маҳалҳо ва чи рӯзгори ҳаррӯзаи аҳли фуқароро амалдорони нокасу ҷоҳиле, ки бо Музаффар омада буданд, ҳаллу фасл менамуданд» [65, с. 57]. Албатта, ин ҷо сухан дар бораи амалдорони Кармина меравад, ки баъд аз вафоти амир Насруллоҳ ба Музаффар пайвастанд. Аз маълумоти А. Дониш бармеояд, ки аҳли аморат, махсусан сокинони шаҳри Бухоро мардуми аз Кармина овардаи Музаффарро чашми дидан надоштанд. Сабаби инро муаррих дар разилу бадфеъл, манҳусу ҷоҳил ва шуму бадхислат будани онҳо мебинад, ки ҳамаи ҳамаи кору амалашон бо ситам, истисмор, дуздӣ, ҷабру зулм алоқамандӣ дошт [37, с. 21].

Агар маълумоти Айнӣ ва Донишро таҳлил намоем, пас мантиқан ҳеч яке аз амирони манғит адолатпеша набуданд. Ҳар яке бо золимию ҷаҳолати худ номдор шуда буд, Насруллоҳ бо қотилӣ, Музаффар бо золимию дурӯягӣ. Албатта, аҳволи халқ ва сатҳи иқтисодӣ нишондоди бевоситаи вазъи сиёсати давру сарварони сиёсӣ маҳсуб меёбад. Ҳақ бар ҷониби С. Айнӣ буд, ки чунин ҳукумати нотавон, ки омили касодии мардум, махсусан халқи тоҷик шуда буд, дигар моҳияти ҳастӣ ва бақое надошт. Аз рӯзи аввал қишри зиёии тоҷик ба хотири ҳифзи аҳли заҳматкаш ба муқобили чунин сиёсати золимонаи давр бархостанд, ки боз дар миёни онҳо Аҳмади Дониш, Садриддин Айнӣ ва ҳаммсалаконашон пештоз буданд.

С. Айнӣ низ ба мисли А. Дониш кирдорҳои бади бедодгаронаи амир Музаффарро, ба монанди маккорӣ, дурӯягӣ, авомфиребӣ, қаллобӣ, қатли

ом, яғмову ғорат, зулму ситам тасдиқу фош менамояд. Ба анешаи ӯ, «Амир Музаффар дар ибтидои ҷулуси хеш барои мардумфиребӣ рӯзе чанд равияи адл ва додро пеш гирифт. Ҳамин ки хотири худро аз пойдории ҳукумат ҷамъ дид, дасти татовул ва таҷовузро ба мол, ҷон, ирз ва номуси фуқаро дароз кардан гирифт. Ҳар касеро мехост, бе пурсиш ба қатл мерасонид» [65, с. 59].

Устод С. Айнӣ барои боз ҳам равшан намудани разолату ҷаҳолати амир Музаффар як қатор далелҳои равшану муайян ва мушаххасе дар мавриди ошкор сар задани одамон дар бозори Ресмони Регистон, ба дор овехтани маҳкумшудагон дар бозори Хар ва ба зер андохтани гунаҳкорон дар Манораи Арк мисол меорад [11, с. 40-42].

Барои таъйиди маълумоти С. Айнӣ лозим, аст, ба ахбори муаррихи дигари давр (яъне шоҳид) А. Фитрат назар намоем. Ӯ дар ёддоштҳои худ бо мисолҳои зиёд аз ҷаллодию хунхории амир Музаффар далел меорад: «Музаффар дар ҷаллодӣ ва даррандагӣ ва фисқу фуҷур аз падари худ даҳ лой зиёдтар буд. Маҳз аз сабаби он, ки чашми халқро аз сиёсат ва ғазаби худ тарсонад, одамони зиёди бегуноҳро бо каме гуноҳ мекушт ва ба дор меовехт, аз Манор ва Нақорахонаи Арк ба поён мепартофт» [67, с. 14-14].

Аз маълумотҳои дар боло маълум мешавад, ки Абдураъуфи Фитрат ҳам дар хусуси ҷоҳилу золим будани амир Музаффар бо А. Дониш ва С. Айнӣ ҳамфикр буд.

Аз матолиби боло маълум мешавад, ки дар даврони ҳукумати амир Музаффар нисбат ба мардум ҷабру зулм, азобу кулфат ва ғоратгарию бедодӣ ба як ҳодисаи муқаррарӣ табдил ёфта буд. Ба қавли А. Дониш ва С. Айнӣ, амалдорону ҳарбиёни дар гузашта бе хираду нодор, ки алакай мансабдор буданд, дар масъалаи макидани хуни мардум, ғорати сарвату молу мулки аҳли заҳматкаш, аз ҳеҷ гуна парҳезкорӣ намекарданд. Тамоми андозу даромадҳоро ба фоидаи худ ҳал намуда, дар назди ҳеҷ кас ҳисобот намедоданд. Ин тоифаи аз Кармина овардаи амир тамоми разолату амалҳои ғайришаръиро нисбат ба оммаи тамоми мамлакати Бухоро, махсусан аҳолии

тоҷикнишини Ҳисор, Куҳистон, Фарғона, Уротеппа, Бухорои Шарқӣ ва Тошканду навоҳии он лоиқ медонистанд. Ба ғайр аз ин амалҳои фосидона дар зиндонҳои аморат маҳбусон ҳеҷ гоҳ озод намешуданд ва рӯзи равшанро намедиданд. Ба ибораи А. Дониш «вақте, ки маҳбасҳо аз бандӣ пур мешуданд, бароварда рама-рама ба қатл расонида мешуданд» [36, с. 21].

Устод С. Айнӣ ҳам ба мисли А. Дониш ба ин бовар буд, ки «амир Музаффар дар аморати Бухоро хунрезию золимиро аз ҳад зиёд намуд. Аз ин лиҳоз мардуми аморат алалхусус тоҷикони Ҳисори Шодмон, Куҳистон ва вилоятҳои дигар аз солҳои аввали ба тахт нишастани ӯ даст ба шӯру ошуб заданд. Ҳамин буд, ки амир ба тарафи Куҳистон лашкар кашида, қаҳран забт намуд» [11, с. 42]. С. Айнӣ ба мисли Аҳмади Дониш як амали разилона, қабеҳ ва пасти амир Музаффарро дар тайини ҷазоҳои сахт, ҳукми ҳабсу қатли ҳозорҳо одамони бегуноҳ медид, ба фаҳмиши куркуронаи амир ва фатвои уламои хуруфотпараст мувофиқ буданд. Муаррих чунин муносибати золимонаю истисморгароёнаи амирро омили асосии коҳиши сатҳи иҷтимоию иқтисодии мулк медонист, ки то андозае ин дидгоҳ ба нигоштаҳои шоҳиди дигари вақт − Мирзо Азим Сомии Бӯстонӣ «Таърихи салотини Бухоро» ҳамхонӣ дорад. Мирзо Азими Сомӣ, ки муншии амир Музаффар ва таърихнигори манғития аст, дар хусуси амир Музаффар зикр менамояд: «Дар ҷавр ва бедодгарӣ аз падар (яъне амир Насруллоҳ) пешӣ гирифт, (чаро фарзанди қобил аз падар даҳ сер кам бошад?). То рафта-рафта кор ба таҷовуз аз ҳудуди шаръиёт кашид. Ал-оқилу якифиҳул ишорат (ба оқил як ишора кофист). Аз ин зиёда маҷоли такаллум нест ва фӣ-з-зиёдати қатъ-ул- ҳулқум (аз ин зиёд қайд намудан сабаби бурида шудани гулӯ, яъне омили ҳалокат мешавад)» [11, с. 42].

Агар вазъияти иҷтимоии нимаи дуюми асри XIX-ро аз нигоҳи С. Айнӣ ва дигар муаррихон таҳлил намоем, маълум мегардад, ки хурдтарин унсури ҷамъиятӣ, ки марбут ба ҳуқуқи мардум ва амалдорон буд, дар зери назорати ҷиддии амир қарор дошт. Ин на ба хотири танзими ҷомеа, балки ба хотири ҳифзи манфиатҳои амиру дигар дарбориёнаш буд. Ин танзимот нишони он

буд, ки амир қудрату тавоноӣ надорад, балки ҳукуматаш бар асоси зулм арзи вуҷуд дорад. Вале таърих исбот намудааст, ҳукумате, ки дар сатҳи олӣ манфиатҳои мардумро ҳимоя намекунаду оммаро ба сифати сарчашмаи асосии ҳокимият намешиносад, дуру дароз вуҷуд дошта наметавонад. С. Айнӣ низ ҳамчун зиёии замони худ аллакай дарк намуда буд, ки ҳукумати Бухоро кайҳо ҳуқуқи мавҷудияти худро аз даст додааст. Баъзан ҳолат С. Айнӣ ташхиси дурусти аҳволи халқ аз вазъи ноҷури худи амалдорони давлатӣ мисол меорад. Яке аз идомадиҳандагони кори С. Айнӣ − Фитрат дар рисолааш «Давраи ҳукмронии амир Олимхон» ба мисли Устод тасдиқ менамояд, ки аъёну ашроф, сипоҳу амалдор ва маъмурони назди дарбори амир бе иҷозати ӯ ҳуқуқи зан гирифтан надоштанд. «Ҳар кас ки зан гирифтанӣ шавад, маҷбур буд аввало ба амир ариза навишта маълум кунад. Амир духтаре, ки соҳиби ариза гирифтанӣ аст, соҳибҷамол мебуд, барои худаш мехост ва илло соҳиби ариза рухсат медод» [67, с. 14-15].

Чунин маҳдудият миёни омма ба ҳадди ниҳоӣ расида буд. Қасди амалҳои амир, ки нисбат ба дарбориёну амалдорон сурат мегирифт аз мардуми бечора ва заҳматкаш ситонида мешуд.

Дигар омили коҳиши сатҳи иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа ба назари муррихони шоҳид дар лашкаркашиҳои амирон ба минтақаҳои мухталифи тоҷикнишин ифода меёфт. Дар омӯзиши ин масъала низ таълифоти Айнӣ ҷолибанд. Ӯ дар «Таърихи амирони манғитияи Бухоро» роҷеъ ба лашкаркашӣ ва тохтутозҳои пайдарпайи амир Музаффар ва Абдулаҳад бар асоси омӯзиш ва таҳлили чандин асарҳои таърихӣ маълумоти муфассал гирдоварӣ намудааст. Бар асоси маълумоти ӯ, амир Музаффар аз соли 1861 ба вилоятҳои Ҳисор ва Куҳистон, ки манотиқи тоҷикнишин буданд, лашкар кашид ва он ҷойҳоро бо ваҳшониятҳои бе мислу монанд, бо қувваи шамшер забт намуд. Ӯ бар асоси маълумоти «Таърихи салотини Бухоро» Мирзо Азими Сомӣ лаҳзаи қатли тоҷикони Деҳнавро чунин қаламдод менамояд: «Амир Музаффар дар мамлакати Бухоро хунрезиро аз ҳад гузаронид. Ба ҷавру зулм ва ситами амир тоқат накарда, мардуми вилояти Ҳисори

Шодмон ва Кухистон исён намуданд. Вақте ки дар муҳорибаи Деҳнав ҳазор нафар асир афтод, дар назди хаймаи худ ҳамаро сар аз тан ҷудо намуд. Монанди махмуре, ки барои нӯшидани шароб тахолуқ меварзад, ба чашми худ рехтани хуни асиронро тамошо карда ҷаллодро ба суръат амр мефармуд» [11, с. 42-43]. Дар натиҷаи лашкаркашии амирони манғития дар манотиқи тоҷикнишини Ҳисору Кухистон харобӣ ва қатли одамон зиёд гардид. С. Айнӣ низ ба мисли А. Дониш омили асосии чунин харобию қафомондагиро ба бесаводию бехирадии амалдорони аморат ва худи амир нисбат медиҳад.

А. Дониш ҳангоми ошкорн намудани низоми истибдодии давлати Манғитиён чунон ҷасорат нишон дод, ки аз амали баъзе рӯҳониёни иртиҷоӣ ҳам интиқод намуд. Ӯ ҳамаи бадбахтӣ ва нопокию харобии давлатро дар ақоиди иртиҷоии баъзе аз уламову амалҳои ҷоҳилонаи онҳо дар сарзамини Мовароуннаҳр дид ва ҷоҳилию нодонӣ, нопокии амирон, бефаросатии аксари умаро ва аъёну ашрофро сабабгори он медонист. «Дар оянда касоне, ки зиндаанд, хоҳанд дид, ки ҳар чи давлату моле дар хазоинаи омира бад-ин гуна зулму ҷазр ҷамъ гардидааст, тӯшаи куффору ғанимати фуҷҷор гардида, саркардагон охир сари худҳоро ба дор хоҳанд супорид ва амирону валоён ҳамчунон бенасиб ба хусрони абадӣ гирифтор хоҳанд шуд, ва-л-илму нида-л-лоҳу» [37, с. 96]. Чунин вазъ хоҳу нохоҳ омили коҳиши сатҳи иҷтимоӣ-иқтисодии ҷомеа ва бухронҳои шадид мегардид.

С. Айнӣ чун шоҳиди бевоситаи даврони амири дигари Бухоро – Абдулаҳадхон буд, воқеияти замони ӯро дар осораш бо таври хеле ошкоро ва мукаммал инъикос меанмояд. Ӯ зикр месозад, ки Абдулаҳад баъд аз ба тахт нишастанаш ғайр аз ҳокими Ғузор Миркарам дигар ҳама бародарони худро ҳабс ва бандӣ намуд. Аммо чунин авомфиребӣ, намоишкорӣ, зоҳирфиребӣ, макру ҳила, шариатпарварии бардуруғ ва диндории амири дурӯя дер идома накард [65, с. 161].

Соҳиб Табаров таърихи амирони манғитияро аз нигоҳи се маорифпарвари тоҷик мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор дода, саҳми С.

Айниро дар инъикоси таърихи охири асри XIX муассир арзёбӣ менамояд. Махсусан, хидмати бузурги ӯро дар инъикоси даврони ҳукмронии амир Абдулаҳад ва вазъи иҷтимоию иқтисодии халқи тоҷик, ки шоҳиди бевоситаи давр буд, ситоиш намудааст. Дар ҳақиқат, ягона сарчашмаи таърихии бовариноке, ки оиди давраи мазкур маълумот медиҳад, ин осори С. Айнӣ мебошад. Мувофиқи маълумоти С. Айнӣ, амир Абдулаҳад зоҳиран худро порсо, парҳезкор, тақводор ва мутаварреъ вонамуд мекард ва «илова бар ин, шавоҳид ва амориди рикобии хеш нафси аммораташ мехост, ки ҳар амрадеро шуҳрате ёфта бошад, ақалан як бор ба хилвати худ ҷалб намояд» [11, с. 107]. Диққати С. Айнӣ бештар ба қароргоҳи муввақатии амир Абдулаҳадхон дар  Кармина ҷалб шуда буд.  Ӯ яке аз сабабҳои аз аз Бухоро дур маъво гирифтани амир Абдулаҳадро дар аз ҳад зиёд арзу шикояти мардум нисбат ба  амир мебинад.

Таҳлили матолиби осори С. Айнӣ ва дигар шоҳидони вақт нишон медиҳад, ки барои пӯшонидани хароҷотҳои рӯзафзуни ноҷои амир Абдулаҳадхон, ки молу маблағи хеле зиёд сарф мешуд, пардохти андозҳои нав роҳандозӣ гардид, ки вазъи тоқатфарсои мардумро боз ҳам шадидтар сохт. Дар давраи ҳукмронии ӯ ситонидани хироҷ, ушри зироат, закоти савоим, амволи луқата, закоти моли тиҷоратӣ, закоти шавореъ, закоти роҳҳо, авқофи мусодирашуда, аминомаи бозорҳо ва хусусан пешкаш, шукрона, ҳадя, тухфа, мукофоту савғои вазиру ҳакимон, қозиву раисон, аҳли рикобу дарбор, аъёну ашроф ва монанди инҳо аз боло то поин барои амир Абдулаҳад чанд баробар афзуд. Барои он ки касе аз як зинаи қозигии одӣ, яъне қария, туман, шаҳр, вилоят то мансаби  қозиюлқуззоти давлат бирасад, бояд  то замони дарёфти фармон ба амир ба унвони рамзии шукрона пешкаш тақдим менамуд.

Дар ҳақиқат бе моҳонаи аниқ рӯзгори серу пур доштани амир ва дигар думравони ӯро устод С. Айнӣ на як бору ду бор, балки дар ҳар мавриди зарурӣ бо ҳар оҳанг мазамат меанмояд. Чунончи, ҳамин мазмунро дар «Ёддоштҳо»-яш бо як нафрат ва тундбаёнӣ таъкид мекунад, ки тамоми

амалдорон дар тороҷ кардани аҳли заҳмат бо ҳамдигар итифоқ доранд ва дар ин роҳ ҳатто аз ягон разолат рӯ намегардонданд [103, с. 286].

Бар асоси маълумоти С. Айнӣ дар даврони ҳукумати амир Абдулаҳадхон қозиҳо маҷбур буданд, ки ҳар сол чанд бор, ки амир аз шаҳре ба шаҳре дар қаламрави худи Аморати Бухоро сафар намояд ва ё ба Петербург барои кайфу сафо ва маишату фароғат ба сайёҳат мебаромаданд, пешкаши иловагии зарурӣ оранду супоранд [65, с. 161]. Барои боз ҳам равшантар намудани масъала метавон аз худи С. Айнӣ иқтибосе овард. Ӯ тазаккур медиҳад, ки «Нафаре ба ҷое қозӣ таъйин шавад, бар ивази гирифтани ин фармон ба амир ба унвони шукрона як пешкаш тухфа намояд. Аз ин пас ҳар маротибе, ки амир аз шаҳр ба шаҳре раҳсипор гардад, ё ин ки ба яке аз вилоятҳои Русия равад, як миқдор маблағ накда ҳам барои харҷ медиҳад. Қозӣ барои мансубиаш дар ҳар вақти наврӯз ё ба иди рамазон ва қурбоне, ки фаро мерасид, як пешкаш ва ё туҳфа ба унвони «Идӣ ба амир» равон менамуд. Дар умум, мувофиқи гуфтаи муаррих соле то даҳ дувоздаҳ маротиба фиристодани пешкаш ба амир қариб иттифоқ меафтод. Пешкаш аз чанд буғча либос, асп бо тамоми абзолаш ва чанд либосвор шоҳӣ ва монанди инҳо иборат буд» [11, с. 110].

Илова бар ин маълумоти С. Айнӣ як чизи дигарро перомуни ҷабру зулми зиёди мардум зикр намудан лозим аст, ки вақте қозие аз вазифааш барканор мегардид, ба унвони бақия ва луқата, яъне моле, ки меросхӯр надошту амволи давлатӣ дониста мешуд ва онро ҳам қозӣ аз аҳли фуқаро ҷамъоварӣ намуда, ҳамчун пешкаши лоиқ ба дарбор мефиристод. Дар акси ҳол, мабодо қозӣ ба вилоят ё тумани бузургтаре таъйин мегардид, ин пешкаш даҳҳо маротиб меафзуд. Аз ин маълум мегардад, ки дар Аморати Бухоро, ба унвони як давлат анъанавию феодалии Шарқ, баъд аз амиру вазир, аз ҳама шахсони сарватманд қозӣ маҳсуб меёфт.

Шоёни зикр аст, ки ҳар қадар осори устод Айнӣ ва дигар муаррихони шоҳиди вақтро мавриди таҳлилу омӯзиш қарор диҳем, ҳамон қадар заъфи сиёсати иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар Аморати Бухоро ошкор мегардад.

Баррасии осори С. Айнӣ нишон медиҳад, ки истисмору ғорати аҳли заҳмат дар ҷомеа танҳо бо фишори амалдорону сарватмандон, махсусан қозиёни даврони амир Музаффару Абдулаҳад ва пешниҳоди пешкаш охир намерасид. Бино бар маълумоти С. Айнӣ, дар замони ҳукмронии амир Абдулаҳад уламо аз назар дар ҷомеа мансабдӯсту ҷоҳпараст ва дар аксар маврид ҳатто амирон ба қозиён вобаста буданд. Амир Абдулаҳад бо мақсади мутеъ сохтану тарсондани уламо, махсусан қозиён, сиёсати махсусеро дар давлат пеш гирифт, ки ин ҳам бошад аз табадуллот иборат буд [11, с. 113].

Таҳқиқот нишон медиҳанд, ки дар охири асри XIX, яъне даврони ҳукмронии амир Абдулаҳадхон, ба мисли пешин ҳамаи аҳли дарбор аз ҳокимон сар карда, то қозикалону муҳтасибон, ассасҳо, вазир аз марказ то деҳаву қарияҳо аз хазинаи давлат маош намегирифтанд ва ба ибораи С. Айнӣ «аз хазина чизе мегирифта бошанд, ҳам ба ҳеҷ дарди эшон даво намекард». Ҳамин буд, ки тамоми мансабдорону амалдорони хурду бузург бо кадом роҳе, ки метавонистанд, пулу мол ва сарвати доштаи фуқароро ба манфиати худ ғорату истисмор менамуданд. Дар чунин ҳолат низ сарвати гирдовардаи ин амалдорони хунхор қисман моли амир мегардид. Бо ибораи дигар «об аз боло лой» буд. Ин тартиботи амирӣ ва шеваи кори амалдорон ба иқтисоди давлат ва сатҳи зиндаги мардум таъсири номатлуб мегузошт. Ҳуқуқу озодиҳои мардум аз тарафи ҳукумат умуман пуштибонӣ намешуд. Ҳукумат як вазифа дошт – ғорати аҳолӣ, ки ин сиёсати давлатро аз ҷомеаи пешқадам чандин фарсах дур мекашонд. Дар ин бобат устод С. Айнӣ як мисоли равшанеро меорад, ки дар аҳди амир Музаффар ва Абдулаҳад тоҷирон ва соҳибони корхонаҳои Русия пахта, пашм, пӯст ва ашёи хом харидорӣ мекарданд ва дар ҷомеаи Бухоро соҳиби мутлақ буданд. «Мабодо дар байни мардуми Бухоро ва намояндагони тиҷоратии Русия мунозиае ба вуқуъ меомад, ҳукумати Бухоро ҳуқуқи райияи худро ҳифозат карда наметавонист, балки машруъ аст ё ғайримашруъ воситаи иҷрои талаб ва орзуҳои тоҷирони Русия мегардид» [11, с. 131].

Абдурrауфи Фитрат низ вазъи ҳуқуқии давлату мардуми Бухороро арзёбӣ намуда, давраи ҳукумати амир Абдулаҳадро замони таҳкими қудрати подшоҳии Русия дар Бухоро медонад. Ӯ ба чунин бовар буд, ки бо тасарруф ва забти Русия ва ба воситаи ин давлат худсариҳо ва он ваҳшатҳое, ки аз Раҳимбӣ сар карда то амир Музаффар дар даврони ҳукмронии худ менамуданд, дар замони Абдулаҳад нисбатан камтар ба чашм мерасид» [67, с. 15]. Ба назари Табаров, амир Абдулаҳад нуфузу иҷборҳои хусусияти ҳимояткунандаи Русияро ҳама вақт дар ҳар кори худ ба назар гирифта, он худсарӣ ва ваҳшиёнатҳои пешгузаштагони худро андаке ҳам бошад, камтар менамуд, ки онро нисбатан ҳодисаи мусбӣ арзёбӣ намудан мумкин аст.

Шоёни тазаккур аст, ки Русияи подшоҳӣ умуман дар фикри аҳли заҳмат ва беҳтаршавии сатҳи зиндагии мардуми маҳаллӣ набуд. Он чун мустамликадор чораҳое дар ин бобат андешид, танҳо ба хотири пешбурди мақсадҳои худ, яъне истеҳсоли барзиёди ашёи хом ва бо нархи арзонтарин дастрас намудани он равона шуда буд. Дар ин хусус метавон ақидаи муаррихи тоҷик Намоз Ҳотамовро дуруст арзёбӣ намуд, ки мувофиқи он акнун халқи заҳматкаш аз ду тараф истисмор мешуданд [69, с. 47]. Истисморгари асосӣ ва таҷрибадор худи Русия буд, на Бухоро.

Дар акси ҳол, Фитрат вазъи иқтисодӣ-иҷтимоии Аморати Бухороро ба назар гирифта, ба мисли Айнӣ дар ин хусус баҳои объективӣ додааст. Аз таҳлили омории ӯ бармеояд, ки Абдулаҳад аз як ҷониб худаш ҳам ба хариду фурӯши молҳои тиҷоратӣ шуғл дошт. Аз ҷониби дигар, тамоми мансабҳои идории давлативу ҷамъиятиро чи бо пули нақд ва чи бо молу сарват фурӯхта, ин амволро барои амалҳои номатлуби худ сарф менамуд. Фитрат тарзу усули ҷамъоварии андозҳои ҳангуфти мамлакатро ба монанди ушр, закоту савоим, ҳиссаи хироҷи заминҳои зироат, ҳақи подшоҳӣ, аминона ва ғайраро, ки марбут ба охири асри XIX аст, дар осори худ зикр месозад, ки матлаб маълумоти С. Айниро тасдиқу такмил менамоянд. Андешаҳои Фитрат ва дигар шоҳидони вақт гувоҳи он аст, ки манфиатҳои мардумӣ аз манфиатҳои давлатӣ фарсаххо дур буд. Дар доираи ҳокимияти давлатӣ

мафҳуми халқ  ва ҳуқуқи фитрии ӯ ҷой надошт, балки он ҳамчун воситаи муҳофизати манофеъи синфи ҳоким шинохта мешуд.

Ба ақидаи муаллиф, давлатро дар давраи мазкур метавон ҳамчун восита ё омили асосии ҳифзи манфиатҳои ақаллият номид, ки шумораи онҳо ҳамагӣ ба 10-15% мерасид. Халқи заҳматкаш чандин асрҳо инҷониб дар орзуи барҳам задани чунин як низоми истибдодӣ буд. Вале як чиз ба халқ намерасид, ва он ҷаҳонбинии дунявӣ ва динии солим буд. Аксар дар тӯли асрҳои охир аз мадорису макотиб дур ба зироату деҳқонӣ пойбанд монда, баҳри боз ҳам афзудани боигарии амалдорони  намудани бойгарии амалдорони амирӣ аз ҳад зиёд заҳмат кашиданд. Вале ин кор ҳеҷ омили пешрафти давлату халқ намешуд, балки рӯз то рӯз чунин низоми нодурусту ноустувор омили касодии минтақа ва мардум мегардид. Дарки нодурусти ислом дар заминаи шарҳи якҷанбаи ҳавохоҳони тартиботи амирӣ–руҳониёни мансабпараст халқро ба сабру таҳаммул мутмаъин сохта буд.  Ҳарчанд мадрсаҳо ба хотири омӯзиши аҳкоми динӣ амал мекарданд, вале вижагии оммавӣ касб накарда буданд. Танҳо табақаи болои ҷомеъа, ки аз фарзандони амалдорон, руҳониёни мансабдор таркиб ёфта буд, ҳуқуқи таҳсил  дар ин муассисаҳоро  доштанд. Вале таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар мадрасаҳои Бухорои (нимаи дуюми асри XIX) ҳоло ҳам илмҳои дунявӣ ба таври комил дарс дода намешуд. Ин омили асосии аз илми дунявӣ дур шудани мардум ва қафомонии минтақа  буд. Ҳукмати Русияи подшоҳӣ, ки алакай аз солҳои 70-уми асри XIX  дар  Бухоро комилан таъсиргузор буд, онро ба нимустамликаи худ табдил дод. Ин ҳукумат аз чунин як низоми суннатии таълим манфиатдор буд ва то ҷое метавонист боз ҳам дар таҳлили истибдод ба амир кумак мерасонд. Чунки барои Русияи подшоҳӣ ва Аморати Бухоро мардуми таҳсилдида  лозим набуд, балки баръакс, яъне қишри заҳматкашу зулму ситампазир беҳтар буд,  ки хазинаи ҳар ду давлати истибдодӣ  шавад.

Дар байни осори С. Айнӣ романи «Ғуломон» [13, с. 96]  аз лиҳози матолиб ва шарҳи амиқи баъзе ҳаводиси ҳаёти халқ, осори таърихӣ аст. Дар

асари мазкур таърихи садсолаи иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсии Аморати Бухоро бо баъзе ҷузъиёти фоҷеавӣ ва муборизаҳои халқи меҳнаткаш барои касби озодӣ инъикос гардидааст. Шарқшиноси барҷаста И. С. Брагинский нисбат ба истеъдоди фитрии С. Айнӣ зикр менамояд, ки «ӯро дар ин давра фақат «нахусткашшоф» номидан мумкин аст» [30, с. 9].

Сирри шуҳрати романи «Ғуломон» дар он аст, ки ба ҳадди имкон ҳаёти мардуми Осиёи Марказиро ба услуби бадеӣ инъикос менамояд. Дар он вижагии касбу зиндагии ҷудогона ба таври амиқ ва мунсифона ба риштаи тасвир кашида мешавад. Дар ин радиф, вобаста ба инкишоф ё сустшавии шиддати ҳодисаҳои иҷтимоӣ, дар роман вазъи рӯҳии қаҳрамонон ба таври хосса аз як марҳила ба марҳалаи дигар тағйиру инкишоф меёбад. Қисмати асосии асар ба ҳаёти иқтисодӣ–иҷтимоии Аморати Бухоро дар нимаи дуюми асри XIX бахшида мешавад. Ҳамчунин, масоили ҷалби сармояи рус иқтисодиёти Осиёи Марказӣ, авҷи муборизаҳои табақотӣ ва чун соҳибони замину об, ватандор, ба арсаи мубориза баромадани деҳқонони камбағали тоҷик, пешрафти шуури сиёсии онҳо ва ғайра аз ҷониби устод мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор гирифтааст. Халқ, яъне оммаи заҳматкаш қаҳрамонони асосии асар мебошад.

Академиик З. Ш. Раҷабов дар хусуси воқеъанигории устод С. Айнӣ ва аҳаммияти осори ӯ дар омӯзиши ҳаёти мардум менависад: «Айнӣ воқеъаҳи таърихиро айнан нигоҳ медорад, дар инъикоси унсурҳои ҷудогонаи давраҳои таърихӣ аз ҳақиқати таърих қадаме берун намегузорад» [54, с. 22].

Муҳаққиқи дигари тоҷик Ю. Бобоев дар хусуси романи «Ғуломон»-и С. Айнӣ ва хусусияти хосси таърихнигории ӯ чунин назар дорад: «Нависанда олами рӯҳии ширкаткунандагони асар тағйири инқилоби шуури синфии онҳоро, рӯҳия ва ҷаҳонбинии аҳли заҳматкашро бисёр боварибахш, мувофиқи шароити аниқи таърихии даврӣ ҳақиқатбинона инъикос намудааст» [28, с. 22-23].

Зикри як нуқта ба маврид аст, ки дар қисми аввали роман раванди инқирози сохтори феодалӣ ҳамчун низоми мавҷудаи муносибатҳои

ҷамъиятӣ шиддати зулм ва ғорати халқи заҳматкаш дар замони манғитиён дар Бухоро, махсусан бедодигариҳои амалдорон нимаи дуюми асри XIX, ва дар радифи он роҳ ёфтани унсурҳои муносибатҳои ҷомеаи сармоядорӣ, пас аз тасаллути Русия дар Осиёи Марказӣ Русия, нишон дода шудааст.

Устод С. Айнӣ омили вуҷуди тартиботи ғуломдориро дар Бухоро то солҳои 50-уми асри XIX ба шиддати таназзули иқтисодӣ нисбат медиҳад. Пас аз солҳои 50-уми асри XIX иқтисоди Осиёи Марказӣ оҳиста-оҳиста пеш рафт ва дар интиҳои солҳои 60–70-уми асри XIX бошад, дар пешравӣ ва инкишофи Осиёи Марказӣ як тағйироти бузург ба миён омад. С. Айнӣ дар ин раванд бештар ба бедории шуури деҳқонон ва психологияи онҳо тавҷҷӯҳ менамояд.

С. Айнӣ дар замони мавҷудияти низоми амирӣ ҳамчунин қаҳру ғазаби деҳқононро ба таври воқеӣ инъикос месозад. Мо инро дар вақти ма масхара кашидани тарозубон, эътирози ошкори деҳқонон дар ҳузури бой ба хубӣ мушоҳида карда метавонем. Деҳқони ҷавону нотарс Рустам, ки бо гуноҳи ошӯб дасту пояшро бастанд, таслим намешавад. Абдураҳимбой аз ӯ пурсид, ки «Акнун фаҳмидӣ, ки ман дузд будам ё ту? Ту дузд! – гуфт Рустам, аммо ту чун дуздони муқаррарӣ силоҳ бардошта, ба касе шабона муқобилият намуда, мардона дуздӣ карда наметавонӣ, балки ту як дузди номарде ҳастӣ, ки рӯзона дар назди чашми мардум, ба он ки ба касе фаҳмонӣ, ҳам аз мот, ҳам аз от ва ҳам аз тор медуздӣ» [13, с. 96].

С. Айнӣ дар «Ёддоштҳо» [2] корномаи афроди сершуморро тасвир кардааст. Муаллиф дар симои ин афрод вазъи иқтисодию иҷтимоии халқи тоҷикро дар охири асри XIX-и Аморати Бухоро ба таври муфассал инъикос намудааст. Ӯ дар баробари баррасии вазъи сиёсӣ дар аморат, ба масоили маъмурӣ, идорӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоӣ рӯ меорад. Аз таҳлили ин асар маълум мегардад, ки сокинони Аморати Бухоро нисбат ба намояндагони табақаи ҳукмрон нафрати зиёд доштанд ва шиддати ин нафрат то ҳадде буд, ки онро пинҳон карда наметавонистанд. Ин муносибат нисбат ба истисморгарон, ки гоҳо ба норозигии ошкор мубаддал мешуд, аз

зиддиятҳои оштинопазири иҷтимоӣ дарак медод. Зиддиятҳои табақотӣ дар ҳар қадам ва доир ба ҳар як масъала зоҳир мешуд. Ин аст, ки яке аз қаҳрамонони асосии асари С. Айнӣ, Саидмуродхоҷа муносибати табақоти худро ба таври объективӣ ва бешуурона бошад ҳам, доир ба ҳар масъала зоҳир месохт. Дар нақши устоамак ба унвони созандаи халқ дар муқобили муфтхӯрӣ ва дигар амалҳои номатлуби табақаи истисморгар ва заҳмати одамони одӣ чун корномаи муассир тасвир меёбад, ки ба манфиати инсон ва ба суди ҷамъият нигаронида шудааст. Устоамак рисолати инсонро аз пешбурди чунин корҳое иборат медонад, ки ба мардум фоида биёварад ва боиси бақои номи неки ӯ гардад. Вай Лутфулло Чӯпонро «додар Илоҳӣ ҳазорсола шавӣ, намурӣ» гӯён дуо медод ва маънои ин дуои худро чунин шарҳ медиҳад: «Маънии ҳазорсола шудани як одам он нест, ки ӯ дар зиндагии худ ҳазор солро сипарӣ намояд, балки маънии ин сухан ҳамин аст, ки ӯ дар зиндагии муқаррариаш корҳое кунад, ки одами дигар дар ҳазорсола умри худ, худ ба шарти зинда мондан, он корҳоро мекарда бошад. Ҳамчунин, маънии намурдани як одам он нест, ки вай монанди одами афсонавии оби ҳаёт хурда зиндаи бадтар аз мурда шуда бошад то қиёмат монад, балки маънии ин сухан он аст, ки ӯ чунон корҳое намояд, ки номи вай дар дунё зинда монад» [2, с. 47-48].

Нақши Саидмуродхоҷа ва Устоамак ба мисли дигар нақшҳои дар асари зикршуда дар асоси якҷоя намудани хусусиятҳои иҷтимоии синфӣ ва хислатҳои шахсии онҳо ба вуҷуд оварда шудааст. Меҳнатдӯстӣ, соҳиби қувваи азими бунёдкорӣ будан, боварӣ ба ҳаққонияти кори худ, забони пур аз ҳикмати халқӣ, нафрат ва адоват нисбат ба муфтхӯрон ва истисморкунандагон – ҳамаи инҳо он сифатҳое мебошанд, ки барои меҳнаткашон хос аст [106, с. 242-250]. Аз мазмун ва муҳтавои осори С. Айнӣ ва нақши қаҳрамонҳои ӯ бармеояд, ки аксарияти аҳолии Аморати Бухоро дар радифи дигар ҳунарҳои худ, инчунин ба деҳқонӣ, аниқтараш ба кишоварзӣ машғул буданд. Дар Аморати Бухоро қисми зиёди деҳқонон ҳаёти қашшоқона доштанд, дар ҷомеа қаҳтӣ ва гурснагӣ ҳукумрон буд.

Судхӯрони қаллоб дар вазъи душвори деҳқонон бо пешниҳоди қарз заминашонро ба нархи арзон харида мегирифтанд ва онҳоро ба худ мутеъ месохтанд.

Дигар масъалае, ки дар осори С. Айнӣ инъикос меёбад, ин ҳолати вазнини иҷтимоӣ буд. Махсусан, ҳолати бади беҳдоштӣ ва хатари марг дар шароити зуҳури эпидемияҳои мухталиф аз сиёсати нокоми аморат дар ҷомеаи қафомонада аз соҳаи тандурустӣ ҳикоят мекард. Аз ҳисоби ҳукумати вақт баҳри сиҳатӣ ва саломатии аҳолӣ ягон чораи судманд андешида намешуд, ки мисолҳои овардаи С. Айнӣ далели ин гуфтаҳост. Дар Аморати Бухоро фавти бисёр ба назар мерасид. Бемориҳои сироятии мухталиф ба сари халқ фалокати пайдарпай меовард. С. Айнӣ ҳанӯз дар хурдсолиаш, (соли 1889) мубталои вабо шуда буд. Аз бемории вабо падару модари ӯ ба ҳалокат расид. Дар ин хусус С. Айнӣ менависад: «... На танҳо дар деҳаи мо, ҳатто дар туман (ноҳияҳои марказӣ: Б.С.) ҳам одами тандуруст кам монда буд ва муромурӣ оғоз шуд. Аз деҳаи мо, ки тахминан 300 хонавор одам дошт ҳар рӯз як ё ду ҷанозаро ба мазор мебурданд... Он вақтҳо дар деҳаҳо доктор набуд, ки бо ҷушонида додани хасу хошок беморон ва бемордоронро тассалӣ диҳад» [106, с. 246-250]. Марг дар хонаи камбағал на танҳо наздиктарин одами ӯро мебурд, балки хонадони ӯро низ сарсон менамуд. Дар моҳи марти соли 1891 С. Айнӣ ба қишлоқи худ Сокторе меояд ва ӯ дар ин бора дар «Ёддоштҳо» чунин менависад: Аз ҳамдеҳагони мо – аз он касони солхурда ва миёнсол, ки дар соли вабо намурда монда буданд, бештаринашон дар он зимистон мурда ва як қисми замини онҳо дар хароҷоти гӯру кафанашон ба қозибачаҳо, ки заминдори калони он деҳа буданд, гузаштааст ва фарзандони он мурдагон мардикор ва чоряккор шуда мондаанд» [2, с. 133].

Аз ин маълум мегардад, ки ҳатто хурдтарин тадбир баҳри наҷоти ҷони аҳолӣ аз ин бемориҳои сироятӣ тавассути маъмурон андешида намешуд. Аз илму маърифат дур мондани мардум боз ҳам ба пешрафти тибби мардумӣ таъсири номатлуб гузошт. Қадру шарафи инсон дар назди ҳукуматдорон

арзиш надошт, зеро онҳо ҳамчун омили ғановати хазинаи амир ва василаи даромади муфтхӯрони давр шинохта мешуданд.

Масъалаи дигаре, ки таваҷҷуҳи С. Айнӣ ба он ҷалб шуда буд, мавриди истисмор қарор гирифтани як қисми деҳқонони Бухоро аз ҷониби ҳаннотон ва пахтаҷаллобон аст. Дар осори С. Айнӣ дар ин хусус мо маълумоти зиёд пайдо карда метавонем, зеро яке аз амакҳои ӯ дар дасти як ҷаллоб кор мекард. Ӯ дар хусуси ҷаллобҳо чунин менависад: «... Ҳамаи пахтаҷаллобон, ки хӯҷаинони пахтакашон маҳсуб меёбанд, дузд ва фиребгаранд. Бо дуздии дар баркаш, якта нони пахтакашро як бурда карда медиҳад» [2, с. 221-222]. Бо зуҳури ҷомеаи сармоягузори рус минтақа ба макони асосии ашёи хом табдил ёфт. Дар ин шароит як гурӯҳ ҷаллобон баҳри дарёфти даромади муфт бо дар байни деҳқон ва сармоядорони рус миёнарав шуда, мардумро золимона фиреб медоданд.

Ҳамчунин, С. Айнӣ дар осори хеш дар хусуси ҳаёти қишри дигари заҳматкаш ва омилони истеҳсолот – косибон низ маълумоти пурқиммати таърихӣ медиҳад. Дар хонии Бухоро деҳқонон низ ба косибӣ машғул буданд. Онҳо ба ин кор, эҳтиёҷи оилаашонро қонеъ месохтанд ва қисман маҳсули дасташонро дар бозор ба фурӯш мебароварданд. Дар ин маврид С. Айнӣ зикр менамояд, ҳамаи хешовандони нависанда ва бобою аҷдоди онҳо ҳунарманд буданд, вале ҳунармандӣ барои аксари онҳо касби асосӣ набуд. Матлаби навиштаи С. Айнӣ дар «Ёддоштҳо» додаи С. Айнӣ далели он аст, ки ҳунармандӣ ҳанӯз ба унвони шуғли асосӣ аз кори деҳқонӣ тамоман ҷудо намуда буд. Деҳқонон кӯшиш мекарданд, ки эҳтиёҷашонро то ҳадди имкон бо маҳсулоти дасти хеш таъмин намоянд. Чи хеле ки худи муаррих қайд месозад, падари ӯ карбосу алоча мебофт, ки аз он либос, курпа, дастурхон медӯхтанд. Қариб тамоми рангҳоро низ худи падари С. Айнӣ омода мекард. Албатта, на ҳамаи деҳқонон ба мисли падари С. Айнӣ чанд ҳунар доштанд. Баробари он, ки солҳои 80–90-уми асри XIX сармоядорони рус ба Осиёи Марказӣ ворид шуданд, дар бахши деҳқонӣ муомилоти пулӣ вусъат ёфт,

деҳқонон дигар бе пул кор карда наметавонистанд ва агар пул намедоштанд маҷбур мешуданд, ки ба хидмати судхӯрон рӯй биоранд [69, с. 54-55].

Дар «Ёддоштҳо» матлаби зиёди таърихӣ роҷеъ ба косибоне навишта шудааст, ки онҳо комилан аз касби деҳқонӣ даст кашида буданд. Дар чунин ҳолат ҳунармандӣ ба табақаҳо ҷудо шуд. С. Айнӣ дар «Ёдоштҳо» аз як молики дастгоҳи кузагарӣ ҳикоят менамояд, ки вай ба коргарони худ дар шароити эҳтиёҷ пул қарз медод. «Манфиати асосии бунак дар ин аст, ки коркун тавассути ин ба як корхона баста мешавад» [2, с. 95].

Ҳамин тариқ, дар Аморати Бухоро аҳволи косибон ҳам аз табақаи дигари заҳматкаши ҷомеа – деҳқонон беҳтар набуд. Онҳо ҳам ба доми фиреби хоҷагони судхӯри хеш гирифтор мешуданд. Шоёни зикр аст, ки С. Айнӣ ба ҳаёти косибон ҳанӯз аз даврони наврасиаш шинос буд. Баъд аз ин, дар рафти таҳсил дар мадрасаи Бадалбек ҳам борҳо ба устохонаҳо мерафт. Ӯ барои ба даст овардани як бурда нон ба бозори мардикорон мерафта буд ва ҳатто дар пеши соҳиби як дӯкони пойафзолдӯзии калон, ки дар он ҷо қариб 40 устою шогирд фаъолият доштанд мирзогӣ мекард. Бо ҳамин сабаб маълумоти ӯ дар хусуси косибон арзишманд ва ҷолиби диққатанд. Аз мазмуну муҳтавои осори С. Айнӣ ба хулосае омадан мумкин аст, ки аксари аҳолии Аморати Бухоро дар ҳоли бесаводӣ аз лиҳози иқтисодию иҷтимоӣ рӯзгори хеле вазнин доштанд.

Вазъи заминдорӣ ва усули ситонидани андоз дар осори С. Айнӣ ба таври хеле васеъ шарҳу тавзеҳ ёфтааст. Дар Аморати Бухоро замин ба шаклҳои: амлокӣ (ё худ давлатӣ, ки ба он заминҳои бо ном амирӣ ҳам дохил мешаванд), вақф, милки ҳури холис ва хироҷӣ тақсим мешуд. Аз заминҳои амлокӣ ва хироҷӣ молиёте бо номи хироҷ бояд (10 дарсади ҳосил) ба фоидаи хазинаи амир ва аз заминҳои вақфӣ ҳамин миқдор андоз ба фоидаи мадрасаю масҷидҳо ва дигар ҷойҳои муқаддас ситонида мешуд. Амалан, дар Аморати Бухоро амалдорони амирӣ, яъне омилони андоз миқдори муайяншудаи 10 даҳдарсадро риоя намекарданд.

Муаррих усули андозситонии амирро омили дигари коҳиши вазъи иҷтимоию иқтисодии омма медонад. Ӯ дар ин хусус менависад, ки вақти расидани ҳосил муставфии хироҷ (амлокдор) ё намояндаи он бо саворе чанд ба сари замин омада, ҳосилро аз будаш ду дараҷа зиёдтар тахмин карда, миқдори ҳаққи подшоҳиро ба қиёси он тахмин ба номи «деҳқони фалакзада» навишта меравад. Дар вақти тахмин як шахсе ба сифати «аминӣ» ба унвони намояндагии деҳқон ҳамроҳи муставфиён бошад ҳам, аз ин амин ба деҳқон нафъе намерасад, азбаски нони амин аз табақи муставфӣ равғанӣ мешавад, ин ҳам ба қадри мақдур тахминро мувофиқи дилхоҳи муставфӣ мекунад. Бино бар ин инҳо ихтиёр доштанд - мегӯяд С. Айнӣ,- ки як заминро як ман ё даҳ ман ҳосилот тахмин намоянд. Пас дар ин сурат хеҷ тавофут надорад, ки амир даҳяк фармояд ё даҳ панҷ [11, с. 111-136].

Закот чун андоз аз чорво, молҳои тиҷоратӣ ва пули нақд ситонида мешуд. Ин намуди андоз, мувофиқи қонунҳои шаръӣ яке аз панҷ шарти асосии мусулмонӣ ба ҳисоб меравад. Он бояд ба фоидаи бенавоён ва дар роҳи Худо сарф мегардид. Мувофиқи шариати ислом, ҳар чизе, ки даромад меоварад, агар аз он закот насупоранд, ҳаром аст. Аминона ҳам яке аз андозҳои асосии замони амирӣ ба ҳисоб мерафт. Ин намуди андозро аз ҳамаи молҳои фурӯшӣ меситониданд. Дар байни молҳое, ки ба фурӯш бароварда мешуд, пахта, галла, пусти қарокӯлӣ, пашм, чорво, мева, матоъҳои гуногун ва ғайра арзишманд буданд [11, с. 112-113].

Ба ғайр аз андозҳои номбурда, дар шароити Бухоро боз даҳҳо намуди андоз вуҷуд дошт. Амалдорони замони амирӣ барои аз мардум зиёдтар ситонидани андоз ҳавасманд буданд. Зеро бо чунин тадбир онҳо аз як тараф ба амир ва наздикони ӯ кордонии худро нишон диҳанд, аз тарафи дигар як ҳиссаи андози ғункардаро аз они худ мекарданд, ки ин гуна ҳолат ҳатто баъзе амалдорони ҳукумати подшоҳиро ба ташвиш мегузошт.

Шоёни зикр аст, ки амалдорони ҳукумати подшоҳӣ барои оромии дохилӣ дар Аморати Бухоро низ манфиатдор буданд. Зеро ҳангоми ба вуқуъ омадани хуруҷҳои халқӣ амир барои имдод бегуфтугӯ ба онҳо

муроҷиат мекард. Бино бар ҳамин ҳам, амалдорони рус борҳо дар назди ҳукумати амирӣ масъалаи танзими умури андозситонӣ бартарафсозии бетартибӣ, махсусан худсарии ҳокимон (бекҳо) ва омилони андозро гузоштанд. Чунончи, боре гумоштаи давлати Русия А. Сомов дар вақти суҳбат бо амир Олимхон ҳамин таклифро пеш гузошт. Вале амир дар ҷавоб гуфт: Ман худам дар аҳди падари марҳумам беки Каршӣ будам... Агар ба даромад кардани бекҳо роҳ надиҳам, дар он вақт ба онҳо маош додан лозим меояд ки ин тамоман як дигаргунии калон мешавад, вале дар мамлакати мо ба ин одат накардаанд [75, с. 52-53]. Ҳарчанд минбаъд, аз тарафи ҳукумати амирӣ барои қисме аз  амалдорон маош таъйин  шуда бошад ҳам, вале худсариҳои онҳо мисли пештара давом дошт.

Дар шароити  тартиботи амирӣ (охири асри XIX ва аввали асри XX) се шакли закот вуҷуд дошт, ки муҳимтаринаш «закоти савоим» – андоз аз чорводорон ба ҳисоб мерафт. Мувофиқи он аз 40 сар бӯз ё гӯсфанд як сар чун андоз гирифта мешуд. Вале ба фоидаи онҳое, ки чорвои зиёд доштанд, аз ҳар 100 сар бӯз ё гӯсфанд як сар чун андоз муайян шуда буд. Касоне, ки аз 40 сар бӯз ё гӯсфанд кам доштанд, бо номи «закоти чакана» барои ҳар як сар гӯсфанд ним танга (7,5 тини ҳамон вақтаи русӣ), барои ҳар як сар бӯз чоряк танга (3,3 тин) андоз медоданд. Аз ҳисоби чорвои калон бошад, аз ҳар 5 шутур ё худ гов 1 сар гӯсфанд, ҳамчун «закоти савоим», агар аз он кам бошад, аз ҳар як сар шутур ё гов аз 5 то 10 танга (вобаста ба маҳал) чун андоз – «закоти чакана» месупориданд. Шакли сеюми закотро «закоти шавореъ» мегуфтанд, ки он аз ҳисоби пули нақд ва моли доштаи фуқаро ситонида мешуд.

Ҳамин тавр, устод С. Айнӣ ҳамчун муаррихи воқеънигор вазъи иқтисодӣ-иҷтимоии нимаи дуюми асри XIX-ро аз нигоҳи манфиатҳои мардум мавриди таҳлил қарор дода, дар инъикоси баъзе саҳифаҳои норавшани таърих саҳми бузург гузошт. Аз омӯзиш ва таҳлили осори Садриддин Айнӣ маълум мегардад, ки ӯ дар инъикоси вазъи давраи мазкур бештар ба ходими дигари барҷастаи сиёсию фарҳангии вақт – Аҳмад

Махдуми Дониш пайравӣ менамуд. Аммо як чизро ба назар гирифтан ва таъкид намудан ба маврид аст, ки Аҳмади Дониш яке аз мансабдорони дарбори амирӣ буд ва дар аксар ҳолат наметавонист вазъи замонро ба таври равшану возеҳ ошкор намояд. Вале хидмати бузурги ӯ дар он аст, ки ӯ бо пешниҳоди ақидаҳои солиму интиқодии хеш як василаи воқеии ифшосозии камбудиҳои ҷомеаро ба миён овард, ки дар заминаи он афроди дигари барҷастаи халқи тоҷик, ба монанди Садриддин Айнӣ ба камол расиданд. Маҳз зери таъсири ин ақидаҳо ва афкор устод С. Айнӣ, новобаста аз таҳдиду фишори ҳокимони вақт дар роҳи худ устувор қадам монд, таърихи ҳақиқии халқи заҳматкашро дар осори худ ба таври барҷаста арзёбӣ ва омили номатлуби рушди ҷомеаро ошкор сохт.

## 1.2. Вазъи фарҳанги халқи тоҷик дар охири асри XIX аз нигоҳи С. Айнӣ

Таҷрибаи таърихӣ собит намудааст, ки бе рушди фарҳанг ва унсурҳои он дигар соҳаҳо ба буҳрон гирифтор шуда, ҷомеа дар охир ба таназзул рӯ меорад. Тоҷикон ҷузъе аз ҷомеаи башар мебошад, ки дар тамоми давру замон ин унсури асосиро ба унвони омили пешбарандаи ҷомеа рушду такомул доданд. Аз қадим ин миллат бо вижагии фарҳангпарваронаи худ миёни дигарон пештоз буд.

Устод С. Айнӣ ҳамчун ходими барҷастаи илму адаби тоҷик дар осораш ба омӯзиши соҳаи фарҳанг дар Бухоро (нимаи дувуми асри XIX) таваҷҷуҳи хос зоҳир менамояд. Яке аз унсурҳои хосси фарҳанг ва зинаи ибтидоии он низоми таълиму таҳсилот маҳсуб меёбад. Ҳамин аст, ки С. Айнӣ доир ба ин масъала ва вазъи ногувори мактабу мадрасаи халқи тоҷик дар Аморати Бухоро дидгоҳу назари хос дорад.

С. Айнӣ дар «Ёддоштҳо» доир ба маҳфили илмӣ – адабии ҳавлии Шарифҷон махдум маълумот медиҳад. Ба андешаи ӯ дар хонаи Шарифҷон махдум дар ҳар ҳафтае се шаби таътил – сешанбе, чоршанбе ва паншанбе

одатан анҷумани шоирон, шеършиносон, латифагӯён ва ширинкорон доир мешуд. Устод зикр менамояд, ки «Ман дар қатори Мирзо Абдулвоҳид вазифаи пешхидматиро адо мекардам, дар он гуна шабҳо ҳамеша дар даруни меҳмонхона буда, аз он гуна суҳбатҳои адабӣ озодона истифода мекардам. Ман метавонам гӯям, ки материалҳои ибтидоӣ, лекин муҳимми адабии худро аз он ҳавлӣ гирд овардаам. Ман дар он ҳавлӣ бо Мулло Назруллои Лутфӣ, Абдулмаҷиди  Зуфунун, Яҳёхоҷа, Содиқхоҷаи Гулшанӣ, Ҳомидбеки Ҳомид, Абдуллоҳхоҷаи Таҳсин, Мулло Бурҳони Муштоқӣ, Мирзо Азими Сомии Бӯстонӣ, Мулло Раҳмати сартарош, Азизхоҷаи Азиз ва дигарҳо, ки аксари онҳо шоир ва ё шоиршинос буданд, шинос ва ҳолдон шудам» [4, с. 6].

С. Айнӣ таъкид менамояд, ки Абдулмаҷиди Зуфунун дар нуҷум аз шогирдони Аҳмад буда, дар шеър ва адабиёт ва дар фанҳои расмии мадрасаҳои Бухоро низ маҳорат дошт. Азбаски ӯ фанҳо ва илмҳои гуногунро медонист, ҳамзамононаш ба ӯ «Зуфунун» лақаб дода буданд, ки «соҳиби фаннҳо» гуфтан аст. Азбаски фикру чашми ӯ дар суҳбати Аҳмад Махдум кушода шуда буд, ба замон ва аҳли он ва хусусан ба амир ва дарбориёни ӯ ва ба уламои расмӣ бо назари танқидӣ нигоҳ мекард ва агар шунавандае ёбад, кирдорҳои бади онҳоро бераҳмона кушода мепартофт [4, с. 6-7].

Устод С. Айнӣ дар мақолаи «Машғулияти илмӣ ва адабии ман дар мадрасаи Олимҷон» зикр месозад, ки пас аз як муддати таҳсил дар хонаи Шарифҷон махдум солҳои 1892–1893 барои «Шарҳи мулло»-хон шудан, яъне шарҳеро, ки Абдураҳмонӣ Ҷомӣ дар матни «Қофия» дар бораи наҳви забони араб ба забони арабӣ таълиф кардааст, хонданам даркор буд. Аз ин рӯ, барои як дарс ғайр аз муллои кунҷакӣ ба пеши ягон домуллои дарсхонагӣ ҳам рафтан лозим буд. Ин домулло ҳам муайян карда шуд ва он Икромча буд, ки яке аз машҳуртарини мударрисони он замон буд, бародари калонам ва муллоҳои кунҷакиям– Муло Абдусалом ва Мулло Бозор ҳам дар пеши он кас мехонданд.

Домулло Икромча он вақтҳо яке аз 40 мударриси мадрасаи Ҷаъфархоҷа буд, ки он мадраса бо вуҷуди бисёрии мударисонаш дарсхона надошт. Бино бар ин, домулло дар ҳавлии худ, дар гузари Хоҷа Булғори Бухоро дарс мегуфт.

Дар пеши Домулло Икромча шарикдарсони мо аз ҳафтод нафар беш буд, ҳаррӯза дар дарс аз 60 нафар зиёдтари инҳо ҳозир мешуданд. Азбаски ҳавлии Домулло Икромча бисёр танг буд, бар болои боми хонаи нишасти даруниаш болохонае бино карда, вайро ба худ дарсхона қарор дод. Мо шаст нафар дар вақти дарсхонӣ дар ҳамин болохона монанди ҳозирони маъракаи маддоҳӣ пасу пеш бо ҳам ҷафс шуда менишастем. Дар миёнаҷҷои ҳалқаи дарс, дар сафи пеш қории ҷамоа менишаст ва ӯ иборати дарсҳоро бо забони арабӣ аз рӯйи китоби худ мехонд, домулло аввал тарҷима, баъд аз он шарҳ карда, он дарсро ба мо фаҳмондан мехост. Аммо бештарини шогирдон фаҳмида– нафаҳмида, ду ба ду, се ба се фарёд мекарданд ва гӯё онҳо бо ҳам дар мунозира афтода буданд.

С. Айнӣ аз рафтори домулло Икромча ва шогирдонаш хуб огоҳ буд. Домулло Икромча, ки ба усули дарсгӯии Бухоро моҳир буд, бо овози ғафс ва баланди худ ва бо нигоҳҳои тези чашмони пуроташи таъсирнокаш он ғавғоро хомӯш карда, ихтиёри суханро ба дасти худ гирифта, бо эъзоҳ ва тамсилаҳои устодона ба касоне, ки қобилият доштанд, мақсади муаллифи китобро бо забони тоҷикӣ мефаҳмонд ва бо ҳамин як соат вакт гузашта, дарси якрӯзаамон тамом мешуд. Ман ҳис мекардам, ки ҳаштод фоизи он талабагон ҷизеро нафаҳмида буданд. Бо ҳамаи ин, вақте ки ба кӯча баромаданд, мунозираеро, ки бо зӯрии домулло бас карда буданд, аз сари нав сар мекарданд, ҳар гоҳ ки дар ҷойҳои серодами кӯча мерасиданд, овозашон бозҳам баландтар ва якдигарро дашном доданашон боз ҳам тезутундтар шудан мегирифт. Маълум буд, ки онҳо бо ин ҳаракати худ муллобачаи «хушфаҳм» будани худро ба одамон фаҳмондан мехостанд [4, с. 56].

Таҳлилу омӯзиши осори устод С. Айнӣ нишон медиҳад, ки тамоми бадбахтиҳо дар ҷомеа аз низоми фарсудаи макотиби асримиёнагӣ ва сиёсати истибдодии амирон ва доираҳои ҳукмрони Бухоро сарчашма мегирифт. Ӯ дар осори худ сабабҳои асосии ба буҳрони мавҷудаи ҷомеаро, пеш аз ҳама, ба низоми маорифи Бухоро нисбат медиҳад. Таҳқиқу омӯзишҳо нишон медиҳад, ки С. Айнӣ дар осораш бе ягон тарсу ҳарос аз амирону амалдорон низоми пасту фалаҷгаштаи Бухороро мавриди танқид қарор медиҳад.

Дар солҳои 80-90-уми асри XIX аҳли илму фарҳанг ва донишмандони Аморати Бухоро зери таъсири фарҳанги аврупоӣ ва арзишҳои ниёкон дарк намуданд, ки агар низоми макотиб саривақт ислоҳ нашавад ва ба садри идораи ҳукумат афроди кордону лаёқатманд сари кор наоянд ва ба зулму худсарии уламо, амалдорон хотима дода нашавад, пас истиқлоли сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва илмию фарҳангии Бухоро завол меёбад.

Мутафаккири барҷаста Аҳмади Дониш бар асоси далелҳои қотеъ рафтору корномаи сиёсии амир Музаффарро таҳлил карда онро ҳамчун роҳбари рақами як мамлакати Бухоро, нодону ҷоҳил нишон додааст [36, с. 69-70].

Мувофиқи маълумоти С. Айнӣ, интишори ақидаву афкори пешқадам ва озодихоҳӣ дар байни мардум дар охири асри XIX чунон боло гирифт, ки омили рӯз то рӯз хотирпарешонӣ ва ҷунунӣ шудани амир гашта буд [11, с. 128].

Дар хусуси вазъи макотиби Бухоро дар нимаи дуюми асри XIX ва дастрасии он метавон хулосаҳои Айнӣ хеле созанда ва муҳимманд: 1) теъдоди вақф ва мадрасаҳо зиёд ва аксари толибилмон ба вақфҳо вобаста шудаанд; 2) муллоҳои талабгори мансабу ҷоҳ ба марҳамати хонҳо паноҳ бурдаанд; 3) аксар муллоҳои шухратдӯсту мансабхоҳ барои мақоми хеш ва устодонашон ба ҷадвал ва барномаҳои дарсӣ устодони худро ворид намуданд; 4) ҳамчунин, эътибори баъзе шахсони воқиф аз улуми диниву дунявӣ ва таҷрибадор зери таъсири омилҳои субъективӣ паст ва мақоми рӯҳониёни мансабхоҳу мансабпараст афзун гардида буд; 5) дар ибтидо

ҳарчанд рисолати муллоҳои ҳақиқӣ коҳиши зулму ситами хонҳо ва дар доираи шариати исломӣ ҳифзи манфиати аҳли заҳмат бошад, пас муллоҳои ҷоҳили ҷоҳпарасти баъдина барои ғорати фуқаро боиси шариатро ба таври дигар шарҳ доданд; 6) уламое, ки ба ғайр аз одитарин усулҳои дин дигар чизеро намедонистанд, ба ҳар чизи намедонистагӣ ва хилофи манфиатҳои худ аз номи дин мухолифат нишон медоданд. Маълум буд, ки халқи одӣ гуфтаҳои ин уламои хуруфотпарасту манфиатхоҳро, ки аз номи «сояи худо»-ву ҳукумат ҳарф мезаданд, қабул менамуданд; 7) дар натиҷаи ҳамаи ин бадбахтӣ, ба ибораи устод С. Айнӣ, Бухоро дар назари мардуми Туркистон мақому шуҳрати илмӣ ва динии худро аз даст надода бошад ҳам, ин фақат дар номи хушку холӣ буду халос [22, с. 11].

Дар ин хусус С. Айнӣ дар “Таърихи амирони манғитияи Бухоро” менависад, ки Аҳли хибрат ба хубӣ фаҳмиданд, ки макотиб ва мадорис ба зудӣ ислоҳ наёбад, агар идораи ҳукумат ба як тартиби муайяне надароянд, агар зулм ва тааддидҳои худсаронаи умаро ва уламо муртафеъ нашавад, истиқлоли сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва илмии Бухоро дар маърази завол ва измеҳлол аст. Наҷот дар илм ва ислоҳоти асосӣ асту бас [9, с. 127].

Аз таҳлили осори С. Айнӣ вобаста ба вазъи фарҳангии нимаи дуюми асри XIX бармеояд, ки касоне, ки аз фасод дар мадрасаҳо, камбудии ҷадвалҳои дарсӣ, беадолатиҳои иҷтимоӣ, зулму ситам, хиёнату дуздӣ дар идораҳо огоҳ буданд, ба ғайр аз дар дил нигоҳ доштани ин норозигӣ, сукут ва гӯшанишинӣ аз ҳукумату халқ ҳам натавонистанд. Мувофиқи маълумоти С. Айнӣ ва дигар нависандагони ҳамзамони ӯ чунин вазъ то охири ҳукумати амир Музаффар давом кард.

С. Айнӣ дар «Намунаи адабиёти тоҷик» оиди вазъи мактабу мадорис ва сатҳи саводи хатмкунандаҳои он шарҳу тафсилоти бештар додааст. Ӯ зикр мекунад, ки «Ҷамоае, ки имрӯз аз улуми ҳақиқия чизе надорад, бист сол таҳсил, бист соли дигар дарсгӯӣ карда, баъд аз он ба мансаби муфтигӣ расида, боз мутолиаи кутуби арабияро мушкилу худро ба истиъмоли фиқҳияи форсия маҷбур медонанд, мақоми ҷалили рӯҳонияти Бухороро

гирифтаанд. Ин ҷамоа амрҳои илоҳиро тобиъи раъю мақсади худ донистa, ба ранге, ки хоҳанд, оят тафсир мекунанд, ҳадис мебофанд. Ҳамин ҷамоа аз тарафи ҳамагӣ авқофи Бухороро аз ғайри шарти воқиф нӯши ҷон менамоянд» [21, с. 358].

Барномаи омӯзиши дарсҳои мадраса ва китобҳои дарсӣ мувофиқи нишондоди С. Айнӣ чунин буд: 1) талаба вақте ки мактаби ибтидоиро хатм мекард, хоҳ савод дошта бошад, хоҳ кӯрсавод ё ин ки тамоман бесавод бошад ҳам, агар ҳаваси «мулло шудан» ва ё ин ки номи муллоро бардоштан дошта бошад, аввал ба назди ягон муллои одӣ «Бидон» мехонад, ки дар ин китоб сарфу наҳви арабӣ дар забони тоҷикӣ баён гардидаанд. Ҳамчунин, «Аввали илм» ном як китобчаи тоҷикиро ҳам мехонад, ки дар вай заруриёти динӣ бо тарзи саволу ҷавоб ифода меёфт; 2) баъдан, дар сарфи арабӣ «Муиззӣ» ва «Занҷонӣ» ном китобчаҳои арабиро ва дар наҳви арабӣ «Авомил» ном як китобчаро мехонад ва ибодатҳои ин китобчаҳоро бо тарҷумаи тоҷикӣ аз худ менамуд; 3) баъд аз инҳо як қисми «Кофия» ном як китоби арабӣ дар бораи тафсили наҳви забони арабӣ мехонданд. Ин китобҳо дар назди муллоҳое хонда мешуданд, ки онҳоро хоҳ дар ҷое мударрис бошад, хоҳ не, одатан домуллои кунҷакӣ меномиданд. Дар ҳамаи дарсҳои мазкур тақрибан се сол сарф мешуд; 4) пас аз ин тадриси «Шарҳи Мулло» асари Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ дар бораи наҳви арабӣ ва шарҳи «Кофия», оғоз мегардид. Аз ҳамин давра талаба тадрисро дар назди ягон муллои таҷрибадор мехонд, ки маъмулан онро «дарсхонагӣ» меномиданд; 5) баъдан «Ҳошияи Қутбӣ» ном китоб дар бораи шарҳи китоби «Шамсия», сар мешуд ва дар як сол талаба аз ин дарс фориғ мешуд; 6) дар дарсхона-тадриси шарҳи «Ақоиди Насафӣ» – и Аллома Тафтазонӣ оғоз мегардид ва одатан он чор сол давом менамуд; 7) дар ду соли дигар «Таҳзиб» ном китоб дар бораи мантиқ ва илми калом хонда мешуд ва дар рӯзи хатми мадраса аз ҳадисҳои пайғамбар (с) як ҳадис хонда мешуд ва домулло шогирдонашро барои тадриси матолиби омӯхтааш рухсат медод.

Ба ақидаи мо, чунин низоми таҳсили бардавом маънои онро надошт, ки хатмкунандагони он комилан ба талаботи замона ҷавобгӯ буданд, балки дар аксар маврид он чун воситаи вақтгузаронӣ буду халос. Барои исботи ин фикр метавон як мисол овард, ки тадриси китобҳои мазкур ҳанӯз аз асрҳои XV-XVI оғоз шуда буд ва баъдан ба ин осор шарҳу ҳошияҳои зиёд навишта шуд ва табиист, ки дар он ҳол касби илм ва матолиби дарсӣ дидгоҳу ҷаҳонбинии инсонро ба наҳви беҳтар ташаккул дода наметавонист. Тадриси илм танҳо дар тӯли 19 сол аз рӯи як барнома омили қафомонии низоми маориф мегардад.

Шоёни тазаккур аст, ки мадрасаҳои Бухоро як замоне ба уламо ва мударисонаш дар ҷаҳони ислом шуҳрати зиёд дошт. Дар асри XIX бошад, мувофиқи ахбори шоҳидони вақт, махсусан С. Айнӣ, ба ғайр аз илми калом, ки схолистикаи замони асримиёнагӣ буд, дигар чизе аз илмҳои динӣ дар барномаи таълимии мадрасаҳои Бухоро дохил набуд [83, с. 19-23]. Касоне, ки ҳавас дошта бошанд, тафсири Қуръон, ҳадиси пайғамбар ва фиқҳи исломиро ба тарзи ғайрирасмӣ дар назди ягон мутахассис рафта аз худ менамуданд. Дар мавриди барномаҳои дарсии мадрасаҳои Бухоро навиштаҳои муаррихи дигари замон Муҳаммадалии Балҷувонӣ низ хеле ҷолиб аст. Ба андешаи ӯ, дар мадориси Бухоро улуми шаръӣ (тафсир, ҳадис, фиқҳ, калом), усули сарфу наҳв ва камубеш илми ҳикмат тадрис мешуд, вале азбаски мантиқу ҳикмати илоҳӣ ва ҳикматҳои риёзиву сиёсӣ аз қадим дар ин балда мутаориф нагардид, давлати исломияи Бухоро чандин мартаба аз дигар давлатҳо пас монд [27, с. 55]. Саволе ба миён меояд, ки талабагони мадрасаҳои Бухоро модом, ки 19 сол як барномаи таълимии маҳдуд тадрис мегирифтанд, бо ин донишу биниш мутахассиси хуб мешуданд. Вале таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҷавоби С. Айнӣ ин гуна гумонҳоро нодуруст ва пиндори хушку холӣ мешуморад [18, с. 34].

Муаррих дар радифи арзёбии сатҳи касбияти уламои вақт, сиёсати амирро нисбат ба ин қишри ҷомеа мавриди таҳлилу баррасӣ қарор медиҳад. Мувофиқи маълумоти ӯ, дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX «баъзе

уламои ҳақиқӣ буданд, лекин баъзеашон, аз бими муҷозоти амир тарки диёр карданд. Баъзешон бо вуҷуди он ки соҳибмансаб ва мутаносиб ба дарбор буданд, агар ба аҳли дарде вохӯранд, ба ҳаракоти амир розӣ набуданашонро изҳор мекарданд. Ин фирқа ё ибн–ул– вақт буданд, ё ки риё мефурӯхтанд. Ба ҳар ҳол ба қабоеҳи идораи амир қаноат доштанашон аз ҳаракоти мазкураашон маълум мегардид» [9, с. 99].

Дар ҷои дигар С. Айнӣ зикр менамояд, ки «дар аҳди амир Абдулаҳад уламо ба эътибори аксарият ҳама мансабдӯст ва ҷоҳпараст буданд. Маазолика амир аз фитнаи эшон эмин набуд. Зеро ба эътои мансаб ва эҳсони неъмат дар таҳти итоат ва инқиёд овардани ин ҷамоа, ки садҳо нафар буданд, басе мушкил менамуд. Ҳиссати табиии амир ҳам иҷозат намедод, ки ба ин гуруҳ мувофиқи маъмулашон инъом ва эҳсон намояд ва ҳол он ки агар ба воситаи бахшиш ва инъом эшонро аз худ мамнун карданӣ мешуд, як қисми бузурги мадохили ҳукумати Бухоро дар роҳи қудуми эшон сарф мегардид» [9, с. 113].

Мувофиқи нишондоди С. Айнӣ ва дигар муаррихон таҳсил дар Бухоро, аз 22-юми сентябр оғоз меёфт, то 22 –юми март, яъне пас аз шаш моҳ ба итмом мерасид. Дар ин муддат танҳо талабагоне таҳсил менамуданд, ки шаш моҳи зиндагии мадраса аз ҷиҳати моддӣ тоб оварда тавонанд, ё ин ки ба гуруснагӣ ва сахтиҳои дигар тоқатпазир бошанд. Аммо бештарини талабагони саҳрой дар аввали таҳсил ба мадраса раванд ҳам, баъди «дарёфтани савоби сар шудани дарс» маҷбур буданд, ки ба саҳро баргарданд. Бо назардошти ин ба ҳисоби миёна, масалан дар аввали таҳсил дар як дарс як гуруҳи 50 –нафарӣ ташкил ёбад, дар ҳафтаи дуюм ин гуруҳ ба 20 нафар рафта мерасад ва дар моҳи ноябр то декабр баъзеҳо бармегаштанд, ҷамоа боз комил мешуд. Ҳамчунин, аз моҳи феврал парокандашавӣ оғоз мешуд, то моҳи март аз гуруҳи мазкур тахминан 10 кас боқӣ мемонад ва ҳамаи даҳ кас «савоби тамом кардани соли таҳсилро дармеёфт» [1, с. 68].

Мувофиқи нишондоди С. Айнӣ, мударрисони Бухороро ба се гурӯҳ ҷудо намудан мумкин буд:

- Толибилмон қобилиятнок, ки то ҳол таҳсили худро идома медоданд ва бо назардошти ин ба талабагони нав дарс мегуфтанд;
- он мударрисони хурд, ки то ҳол манфиати ҷои мударрисиашон ба харҷашон намерасид ва ё ҳеҷ даромад надоранд;
- мударрисони калон – инҳо муллоҳои калоне, ки бо таҷрибаи дарсгӯӣ шуҳрат бароварданд ва дар мадрасаҳои сервақф мударрис мешуданд.

Ҳамин хел ҳуҷраҳои вақфии мадрасаҳои Бухоро ба дасти муллоҳои калон ва бойҳои судхӯр медаромад, талабаи фақир на аз истиқомати ҳуҷра суд мебурду ва на аз маблағҳои вақфӣ.

Чунин вазъ бевосита метавонист натиҷаҳои зеринро ба бор орад:

- чи гунае, ки муллоҳои расмӣ ба қадри имкон ба хонҳои мустабид ёрӣ медоданд, хонҳо низ аз уламои расмӣ хеле хуб ҳимоя мекарданд;
- ба ин восита уламои расмӣ ба замми нуфузи маънавӣ нуфузи моддӣ касб мекарданд;
- уламо ва наздикони онҳо ҳуҷраҳои мадрасаро ба моликияти худ давроварда, рафта-рафта ба миллионҳо даромади вақф соҳиб мешуданд;
- милкҳои вақф, ки хариду фурӯшашон бо ҳукми аҳкоми шаръӣ қатъиян манъ буд, ба манфиати муллоҳои калон ҳалол шумурда шуд;
- аз сабабе, ки таълиму тарбияи талабагон ба муллоҳои бадахлоқ шуд буд, ҳаёти илмии Бухоро тамоман маҳв гардид;

Аз омӯзиш ва таҳлили мавзуъ ба чунин хулоса омадан мумкин, ки С. Айнӣ дар радифи омилҳои манфӣ баъзан аз ҷанбаҳои мусбии ҷомеаи Бухоро тавсиф менамояд, ки шарҳу тавзеҳ додааст, ки марбут ба мадрасаҳои он мебошад. Зуҳур афроди барҷастаи шахсиятҳои барҷастаи халқи тоҷик дар Бухоро аз он шаҳодат медиҳад, ки ҳоло ҳам нафароне буданд, ки дар омӯзиши илму дониш шавқ доштанд. Маҳз дар давраи мазкур Аҳмади Дониш ба унвони муҳассили пештози мадрасаи Бухоро чун ба дарсҳои

расмӣ қонеъ намешуд, бо омӯзиши инфиродии нуҷум, ҳайат, ҳандаса ва ҳисоб дар назди мутахассисони касбӣ заковат ва истеъдоди фавқуллода дар бахши илмҳои динӣ, шеъру адабиёт, таърих ва тарҷумаи аҳволи бузургон ва ғайра пайдо намуд.

Ҳамчунин, устод Садриддин Айнӣ дар «Ёддоштҳо» аз «даҳяк» ёд мекунад, ки ба баъзе муҳассилони мадрасаҳо дода мешуд. Ба андешаи ӯ, ба гирифтани ин маблағи муайян талабагоне ҳақ пайдо мекарданд, ки китоби «Ҳидоя»-ро мувофиқи қоидаи забони арабӣ рост хонда ва ба тоҷикӣ тарҷимаи дурусти забонӣ карда тавонанд ва ҳам дар хатми дарсҳояшон – (барномаи мадраса) беш аз панҷ сол намонда бошад, яъне ҳар талаба даҳякгир метавонист пеш аз панҷ соли хатми дарсҳои мадрасаӣ то як ё ду соли баъд аз хатм ин инъоми муайянро ба даст дарорад» [5, с. 278].

Аз натоиҷи он ҳама таҳлили матолиби асари «Таърихи инқилоби Бухоро» метавон ба хулоса омад, ки устод С. Айнӣ новобаста аз мушкилоти замона, тавонист камбуду норасоии вазъи мактабу маорифи замонаашро ошкор намояд. Ҳарчанд, ки аксар вақт бо чунин заҳмату ҷонбозиҳояш ба мушкилоту кашмакашӣ рӯбарӯ шуда бошад ҳам, вале қаҳрамони миллат ҳеҷ гоҳ ба ноадолатӣ ва бедодгариҳои замони хеш таслим нашудааст [83, с. 35-40]. Баръакс, зи ҳар таҷрибаи талхи сарнавишташ сабақ мегирифт ва бо рӯҳу равони наву созанда барои амалӣ гардонидани мақсадҳояш пайваста кушиш мекард. Ҳамин буд, ки дар натиҷаи талошҳои зиёд ва далелҳои возеҳу равшан вазъи мактабу маорифи асрашро нишон дод, ки чи гуна ин соҳаи пешбари ҷомеа зери раёсати амиру уламои аморат ба мушкилоти сангин рӯ ба рӯ гардидааст. Хушбахтона, заҳматҳои ин марди фидокор дар ниҳоят натиҷа дод.

Масъалаи дигар, ки диққати С. Айниро бештаран ҷалб намуда буд, вазъи китобу китобдорӣ дар Аморати Бухоро (нимаи дуюми асри XIX) мебошад. Бухоро, ки аз қадим яке аз марказҳои бузурги илмӣ маҳсуб меёфт, аз ганҷина ва бозорҳои он қариб тамоми китобҳоро дастрас намудан мумкин буд. Аз сабабе, ки матбаа мавҷуд набуд, тамоми осори илмӣ ва адабӣ бо

ташаббуси дӯстдорони илму дониш тавассути котибон дастнавис мешуд. Дар ин хусус С. Айнӣ зикр менамояд, ки бо сабаби гарон будани нархи осори дастнавис, на ҳама ҳаводорони илму дониш ба китоб дастрасӣ доштанд. Ҳамин буд, ки дар назди ҳар як мадраса китобҳоро дар ганҷинаи китобхонаҳо гирд меоварданд. Истифодаи китобхонаҳо ба талабаҳову касони дигар маҷҷонӣ буд. Аз ҳисоби вақф бо мақсади тармими китобҳои даридаву фарсуда ва хариди китобҳои нав маблағи муайяне ҷудо мешуд.

Муаррихи тоҷик А. Ёрмуҳamматов бар асоси маълумоти устод Айнӣ дар «Ёддоштҳо» тазаккур медиҳад, ки дар мадрасаҳои Бухоро қариб 20 китобхона амал мекард. Баъзе китобхонаҳо бо назардошти пешрафти илм соҳавӣ буданд. Масъалан, китобхонаи «Дору-ш-шифо», ки махсуси китобҳои тиббӣ буд [83, с. 19-23]. Чи гунае, ки дар боло бар асоси маълумоти С. Айнӣ ва Аҳмади Дониш ёдовар шудем, ки баъди тағйири нодурусти ҷадвалҳои дарсӣ ва маъмул шудани ҳошия ва шарҳхонӣ дар мадрасаҳо китобхона ба ҷои кори баъзе аз шогирдони соҳибистеъдод табдил ёфт.

С. Айнӣ таъкид менамояд, ки бо шарофати ҳамин китобхонаҳо баъзе олимони фозил ва ҳақиқатҷӯй ба воя расиданд, ки минбаъд зидди сиёсати фасодонаву золимонаи ҳукумати вақт баромад менамуданд [22, с. 13]. Бояд тазаккур дод, ки чун дигар муассисаҳои фарҳангӣ ҳоло ташаккул наёфта буданд, китобхонаҳо яке аз марказҳои асосии фарҳангӣ дар давраи мазкур маҳсуб меёфтанд. Танҳо нафаре ҷаҳонбинии комил ва нигоҳи хайрхоҳона нисбат ба ҷомеа дошт, ки аз китобхонаҳо истифода мебарад. Мутаассифона, бо сабабҳои объективӣ ва субъективӣ на ҳама ба китобу китобхонаҳо дастрасӣ дошт. Ҳамин буд, ки аксар ҳуқуқи худро талаб карда наметавонист аз ҷаҳонбинию тафаккури мустақил кайҳо маҳрум шуда буд. Онҳое, ки зидди ҳукумати амирӣ мебаромаданд, ба ҷазоҳои сахт гирифтор мешуданд. Махсусан, С. Айнӣ исми бисёреро, аз қабили Ҳоҷибои Хуҷандӣ, Домулло Фазли Ғиждувонӣ, Муминхоҷаи Вобкандӣ, Худойбердии Бойсунӣ, Домулло Марҷонии Қазонӣ ном мебарад, ки бо сабаби норозигияшон аз

ҷадвалҳои дарсию низоми дарсгузарии мадрасаҳо дар аҳди Насрулло ва Музаффар ба таҳдидҳои ҳукуматдорон гирифтор шуда буданд [22, с. 14]. Қисми зиёди ин афрод дар натиҷаи зулму ситами амирони ҷоҳталаб аз Бухоро ба ноҳияҳои имрӯзаи ҷанубии Русия рӯ оварданд. Махсусан, Шаҳобиддини Марҷонӣ баъди ба Қазон рафтанаш, низому тартиботи Бухороро зери танқиди сахт қарор дод ва  мардуми Тотористонро аз аҳволи бади фарҳангии Бухоро бохабар намуд.

Ба ақидаи муаллиф, зуҳури чунин афрод  ба пойгоҳи қавии муассисаҳои фарҳангӣ, махсусан китобҳонаҳо бастагии калон дошт, ки ин яке аз хусусиятҳои хосси таърихи асримиёнагии халқи тоҷик аст. Вале мутаассифона,  бо зуҳури қавму қабилаҳои кӯчӣ ва сиёсати нодурусти онҳо дар бахши фарҳанг ин омили  созандаи минтақаро қариб, ки ба нестӣ расонид. Валедар он замон афроди камшуморе ба воя мерасиданд, ки ҷомеа ва нуқсонҳои онро комилан дарк намуда мекарданд. Амирони Бухоро бошанд ҳеҷ намехостанд, тобеъонашон аз онҳо бартарӣ дошта бошанд ва сиёсати манфури эшонро ба мардум фош созанд.

Зиддиятҳои оштинопазир амалдоронро водор сохт, ки ҳамин заминаи созандаи бедории мардумро низ аз миён баранд. С. Айнӣ ин масъаларо пайгирӣ намуда, қайд кардааст, ки «... Раҳмонбердӣ як қисми китобҳоро ба хазинаи подшоҳӣ бурда, дарашро қулф карда монд, як қисмашро ба муллоҳои расмии калон тақсим карда дод. Бо ҳамин, ошиқони илм ва шогирдони мустаид аз мутолиа маҳрум гардиданд. Дар натиҷаи амалӣ намудани ин «тадбир» роҳи ба таври хусусии  «одам» шудан ҳам аз байн рафт. Он маблағҳои вақфи китобхонаҳо ва бинои онҳо ба хӯҷаинони бадкирдору бадахлоқ тахсис дода шуд» [22, с. 15].

Аз солҳои 60-70-уми асри XIX сар карда, дар бинои китобхонаҳои собиқ танҳо фарзандони амалддорони давлатӣ, махсусан қозикалон, раис, аълам, охунд ва монанди инҳо бо маблағи вақф маҷлисҳои бачабозӣ ва майнӯшӣ барпо менамуданд.

С. Айнӣ дар хусуси маҳви китобҳои нодири Бухоро зикр месозад, ки баъди ворид гардидани аврупоиён ба минтақа, як қисми китобҳо дар хонаҳои уламо буд, аз ҷониби писарони шаҳватпарасту аз илм дури онҳо ба китобдӯстдорони аврупоӣ фурӯхта шуд. Ва он китобҳое, ки ба хазина ворид шуда буданд, аз рутубат пӯсида нобуд шуданд [ 22, с. 16]. Ҳамин тариқ, С. Айнӣ бо як дарду алами зиёд аз маҳви осори кӯҳани илмиву фарҳангӣ, сарвати пурғановати халқи куҳанбунёди хеш, ёд менамояд, ки дар замони рукуди фарҳанги маҳаллӣ як фоҷиа буд.

Омӯзишу таҳлили осори С. Айнӣ дар ин самт моро водор месозад, ки боз ҳам сари ин масъала тааммул намоем ва аз таърих ибрат гирем. Вале амирони манғит, чун аз таъриху илм бехабар буданд ба хотири аз манфиатҳои хеш ҳатто аз сарнавишти талхи амирони гузашта панд намегирифтанд. Агар дар ин самт фикр ҳам кунанд, худро ба мисли чӯпону мардумро мисли рама медонистанд.

Бояд зикр кард, ки ҳар нафаре, ки дар як ё ду фан тахассус пайдо намуда бошад, аз танҳо муқаддима ва мавзуоти фаннҳои дигар низ ошноӣ дорад. Вале Аҳмади Дониш аз ҷумлаи донишмандонест, ки дар муҳити торики Бухоро, ки аз асбобу анҷом ва адабиёти нави илмӣ хабаре набуд, дар чандин фан алакай соҳибтахассус буд. Вай дар давраи амир Музаффар касби дониш намуд ва ба камол расид. Бо вуҷуди дониши зиёд доштанаш, дар чандин соҳаи илм, дар пеши амири хаёлӣ, ба ҳайси мунаҷҷим шуҳратманд шуд.

Мувофиқи маълумоти С. Айнӣ ва хотироти худи Аҳмади Дониш, амир Музаффар ӯро чун мунаҷҷим мавриди эҳтиром қарор медод. Ҳар вақт аз чигунагии толеъи худ аз ӯ пурсон мешуд. Вале Аҳмади Дониш ҳеҷ вақт аз таҳти дил ба амир хидмат ва хушомадгӯӣ накард, балки дар мавриди муносиб аз фасодии усули идории Бухоро, хиёнат ба аҳли дарбор ва сохтакориҳои муллоҳо гоҳо бо ишорат ва гоҳо бо сароҳат ба амир тазаккур медод.

Бояд тазаккур дод, ки С. Айнӣ дар шароити хоси тағйири ҳаводиси охири асри XIX, вуҷуди Аҳмад Махдуми Донишро дар фазои илмии Бухоро барои пешрафти шуури мардум муассир медонад. Ӯ хидматҳои бузурги Аҳмади Донишро дар таълифи китоби «Наводир-ул-вақоеъ» ҷиҳати арзёбии омилҳои номатлуби рушди ҷомеаи Бухоро ва пешниҳод барои ислоҳи онҳо қобили таҳсин медонист. С. Айнӣ Аҳмади Донишро шахси фозил дараҷаи аввал медонист, ки ба дарсгӯи машғул нагардид ва албатта ин амалашро ба фасоду харобии мадрасаҳои Бухоро нисбат медод. Ҳамчунин, муаррих, ҳунари Аҳмад Махдумро дар навиштани назм ва насри сода беҳамто медонад. Ба ин мисол шуда метавонад баъзе аз ақидаҳое, ки дар дил дошту ба гуфтан иктифо намекард ва онҳоро дар дафтари хотираҳояш ба таври назму пароканда рӯи авроқ овард. Ӯ асари безаволи «Наводир-ул-вақоеъ»-ро яке аз осори барҷастаи нимаи дуюми асри XIX дар Бухоро меномад, дар доираҳои илмӣ ва адабӣ шуҳрат дошт.

Дар хусуси мавқеи фарҳангии Аҳмади Дониш академик Б. Ғафуров таъкид менамояд, ки ӯ дар ибрози ақидаҳои фалсафии худ дар мавқеи идеалистӣ монда, ба мисли Абӯалӣ ибни Сино ва Умари Хайём ба таълимоти абадияти олам ва офариданашудани он тарафдор будани худро нишон додааст, ки дар шароити ондавраинаи пур аз таассубу хурофотии Бухоро ҳамаи пояҳоро ба ларза меовард [32, с. 770].

Дар тақвияти навиштаҳои С. Айнӣ ва Б. Ғафуров ҳаминро бояд зикр сохт, ки Аҳмади Дониш дар нимаи дуюми асри XIX тавонист илму фарҳанги халқи тоҷикро, ки аз асри XVI рӯ ба завол оварда буд, дубора эҳё намояд ва бо таълифи осори гаронбаҳо ва пурмуҳтавои хеш дар ташаккули афкори фарҳангию сиёсӣ саҳми бузург гузорад. Тамоми шахсони соҳибистеъдоду баркамол он солҳо дар атрофи Аҳмади Дониш ҷамъ меомаданд.

Вижагиҳои фаъолияти густурдаи А. Донишро устод Айнӣ дар «Ёддоштҳо» ба таври хеле зиндаву таъсирбахш инъикос намудааст. Мувофиқи навишти ӯ, Аҳмади Дониш ба тадриҷ худро аз дарбор дур ва дар

атрофи хеш одамонеро муттаҳид намуд, ки ҷаҳду талош доштанд оммаро аз банди ҷаҳолату бенавоӣ ва дурӣ аз фарҳанги волои  гузаштаи хеш раҳо намоянд ва омили пешрафти ҷомеа бошанд [6, с. 76]. Ин вижагӣ, ки дар миёни фарзандони фарзонаи халқи тоҷик аз эҳёи  илму фарҳанг ва арзишҳои таърихии  эшон хабар медод.

Ҳамчунин, С. Айнӣ дар «Таърихи амирони манғитияи Бухоро» қайд менамояд, ки «Аҳмади Калла харчанд дар мадрасаҳои Бухоро тарбият ёфта, аз мусоидати бахти баланд ва истеъдоди комил хеле аз ҷузъиёт ва куллиёти улумро дар бар карда, чашмаш ба зудӣ ба тарафи ибрат ва ҳақиқат боз шуд, ҳама чизро аз назари мушкифона мунаққидона мегузаронид, ошкоро ва ниҳон на танҳо амир ва аҳли дарбор, балки уламои сӯъро низ танқидоти сахт мекард. Ӯ дар ошкоро ва ниҳон мансаби ҳақгӯӣ ва интиқодро аз даст надод» [9, с. 99].

Ба фикри мо, назару ақидаҳои Аҳмади Дониш бо вуҷуди моҳияти маҳдуди табақотии худ, нисбат ба он давра арзиши муассир ва хусусияти прогрессивӣ дошт.

Дар воқеъ, вақте ба осори Аҳмад Махдуми Дониш назар меафканем, ин  мутафаккири барҷастаи нимаи дуюми асри XIX-и халқи тоҷик нисбат ба уламо, ҷадвали дарсҳо, усули идории амир ва аҳволи раису қозиҳо ва муносибатҳои оилавӣ – ҷанҷоли арӯсу модаршӯи дидгоҳи созанда ва интиқодӣ дошт.

Дар ҷои дигар С. Айнӣ тазаккур медиҳад, ки амир Музаффар мисли соири подшоҳони машриқзамин ба илми нуҷум эътиқод дошт. Аз он ҷо ки Аҳмад Махдум мунаҷҷим буд, ҳарсола толеи худро ба  ин шахс кашф мекунонид [9, с. 100].

Дар ин радиф С. Айнӣ боз аз мусоирони А. Дониш, ки дар ҳақиқатнигорӣ ҳамто надоштанд, Шариф–махдуми Муътасим, Исомахдум ва Иноят  махдум, Яҳёхоҷа, Қорӣ Абдулмаҷиди Зуфунун, мулло Шарифи Соат ва Мирзо Абдулазими Сомиро ном мебарад [22, с. 23].

С. Айнӣ дар хусуси Мирзо Абдулазими Сомӣ чунин андеша дошт, ки ӯ чун дар ҷангҳои амир Музаффар ба унвони воқеанигор ширкат дошт, тамоми моҷароҳои мавҷударо дар осораш огоҳона инъикос менамояд. Ӯ дар даврони амир Музаффар ва Абдулаҳад чанд соле ҳам ба унвони муншӣ амал кард ва дере нагузашта бо сабабҳои субъективӣ дар синни пиронсолӣ хору залил ва аз дарбор ронда шуд. С. Айнӣ яке аз сабабҳои асосии рондани ӯро аз дарбор дар адолатҷӯияш мебинад. Мувофиқи нишондоди С. Айнӣ ва дигар муҳаққиқони давраи мазкур, Сомӣ дар иншову таҳлил моҳир ва аз илми таърих ба таври хуб огаҳӣ дошт [22, с. 23].

Бояд тазаккур дод, ки Сомӣ то вопасин давраҳои умраш ба омӯзишу таҳлили осори таърихӣ идома бахшид. Ӯ бо заҳматҳои сангин дар тӯли чанд сол, таърихи сулолаи Манғития рӯи авроқ овард. Омӯзиши осори ӯ ва гуфтаҳои С. Айнӣ аз ҳақиқатнигорӣ вадидгоҳи созандаи вай шаҳодат медиҳад. Ӯ баръакси муаррихони дарборӣ, ки ба манфиати давлатдорон хидмат менамуданд, ҳақиқатҳои талхро дар осораш ифшо менамуд.

Ҳамин тавр, дар асоси маълумоти муаррихони болозикр ва таҳлилҳои С. Айнӣ ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки буҳрони маънавӣ на танҳо дар миёни халқ, балки дар дарбори амир, яъне хукумати вакт ҳоким буд. Махсусан, дар ин бобат метавон арзёбии А. Донишро нисбат ба амир Музаффар мисол овард. Аҳмади Дониш дар ҳар маврид аз сатҳи пасти маърифат, тарбия ва ноогоҳии амир аз воқеоти байналхалқӣ, олам ва таърих далели зиёд меорад.

Бо сабаби зотан нодону ҷоҳил будан, ба илму фарҳанг ва донишу маърифати башарӣ рағбате надошт, ҳамаи дунёву олами гуногунхалқу мутафарриқдавлат ва мухталифмамлакатро фақат ба монанди аморати Бухорои замони худ тасаввур мекарду халос. Аҳмади Дониш чунин фаҳмиши Музаффарро ба таври зайл нишон додааст: «Чун балоҳату сафоҳат дар тинати (табиат)-и амир (Музаффар) ҷибилӣ (авлодӣ) буд, ташхис (фарқ) миёни давлатайн (давлатҳо) натавонист кард» [36, с. 23].

Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки А. Дониш ба мисли С. Айнӣ нисбати Музаффар чунин мазаммату тамасхур, танқиду ҳиҷои худро боз ҳам инкишоф дода, ӯро бо сабаби таълиму тарбияи муаллимони бохатту босавод ва боҷуръату нотарс надиданаш, ақлу хиради солим, одобу ахлоқи поку тоза наомӯхтану надоштанаш, силиву шалоқ ва заҳмату кулфати устоди нахӯрданаш, гуруснагиву ташнагӣ накашиданаш, аз ҳунару фунуни зиёди даврон огоҳ набуданаш, илму маърифати умуминсониро аз худ накарданаш, аз маданият, адабиёт ва санъати комил бехабар буданаш, хусусан чи аз таърих ва чи аз унсурҳои муҳимтарини ахлоқу одоби асили инсонӣ бехабар буданаш ба монанди аксар амирони манғит ҷоҳил ва зоҳири инсониро гумнамуда ҳисобидааст [65, с. 74-75].

А. Дониш қайд месозад, ки аз тарсу бими амир Музаффар, мисли замони пешгузаштагонаш, на танҳо «касеро маҷол буд, ки сухани маъқулро»-ро ба ӯ расонад, балки худи ӯ «дар олам сухани маъқулу бемаънӣ»-ро тоқати шунидан надошт [65, с. 75].

Аз маълумоти С. Айнӣ ва А. Дониш аён мешавад, ки сатҳи ақлу хирад ва донишу маърифати қариб ҳамаи умарои Аморати Бухоро аз вазир (қӯшбегӣ), қозикалон, раискалон ва миршаб сар карда, то ба сарфармондеҳ, фармондеҳи қӯшун, тӯпчибошӣ, охунд аскар ва даҳҳо дигар ҳамрикобони амир Музаффар чунон пасту маҳдуд будааст, ки чунин хоҳишу талаботи ниҳоят судманду сулҳхоҳонаи он саркардаи бонуфузи давлати Русияро на танҳо истифода, балки гӯшраси амир ҳам накарданд. Ҳамин бесаводӣ ва дарк нодурусти манфиатҳои давлатӣ аз ҷониби сулолаи ҳукумрон буд, ки қӯшуни Аморати Бухоро дар аввалин набардҳо шикаст хӯрд ва амир ба бастани шартномаҳои нанговару манфӣ барои Бухоро розӣ шуд. Оқибати ҳамин нодониву ҷоҳилӣ ва тасмимҳои беандешаи амир буд, ки рӯз то рӯз мавқеи сиёсии худро бо дасти худ дар баробари ҳукумати подшоҳии Русия маҳдуд сохт.

Албатта, бесаводӣ ва бехирадӣ дар Аморати Бухоро – сарзамини таърихии тоҷикон ва маркази ташаккули тамаддуни бузурги ниёкони онҳо

бо воруди қавмҳои кӯчии аз илму савод дур оғоз гардид ва дар аҳди амирони манғит ба дараҷаи олии худ расид. Низоми илму маориф, ки асосашро мадрасаҳо ташкил медоданд, дар натиҷаи сиёсати фосиду кӯркӯронаи амир ва дигар амалдорон ба буҳрон мувазеҳ шуд. Ҳамаи ин аз мавқеъи ҳукумату моликони он сарчашма мегирифт. Дар ҳоле ки амиру амалдорони асосии давлатӣ аз саводу хирад маҳрум бошанд, пас чӣ гуна метавон дар бобати халқи одӣ фикр намуд. Ҳанӯз, мутафаккири барҷастаи форсу тоҷик Саъди Шерозӣ дар асри XIII дар бобати илм ва мақоми он чунин зикр намуда буд: «Се чиз пойдор намонад: мол бе тиҷорат ва илм бе баҳс ва мулк бе сиёсат» [40, с. 5]. Сиёсат азалӣ ва доимӣ нест, вале илм заминаи пойдорӣ ва устувории давлату ҷомеа дар ҳар давру замон ба шумор меравад. Ин замина дар мамлакати Бухоро қариб, ки маҳв шуда буд.

С. Айнӣ барои мисол аз нодониву бесаводии қӯшбегӣ мисол меорад. Мувофиқи маълумоти ӯ хабару овозаҳои бехату бесаводии вазири аморати Бухоро – Муҳаммад–қӯшбегӣ дар пойтахти Русия низ паҳн шудааст [65, с. 113]. Аҳмади Дониш низ дар тақвияти ин фикр менависад, вазири ҳар як давлат, аз ҷумла аз вазири Бухоро талаб карда мешавад, ки бо сабаби ба ақлу қалам сару кор доштанаш бояд аз аҳли саводу маърифат бошад, то ин ки тавассути он мулкро хуб идора карда тавонад. Мувофиқи гуфтаи вазири ҳукумати Русияи подшоҳӣ, агар вазири Бухоро Муҳаммадшоҳ каме ақлу хирад медошт, даъвои вазирӣ наменамуд ва аз ин вазифаи масъулиятнок даст мекашид. Аз ҷониби дигар, мувофиқи маълумоти А. Дониш, вазир Муҳаммад қӯшбегӣ бо сабаби нодониву ҷоҳилӣ, буздиливу тарсончакӣ, бехатту бесаводӣ ва ғуломи амир буданаш ҳеҷ ягон гапи ростро ба амир намерасонид. Агар ба таърихи давлатдории тоҷикон назар афканем, нақши вазири хирадманд заккӣ дар сатҳи давлат муассир ва бениҳоят пурзӯр буд. Махсусан, ин ҷиҳатҳоро мо метавонем дар давлати Сомониён ва вазирони ботадбири он мушоҳида намоем, ки омили инкишофи давлатдорӣ гардида буданд. Дар давлатҳои минбаъдаи асрҳои XI-XV, сулолаҳои ҳукмрони турку муғул низ таҷрибаи бою пурғановати тоҷиконро дар низоми идории

ҷомеа ба назар гирифта, аксар ин вазифаи мураккабу пурмасъулиятро бар дӯши яке аз хирадмандони тоҷиктабор вогузор менамуданд. Яке аз вазирони донишманду хирадманди Салчуқиён Абуалӣ Ҳасан ибни Алии Тусӣ, маъруф ба Низоммулмулк аст, ки дар ба танзими низоми давлати Салчуқиён тӯли қариб 30 сол нақши барҷаста дошт. Маҳз бо хирад ва ташаббуси бевоситааш дар як қатор шаҳрҳои бузурги Мовароуннаҳру Хуросон то Ироқ мадрасаҳои зиёде бо номи «Низомия» кушода шуд, ки дар онҳо илмҳои динӣ ва дунявӣ дарс дода мешуд. Вале, мутаассифона, дар нимаи дуюми асри XIX мо баръакси ин гуфтаҳоро мушоҳида менамоем. Дар ҳақиқат, вазир бояд аз сирру асрори подшоҳ, ҳам аз сирри давлат бохабар бошад ва дар ҳеҷ лаҳза ҳаллу фасл ва иҷрои рисолати хешро ба ихтиёри ёварон ва мушовирону дабирон вогузор накунад.

Ҳамин тавр, Садриддин Айнӣ вазъи фарҳангии нимаи дуюми асри XIX–ро дар осори худ мавриди баррасӣ ва таҳлил қарор дода, дар ифшои яке аз марҳалаҳои рушди таърихии халқи тоҷик саҳми бузург гузошт. Ин марҳалаест, ки алакай ҳақиқатнигориҳои аҳли уламо то ҷое боло гирифта буд. Омили асосии ин ифшои камбудиҳои ҷамъиятӣ, махсусан дар буҳрони фарҳангии ҷомеа арзёбӣ мешуд, ки пеш аз ҳама, сабру тоқати мутафаккирони замонро дар ҷомеа лабрез сохт. Айнӣ аз ҷумлаи он зиёиёни пешқадам буд, ки наметавонист ба чунин як вазъияти номатлуб ва паёмади сиёсати авомфиребонаи амирону хонҳои мустабиди Бухоро таҳаммул варзад. Ӯ низ ба монанди Аҳмади Дониш ягона роҳи наҷоти мардум ва инкишофи ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии ҷомеаро дар маҳви низоми фарсудаи Аморати Бухоро ва сарнагун сохтани сулолаи ҳукмрони аз саводу хирад фарсахҳо дури он медид. Ҳамин аст, ки дар осори хеш ба таври объективӣ вазъияти соҳаҳои ҷамъиятиро дар нимаи дуюми асри XIX таҳлилу баррасӣ намуда, омили асосии ба чунин фазои буҳронӣ рӯ овардани сарзамини тамаддунофари халқи тоҷикро, пеш аз ҳама, дар вуҷуди чунин як низоми истибдодӣ ва нолоиқ медид.

Ба ақидаи мо, таҳлили объективӣ ва баёни содаи ҳаводиси иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии халқи тоҷик дар нимаи дуюми асри XIX аз ҷониби устод С. Айнӣ яке аз аввалин ташаббусҳои ҷиддӣ дар роҳи омӯзонидани таърихи асили ниёкон ба насли наврасу ҷавон мебошад. Имрӯз осори таърихии ӯро мо метавонем ҳамчун таҷрибаи таърихӣ истифода барем ва зуҳури буҳрони маънавиро дар ҷомеа пешгирӣ намоем. Омӯзиши осори ӯ моро ба хулосае овард, ки сарчашмаи асосии ҳама нокомиҳо ин буҳрони фарҳангӣ, махсусан аз илму хирад дур мондани ҷомеа аст. Ана ҳамин вазъро муаррих ба таври одӣ ва сода шарҳу эзоҳ додааст, ки ҳар як хонанда ва муҳаққиқи давраи мазкур метавонад бо роҳи аз ҳама осонтарин ба аҳдофи худ расад. Ҳадафи ҳар як олим ҳам, ба ақидаи мо, осон намудани кор, яъне мураккабро сода ва оммафаҳм намудан аст. Садриддин Айнӣ аз уҳдаи ин рисолати худ ба таври барҷаста баромад ва омӯзиши таърихро бо як усули аз ҳама оддӣ ба роҳ монд. Аз ин ҷиҳат осори таърихии ӯ то ҷое аз дигарон фарқ мекунад.

### 1.3. Инъикос ва баррасии ҳаракати маорифпарварӣ дар осори С. Айнӣ

Мутафаккири барҷаста, муаррих, нависанда, шоир ва чеҳраи маъруфи халқи тоҷик Садриддин Айнӣ аз ҷумлаи он муҳаққиқонест, ки тамоми соҳаҳои ҷамъиятиро дар ибтидои асри XX қариб дар ҳамаи осори гаронбаҳояш мавриди баррасӣ ва таҳлил қарор додааст. Ӯ ҳамчун шоҳиди бевоситаи давр, вазъи мавҷудаи замонро бо тамоми унсурҳояш дар осори худ инъикос менамояд. Аз ин назар таърихи нимаи аввали асри XX-и халқи тоҷикро бидуни омӯзиши осори С. Айнӣ арзёбӣ намудан ғайримкон аст. Ӯ барои боз ҳам равшантар сохтани таърихи ибтидои асри XX тамоми падидаҳоро бо ҷузъиёт, омили зуҳур ва вижагии хоссашон дар осораш инъикос меамояд. С. Айнӣ ҳамчун маорифпарвар ва пайрави ақидаҳои Аҳмади Дониш ва дигар ҳаммаслакони ӯ (охири асри XIX ва ибтидои асри

XX) масъалаи таҳқиқи ҳаракат ва ақидаҳои маорифпарвариро дар мадди аввал мегузорад.

То имрӯз баъзе таърихшиносон ва олимон бар асоси таҳлилу омӯзиши афкору андешаҳои Аҳмади Дониш кӯшиш намуданд, ки вижагии хосси ҳаракати маорифпарварии халқи тоҷикро нишон диҳанд. Махсусан, Б. Ғафуров [32], З. Ш. Раҷабов [54], Ҳошим Р [76], Н. Ғаффоров [81] ва С. Табаров [63] ба омӯзиши паҳлуҳои мухталифи ин ҷараёни пешқадам камар бастанд. Вале дар саргаҳи ин таҳқиқот Садриддин Айнӣ қарор дошт. Ба мисли С. Айнӣ ҳеҷ мутафаккири дигаре аз ҳадафу моҳияти ин ҳаракати фарҳангию сиёсӣ дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX хубтар огоҳ набуд. Агар нафаре огоҳ бошад ҳам, пас зери таъсири афкори С. Айнӣ қарор гирифтааст. Чунки ӯ худ яке аз фаъолонии ин мактаб ва пайрави бевоситаи ақидаҳои насли аввали маорифпарварон буд. Махсусан, асари безаволаш «Ёддоштҳо» дар мавриди таҳқиқу баррасии фаъолияти маорифпарварон матлаби хуб дорад.

Бояд зикр намуд, ки дар охири қарни XIX ва ибтидои қарни XX вазъи сиёсиву иқтисодии Аморати Бухоро хеле вазнин буд. Хусусияти хосси давраи мазкур дар муборизаҳои мусаллаҳона ва оштинопазири тамоми қишрҳои ҷамъиятӣ арзёбӣ  мешавад. Баъди забти Осиёи Марказӣ аз тарафи Русияи подшоҳӣ, зулму ситами дутарафа вазъи оммаи заҳматпеша боз ҳам мушкилтар шуд. Зери таъсири муҳит ва шароити тоқатфарсо вазъи қишри зиёии ҷомеа – шоирон, нависандагон ва дигар намояндагони илм, ки ақидаи пешқадами тараққихоҳона доштанд, ба танг омад. Аксар зиёиён дар ҳоли ноумедӣ ва парешонию сарсонӣ ба сар мебурданд. Маорифпарварони охири асри XIX ва ибтидои асри XX дар чунин як муҳити носозгор ақидаи пешқадамонаи хешро ба миён гузоштанд [4-М, с. 76-81].

Бояд тазаккур дод, ки С. Айнӣ дар даврае ба кору фаъолияти адабиву илмӣ ва омӯзгорӣ шуруъ намуд, ки ҳаёти иҷтимоиву маънавии халқи тоҷик дар Аморати Бухоро вазъи ногувор дошт. Дар интиҳои асри XIX ва ибтидои асри XX дар сарзамини Бухоро ва қаламрави таърихии тоҷикон ҳаракати

маорифпарварӣ зери роҳбари ва намояндаи барҷастаи худ Аҳмад Махдуми Дониш дар ҳоли ташаккул қарор дошт. Дар ҳалқаи маорифпарварони тоҷик устод Садриддин Айнӣ ҳам бо мақсади ҷустуҷӯи роҳи ояндаи босаодати мардум камар баст ва шамъи илму донишро дар ҳамон муҳити тираву торик шуълавар намуд. Дар ин хусус Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зикр менамояд, ки «Корномаи беназири устод Садриддин Айнӣ дар таърихи миллати мо камназир буда, тамоми умри бобаракати ӯ барои ҳифзи ҳувияти тоҷикон ва ба сифати миллати қадимӣ эътироф гардидани онҳо сарф гардидааст. Устод Айнӣ аз ҷумлаи зиёии пешқадам мебошад, ки тамоми умр ва фаъолияти серҷабҳаашро сарфи хизмат ба миллат намудааст. Муборизаи ҷасурона ва фаъолияти хирадмандонаи фарҳангиву маънавӣ, ғоявӣ, адабӣ ва сиёсиву иҷтимоии ӯ дар асл корномаи бузурги миллӣ ва саҳми шоиста дар таъмини истиқлоли Ватан дар оянда буд. Бесабаб нест, ки устод Садриддин Айнӣ аввалин «Қаҳрамони Тоҷикистон»-и соҳибистиқлол гардид» [58, с. 308].

Бояд зикр намуд, ки маҳаки асосии афкори ҷамъиятию сиёсии халқи тоҷикро дар интиҳои асри XIX ва ибтидои асри XX маорифпарварӣ ташкил медод. Пеш аз он, ки дараҷаи таҳқиқи масоили мазкурро дар осори Садриддин Айнӣ арзёбӣ намоем, мебояд аҳаммияти ин ҷараёнро дар сарнавишти халқи тоҷик мушаххас созем.

Маорифпарварӣ ҷараён, ҳаракати иҷтимоию сиёсӣ ва адабию фарҳангие ба ҳисоб мерафт, ки бо роҳи паҳн намудани ғояҳои хайру адолат ва илму дониш ноқисиҳои сохтори мавҷудаи ҷамъиятии ҳукмронро аз байн бурдану анъанаҳои номатлуб ва маишату сиёсати фосидонаи ин ҳаёти ҷомеаро аз миён бардоштан мехост. Асоси ҷаҳонбинӣ ва таълимоти маорифпарвариро ақидаҳои идеалистӣ ташкил медоданд. Дар ҳама давру замон ва минтақа намояндагони маорифпарвар аз ҷумлаи қишри пешқадами табақаҳои ҷамъиятӣ баромаданд. Дар байни онҳо намояндагони рӯҳониёну авом, аҳли зиёию саноат, пешовару ҳунарманд, аъзоёни идораи давлатӣ ҳам

буданд. Дар ҳама намуду ҳайат маорифпарварон шуурро омили асосию ҳалкунандаи пешравии ҷамъият ҳисобида, бемаорифию бемаърифатии одамонро сабабгори иллатҳои иҷтимоӣ медонистанд [71, с. 14-15].

Таҷрибаи таърихӣ собит месозад, ки дар ҳар давру замон зери таъсири омили субъективӣ ва объективӣ намояндагони маорифпарвар аз миёни қишри пешқадаму зиёӣ дар ҷамъият бармехостанд. Омили объективии ба вуҷуд омадани чунин як тафаккури солим ва тараққихоҳона, пеш аз ҳама, аз инкишофи табии ҷомеа дар Аврупо маншаъ гирифт, ки капитализмро дар он қитъа ба самар оварду ба Шарқ таъсир гузошт. Кашфиёти бузурги ҷуғрофиёӣ, пешрафти илму техника ба зуҳури муносибатҳои молию пулӣ, бонк ва умуман саноат ба амали бевоситаи маорифпарварони аврупоӣ дар асрҳои XV–XVI бастагӣ дошт, ки минбаъд бо номи давраи Эҳё ёд мешавад.

Дар ҷомеаи Шарқи мусалмонӣ, махсусан Осиёи Марказӣ, ки замоне маркази густариш ва рушди тамаддуни инсонӣ буд, акнун як низоми суннатии фалаҷ зери сарварии сулолаҳои кӯчӣ, ҳоким буд, ки он омили рушди номуносиби ҷомеа гардид. Ҳам дар ҷомеаи ибтидоии маорифпарварии Аврупо (XVI) ва ҳам дар Осиёи Марказӣ (XIX) намояндагони маорифпарвар аз миёни рӯҳониён, аҳли зиёӣ пешавару ҳунарманд ва ходимони идораи давлатӣ бархостанд. Хусусияти умумии ин ҷараён дар он буд, ки дар ҳама муҳит шуур омили асосию ҳалкунанда ва бемаърифатӣ омили нақси ҷомеа маҳсуб меёфт. Хусусияти хосси маорифпарварии Осиёи Марказӣ, ба ақидаи муаррихи тоҷик Н. Ҳакимов ҳоло ҳам ба маънавиёти ҷомеасозии исломӣ такя намудан ва зери таъсири маънавиёти ҷомеасозии навин – буржуазии аслан русӣ мондан ташкил медод [71, с. 17].

Таназзули ҳаёти ҷамъиятии халқи тоҷик дар асрҳои миёна, ки аз заъфи иқтисодию маданӣ, қашшоқию бенавоии оммаи заҳматкаш, камбуди донишҳои сиёсию иқтисодӣ, ҳокимияти якранги идеологияи феодалию динӣ дар ҳаёти маънавӣ, маҳрумияти сиёсӣ ва истибдоди феодалӣ

сарчашма мегирифт, ки ба зуҳури ақида, афкор, таълимот ва ҳаракати маорифпарварӣ замина гузош. Ин дар воқеъ як вокунише буд, ки дар қиболи ҳаёту маишати табақаҳои дорою ҳукмрон. Барои ҳалли масъалаҳои ҳаётӣ ва имтиёзи иқтисодию сиёсӣ ва ҳуқуқии табақавӣ ҳамеша зиддият вуҷуд дошт. Вале фақат дар давраи маорифпарварӣ имкон фароҳам шуд, ки роҳи ҳалли ин зиддиятҳо шарҳу баёни худро биёбанд.

Шоёни тазаккур аст, ки маорифпарварони асри XIX аксар назарияҳои худро дар қиёс бо пешрафи сатҳи ҷомеаи Ғарбу Шарқ, яъне капитализму феодализм иброз менамуданд. Дар ибтидо маорифпарварони тоҷик бештар дар хусуси таҳкими адолати иҷтимоӣ баҳсу мунозара намуда, ягона роҳи ҳалли масъаларо дар рушди маориф ва маърифатнок шудани ҷомеа нишон медоданд [4-М, с. 76-81].

Муаррихи тоҷик Н. Ҳакимов ба маврид таъкид менамояд, ки танқиди сохти феодалии онҳо сифату сурати соф маорифпарварона ва хаёлӣ доштанд. Онҳо ҷоҳилии боёну камбағалонро сабаби асосии бадбахтиҳо, бемаърифатии онҳо дониста, беҳтарсозии сифати таълиму тарбияро омили асосии аз мусибатҳои феодалӣ озод шудани ҷомеа медонистанд. Аз ин рӯ, ҷорӣ кардани маърифат, адолат, дӯстӣ ва барҳам додани истибдодро мақсаду мароми асосии худ медонистанд. Маорифпарварони тоҷик аслан дар доираи баҳсу муҳокима сухан ронда нуқтаи баланди таълимоти онҳо ислоҳот бошад ҳам, ислоҳотхоҳии онҳо аз ислоҳоти мактабу мадраса дур нарафт. Дигар ин ки ғояҳои ислоҳотчигии онҳо ҳам аз доираи идеологияи расмии ислом берун намебаромад. Вале ғояҳои пешқадаму демократии маорифпарварони тоҷик, сарфи назар аз ин ки на ҳама дар амал татбиқ гардида буданд, аҳаммияти бузурги таърихӣ доштанд. Аввалан ин аҳамият он аст, ки дар шароити тартиботи қафомондаи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии асримиёнагӣ, афзудани нуфузи идеологияи феодалию динӣ таълимоти маорифпарварӣ худ ифодаи эътирози намояндагони пешқадами зиёиён нисбат ба сохтори мавҷуда буд. Дувум ин ки маорифпарварони тоҷик барои қатъиян тағйир додани системаи маориф, маҳдуд кардани

доираи таъсири дин ва ҷорӣ гардидани таълими илмҳои дунявӣ мубориза мебурд. Савум ин ки маорифпарварони тоҷик тарзи зиндагӣ, системаи маорифу маданият ва илми Аврупо (Русияро) тарғибу ташвиқ мекард. Ва охиран, муборизае, ки маорифпарварон зидди тартиботи феодалии асримиёнагӣ буданд, барабас нарафт [71, с. 16-17].

Махсусияти афкори маорифпарварии Бухоро ва Туркистонро, ки аввалан ҳоло ҳам ба маънавиёти ҷомеасозии исломӣ такя доштан ва зери таъсири маънавиёти ҷомеасозии навин-буржуазии аслан русӣ мондан ташкил медод. Онҳо аз ақидаҳою анъанаҳои ҷомеасозии миллӣ дур рафтан нахоҳанд ҳам вале бартарии ҷомеасозии ҳамсоягони дуру наздикро надида намонданд. Маорифпарварони асри XIX бештар ҳаёти ҷамъиятии шарқу ғарбро (феодализму сармоядориро) муқоиса мекарданд ва ақидаҳои худро баён менамуданд. Онҳо бештар оиди роҳҳои имконияти барқароршавии адолати иҷтимоӣ баҳс намуда ин роҳро дар маориф ва маърифатнок кардани ҷомеа медиданд.

Маорифпарварони ибтидои асри XX, яъне пайравони мактаби Аҳмад Махдуми Дониш – Тошхуҷаи Асирӣ, А. Фурқат, Садри Зиё, Маҳмудхоҷаи Беҳбудӣ, Сироҷиддини Табиб, С. Айнӣ таълимоти маорифпарварирозери таъсири падидаҳои нави ҳаёти ҷомеат тағйиру такмил доданд.

Устод С. Айнӣ ҳамчун муҳаққиқ ва меросбари мактаби маорифпарварон дар осори хеш перомуни хусусиятҳои ин мактаби маърифатию иҷтимоии халқи тоҷик ва намояндаҳои он то ҷое маълумоти муфассал медиҳад. Дар ин хусус, метавон гуфт, ки тамоми маълумоти дасти аввали марбут ба ҳаракати маорифпарварӣ қариб, ки аз осори илмӣ ва бадеии С. Айнӣ сарчашма мегирад. Албатта ин матолиб ҷузъиёти ҳаводисе мебошад, бевосита ба ҳаёт ва фаъолияти С. Айнӣ бастагӣ доранд. Мактаби ташаккулдодаи С. Айнӣ, ки минбаъд ҷадидия ном гирифт, мувофиқи таъкиди бевоситаи худи ӯ, асосан аз маорифпарварӣ маншаъ гирифт. Дар ин осор масоили марбут ба таҳкими муносибатҳои феодалию динӣ, заъфи иқтисодӣ-фарҳангии Аморати Бухоро, авомили сатҳи пасти зиндагии

меҳнаткашони қашшоқу хонахароби Туркистону Бухоро, адами истеҳсолоти саноати замонавӣ, поймолшавии ҳуқуқҳои сиёсӣ, авҷи бесаводӣ дар миёни аксари аҳолӣ ва зулму ситами мустамликавӣ инъикос мешаванд.

Бояд зикр намуд, ки дар илми таърихшиносӣ то ҳол дар хусуси ҳаракати маорифпарварӣ ва ҷадидия ду ақида маъмул аст. Яке онро сиёҳ ва дигаре сафед мекунанд. Аксар ҷадидонро давомдиҳандагони кори маорифпарварон эътироф намудаанд. Дар навбати худ бархе аз муаррихон ва адабиётшиносон ҷадидонро ба ду қисм-иртиҷоӣ ва прогрессивӣ тақсим намудаанд. Бо мақсади ба хатогӣ роҳ надодан дар хусуси ин масоили мубрами охири асри XIX ва ибтидои асри XX моро мебояд, ки ба осори муаррихи замон ва дар айни ҳол ҷадид Садриддин Айнӣ такя намоем. Дар хусуси ҷадид ё маорифпарвар будани С. Айнӣ муҳаққиқон дар як ақида нестанд. Агар осори С. Айниро таҳлил намоем, ҷавоби инро даремёбем, вале дар навиштаҳои тоинқилобии ӯ наметавон ақоиди маорифпарвариро аз ҷадидия ҷудо намуд [42, с. 35].

Муҳимтарин ва дақиқтарин осори таърихӣ дар мавриди маорифпарварӣ «Таърихи инқилоби Бухоро» мебошад. Аз таҳлили матолиби асари мазкур маълум мегарадад, ки ақидаҳои маорифпарваронаю ислоҳотхоҳонаи С. Айнӣ ва дигар зиёиёну равшанфикрони ибтидои асри XX баъд аз хондани асари Аҳмад Махдуми Дониш «Наводир-ул-вақоеъ» оғоз ёфт [4-М, с. 76-81]. Ин асар дар давоми таълиф (соли 1883) аввал дар доираи маҳдуд, баъдан миёни зиёиён паҳн шуд. Чунончи, худи устод зикр менамояд: «Пеш аз ба Бухоро омадани матбуоти Русия ва Туркия ба кушода шудани фикри баъзе касон ҳамин китоб сабаб шуда буд» [42, с. 35].

Агар ба дараҷаи таҳлили ҳаракати маорифпарварӣ ва таҳқиқи он дар осори С. Айнӣ назар афканем, маълум мегардад, ки ӯ пайдоиши аввалин норозигии аҳли зиёро аз низоми таълимии мактабу мадраса ва сохтори идории Аморати Бухоро пеш аз Дониш ба давраи ҳукмронии амир Насруллоҳ нисбат медиҳад. Мувофиқи ахбори муаррих, тағйири нодурусти ҷадвалҳои дарсӣ ва зуҳури хуруфот дар дарсҳои расмӣ бо назардошти

китобхонаҳое, ки дар Бухоро вуҷуд дошт, баъзе донишмандони пешқадам ба майдони мубориза омада, бар зидди рафторҳои худхоҳона ва худписанди уламои расмӣ шикоят мекарданд. Ба гуфти С. Айнӣ «... ҳеҷ набошад кайфи гурӯҳи мустабидро парронда меистоданд» [22, с. 196].

Дар ин хусус яке аз айнишиносони барҷаста, академик М. С. Имомзода чунин назар дорад, ки «... онҳо коре карда натавонистанд ва баъзе аз онҳо ҷону моли худро аз даст доданд» [42, с. 35].

Бояд зикр кард, ки устод С. Айнӣ дар китоби болозикр зери матлаби «Тайёрӣ ба инқилоби илмӣ ва иҷтимоӣ» афкори Аҳмад Махдуми Донишро омили асосии инқилоби фикрӣ ва иҷтимоӣ дар чунин як давраи тираи Бухоро меномад. Дар ҳақиқат, вақте ба осори Дониш назар меафканем, ӯ ба таври сода ва оммафаҳм ақидаҳои интиқодии хешро нисбат ба ҷомеаи қафомондаи Бухоро ва омили ин падидаи манфӣ ба таври хеле барҷаста иброз намудааст. Махсусан, аҳволи уламо, ҷадвалҳои дарсӣ, раванд, мазмуну мундариҷаи дарсҳо ва муносибатҳои оилавиро дар осораш мунсифона инъикос месозад. Бо таъсири суҳбатҳои Аҳмади Дониш ва осори танқидии вай дар Бухорои он вақта як гурӯҳ донишмандоне ба саҳнаи мубориза ворид шуданд, ки ба муқобили сохти давлатдорӣ ва низоми таълиму тадриси мавҷуда як навъ ҳаракатҳои опозитсионӣ нишон медоданд [8, с. 33]. Тарафдорони ин ҷараён (ё худ равия) маҳз бо роҳи тарғиби ғояҳои хайр, адолат, илму маърифат иллатҳои сохти ҷамъиятиро барҳам задан, анъанаю маишат ва сиёсати онро тағйир додан мехостанд. Андешаҳои Аҳмади Дониш ҳам пурра ба ҳамин мақсад равона гардида буд. Бинобар ин ӯро, барҳақ, асосгузори ҷараёни маорифпарварии на танҳо Бухоро, балки тамоми Осиёи Марказӣ мешиносанд.

Бояд иброз намуд, ки дар ғояҳои маорифпарварии Аҳмади Дониш воқеан тамоми ҷиҳатҳои мусбати афкори фалсафӣ ва иҷтимоию сиёсии на танҳо халқи тоҷик, балки дигар халқҳои Осиёи Марказӣ, мамлакатҳои ҳамҳудуди Шарқ ва ғайра низ таҷассум ёфтаанд. Барои ташаккули ин ғояҳо махсусан, таассуроти сафарҳои Петербург нақши муҳимме бозидааст, зеро

дар натиҷаи ин сафарҳо Аҳмади Дониш бо чашмони худ дид, ки ватанаш – Бухоро нисбат ба Русия то кадом дараҷа аз ҷиҳати иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ қафо мондааст. Аҳмади Дониш яке аз барҷастатарин ва фозилтарин одамони Бухоро ба шумор мерафт. Ӯ пешрафти иқтисодию сиёсӣ ва фарҳангии ватани худро мехост. Орзу мекард, ки мулкаш обод ва мардуми он хушбахт бошад. Ба андешаи Аҳмади Дониш, подшоҳ ҳамон вақт адолатхоҳ шудан метавонад, ки даҳ шартро риоя кунад. Шарти аввал, ба андешаи мутафаккир, «дар ҳар воқеа, ки раоёро пеши ҳоким афтод, подшоҳ худро дар он воқеа аз раоё тасаввур кунад ва дигареро бар худ ҳоким донад. Ва дар он ҳам ҳар ҳукм, ки аз дигаре ба худ раво намедорад. мисли он аз худ ба дигаре раво надорад ва агар раво дорад, хиёнат карда бошад».

Ё худ дар шарти ҳафтум мегӯяд: подшоҳи одил «он ки аз хатари ҳукумат ва вилоят ғофил набошад. Ва яқин донад, ки мансаби аморату ҳукумат олатест, (ки) бад-он саодату некномии дунё ва охират касб метавон кард. Ва ҳам шақовату гирифторӣ ва бадномии абадӣ ҳосил тавон намуд». Дар шарти нуҳум гуфтааст: «... некбахттарини раиятдорон касест, ки раият бад-ӯ некбахт аст ва бадбахттарин касе он аст, ки раият бад-ӯ бадбахт аст».

Аҳмади Дониш дар назди амир Музаффар шарт мегузорад, ки танҳо дар сурати қабул гардидани андешаҳояш оид ба ислоҳот ӯ метавонад дар кори идораи давлатии амирӣ ширкат намояд. Амир аз чунин пешниҳоди бебоконаи Аҳмади Дониш ҷиҳати давлатдории худ хавф бурда, на танҳо онҳоро қабул накард, балки худи ӯро аз дарбор дур карда, аввал ба Ғузор, баъд дар Наҳрпай қозӣ таъйин намуд.

Муаррих дар ин радиф аз донишмандоне ном мебарад, ки дар саргаҳи онҳо Абдулмаҷиди Зуфунун, Яҳёхоҷа, Содиқхоҷаи Гулшанӣ, Ҳомидбеки Ҳомид, Абдуллохоҷаи Таҳсин, Қорӣ Абдулкарими Офарин, Мирзо Азими Сомии Бӯстонӣ, Шамсиддини Шоҳин, Мирзо Ҳаити Саҳбо, Абдулқодирхоҷаи Савдо ва дигарон, норозигии хешро нисбат ба сохти мавҷуда ба тариқи гуногун иброз медоштанд. Ба андешаи ӯ аксари ин афрод

аз шогирдон, дӯстон ва ҳамсуҳбатони Аҳмад Махдуми Дониш буданд. Ҳамчунин, онҳо дар маҳфили илмию адабии Садри Зиё фаъолона ширкат менамуданд.

Аз маълумоти муаррих бармеояд, ки ӯ чун бо дастпарварони мактаби маорифпарварӣ аз наздик ошноӣ дошт, вижагии хосси фаъолияти онҳо дар осораш ба таври барҷаста инъикос шудааст. Дигар аз мусоҳибони Дониш, ки устод С. Айнӣ аз онҳо ном мебарад, Шариф Махдуми Муътасим, Исо Махдум, Иноят Махдум, мулло Шарифи Соат ва Мирзо Сомӣ мебошанд, ки нисбат ба дигарон дар фошсозии разолату ҷаҳолати замона ҳарос надоштанд. Ҳамин буд, ки баъзеи онҳо зери фишори ҳукумати амирӣ Бухороро тарк ва баъзе дигар ба сахтӣ ҷон бохтанд. С. Айнӣ дар хусуси амали ислоҳотхоҳонаи дастпарварони мактаби маорифпарварӣ менависад, ки домулло Икром ва домулло Иваз то ҷое тавонистанд ҷадвали дарсҳои хешро иваз ва ислоҳ карданд.

Академик М. С. Имомзода зимни арзёбии саҳми С. Айнӣ дар таҳқиқу омӯзиши хусусиятҳои хосси ҳаракати маорифпарварӣ ба чунин хулоса меояд, ки пас аз ба вуҷуд омадани рӯзномаву китобҳое ба мисли «Саёҳатномаи Иброҳимбек»-и Зайнулобиддини Мароғаи дар Бухоро шумораи «тараққихоҳон» хеле зиёд мегардад ва онҳо аз қафои ворид намудани ислоҳот дар самти таълими мактабу мадорис мешаванд [42, с. 36].

Шоёни зикр аст, ки диққати С. Айнӣ бештар ба масоили муаррифии аввалин тарафдорони ҳаракати «тараққихоҳ» ҷалб шуда буд. Дар радифи нахустин «тараққихоҳо» ё «ислоҳотхоҳон» ӯ аз Бӯрибой, Мирхон Порсозода, Қорӣ Бурҳон ва Мирзо Муҳиддин Мансурзода ном мебарад, ки машҳуртаринашон буданд [22, с. 25].

Таҳқиқи осори С. Айнӣ ва айнишиносони давраи муосир нишон медиҳад, ки ӯ худро яке аз шогирдони мактаби А. Дониш ва ҳаракати маорифпарварӣ намедонист, балки амалу пайкораш ба барномаи ислоҳотхоҳонаи маорифпарварон пайвастагӣ дошт. С. Айнӣ, ки дар Бухоро ба воя мерасиду аз кӯдакӣ нисбат ба сохти амирӣ ва низоми

ҷаҳолатпарастонаи ӯ нафрат дошт, хоҳ нохоҳ дар зери таъсири ин ҷараёни тараққихоҳона қарор мегирифт. Ақида ва амалҳои маорифпарваронаи С. Айнӣ, дар навбати аввал, ба мактаб ва ташкилу тарғиби ақидаҳои ислоҳотхоҳона пайвастагӣ дорад. Бо мақсади таҳқиқи ақидаҳои маорифпарваронаи устод С. Айнӣ ва назари ӯ нисбат ба ин ҷараёну намояндаҳои вай мебояд дар хусуси нахустин мактабҳо ҳарф занем, вале ин мавзуи ҷадидия аст, ки баъдтар ба ин масъала руҷӯъ хоҳем намуд.

Масъалаи дигаре, ки бояд мавриди таҳқиқ қарор дод, истифодаи мафҳумҳое чун «маорифпарвар», «ислоҳотхоҳ», «ислоҳотталаб», «ҷадид», қадим ва монади инҳо дар осори С. Айнӣ мебошад. Ӯ дар зери истилоҳи маорифпарвар нафареро дар назар дорад, ки дар замони хеш шоеъ аст, яъне ба таври дигар илму дониш ва васоити он ҳосили он мактабу мадорис мебошад [22, с. 37]. Аммо муаррих на худашро ва на каси дигарро, ки дар ташкилу таъсиси мактабҳои ҷадид, яъне усули нав даст доштанд, маорифпарвар меномид. Мафҳуми маорифпарвар дар илми таърих ба касоне марбут дониста мешавад, ки барои рушду нумуи фаъолияти мактабҳои усули нав маблағгузорӣ мекарданд ва нисбат ба ин мактабҳо ва омодасозии афроди ихтисосманд, назари нек доштанд.

Таҳлили осори С. Айнӣ нишон медиҳад, ки маорифпарварон ҷаҳолати боёну камбағалонро сабаби асосии бадбахтӣ ва бемаърифатии онҳо ва пешрафти сатҳи таълиму тарбияро омили асосии раҳоии ҷомеа аз мусибатҳои феодалӣ медонистанд. Аз ин рӯ, рушди маърифат, таҳкими адолату дӯстӣ ва маҳви истибдод мақсаду мароми асосии онҳо буд. Ғояҳои ислоҳотии онҳо аз доираи идеологияи расмии ислом берун намебаромад. Вале ғояҳои пешқадаму демократии маорифпарварони тоҷик, сарфи назар аз ин ки на ҳама дар амал татбиқ гардида буданд, аҳаммияти бузурги таърихӣ доштанд. Аввалан, дар шароити тартиботи қафомондаи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии асримиёнагӣ, афзудани нуфузи идеологияи феодалию динӣ таълимоти маорифпарварӣ худ ифодаи эътирози намояндагони пешқадами зиёиён нисбат ба сохтори мавҷуда буд. Дуюм, маорифпарварони

тоҷик барои тағйири қатъии низоми маориф, маҳдудсозии доираи таъсири дин ва ҷорӣ кардани таълими илмҳои дунявӣ мубориза мебурданд. Сеюм, тарзи зиндагӣ, низоми маорифу маданият ва илми Аврупо (Русия)-ро тарғибу ташвиқ мекарданд. Ва ниҳоят, муборизаи маорифпарварон бар зидди тартиботи феодалии асримиёнагӣ бар абас нарафт [71, с. 16].

Ӯ дар осори хеш маорифпарвароне ба мисли Мирзо Муҳиддин Мансуров, Шарифҷон Махдуми Садри Зиё, Қози Саидҷон ва чанд нафари дигаро ном мебарад, ки ҳамаи онҳо одамони сарватманд ва соҳиби молу пули зиёде буданд. Дар ин радиф, онҳо ҳамчун элитаҳои фарҳангпарвари замони хеш дар фикри пешрафту шукуфоии мулки худ буданд. Ҳамин буд, ки аз рӯзҳои аввал маҳз фарзандону ақрабои онҳо ба ин мактабҳо ворид гардиданд.

Академик М. С. Имомзода зимни пайгири аз асъалаи мазкур, зикр месозад, ки истилоҳи маорифпарвар аз ҷониби Айнӣ ду маротиба мавриди истифода қарор гирифтааст: «Аъзои ҷамъият сирри онро накушода, аз чанд нафар маорифпарварон ҳар моҳе маблағе ба тариқи нона мегирифтанд. Мирзо Муҳиддин Мансуров, Қозӣ Шарифҷони Садр, Қози Саидҷон ва боз чанд нафаре, ки исмашон дар хотирам нақш набастааст, ҳар моҳ маблағи муайяне медоданд» [22, с. 133].

Ба фикри мо, дар аввал таъсири ҳамин сарватмандони ҷомеа буд, ки мактабҳои ташкилнамудаи ислоҳотхоҳон ба мушкилот дучор нагардид. Вале минбаъд зери таъсиру нуфузи зиёди онҳо амири Бухоро дар пайи мубориза бар зидди ақидаҳои тараққихоҳнаи онҳо баромад.

Таҳқиқи фаъолияти густурдаи назариявию амалии устод С. Айнӣ моро ба хулосае овард, ки ӯ дар ибтидои фаъолияташ ҳамчун маорифпарвар ба камол расида буд. Махсусан, ташкилу тарғиби мактаб, пешниҳоди усули нави таълиму тадрис дар мадрасаҳои Бухоро, ҷалби мардум ба омӯзиши таърихи ислом ва ба ин восита огоҳ намудани онҳо аз ҳақиқати шариати исломӣ, тарғибу ташвиқи рӯзномаҳо ва ширкат дар табъу нашри онҳо, аз ҷумлаи амалҳои маорифпарваронаи ӯ маҳсуб меёфт. Имрӯз агар

принсипҳои маорифпарваронаи чи Шарқ ва чи Ғарбро ба назар гирем, аз ҳамон ҳаракатҳои мусаллаҳона бар муқобили сохти ҳукмрон, аз дигаргунсозии низоми мавҷуда, аз эъмори ҷомеаи нав дур будан ва чунин ҳаракат, махсусан ҳарбро намепазируфтанд [42, с. 45].

Шоёни тазаккур аст, ки ҳарчанд фаъолияти С. Айнӣ дар аввал хусусияти маорифпарварона дошт, вале ӯ баъдан ба ҳаракати ҷадидия пайваст. Дар ҳоле ки маорифпарвариро аз ҷадидия ҷудо намоем, пас гуфтан ҷоиз аст, ки Айнӣ аз рӯзи пайвастан ба «Ҷамъияти тарбияи атфол» аз маорифпарварӣ ба ҷадидия қадам ниҳод [4-М, с. 76-81].

Хусусияти хосси афкори маорифпарварӣ дар Бухоро ва Генерал-губернатории Туркистон аввалан, ҳоло ҳам бар пояи муштараки маънавиёти ҷомеасозии исломӣ ва буржуазӣ, яъне аслан русӣ қарор дошт. Онҳо аз ақидаҳою суннатҳои ҷомеасозии миллӣ дур шудан намехостанд, вале бартарии ҷомеасозии ҳамсоягони дуру наздикро сарфи назар карда ҳам наметавонистанд. Онҳо нақши таълими муназзами мактабӣ: мактабҳои усули нав, русӣ-маҳаллӣ, матбуот, нашриёт, маълумоти касбӣ, хидмати тиббӣ ва ғайраҳоро пеш гузоштанд. Маҳз кӯшишу талоши онҳо буд, ки дар 20-соли аввали асри XX аз маорифпарварӣ ҷараёни назариявии нав–ҷадидия ба вуҷуд омад.

Ҳамин тавр, устод С. Айнӣ дар осори хеш зимни арзёбии фаъолияти маорифпарваронаи зиёиёни пешқадами Бухоро, вижагиҳои хосси ақидаҳои ислоҳотхоҳонаи даврро ба таври муфассал тавзеҳ дод. С. Айнӣ аз ҷумлаи аввалин нафаронест, ки ба унвони шоҳиди замон ба таҳқиқи масоили мазкур пардохта, арзишҳои ин ҳаракатро дар рушди ҷомеа ва бедории миллӣ ба таври объективӣ нишон медиҳад. Аз мутолиоти осори ӯ маълум мегардад, ки маорифпарварон як гуруҳи сарватмандони ҷомеа буданд, ки тамоми фикри худро ба масъалаи пешрафти ҷомеа, махсусан мактабу мадорис равона сохта буданд. Таҳқиқоти С. Айнӣ дар ин замина бисёр муассиру омӯзанда аст ва ба дигар муҳаққиқон имкон медиҳад, ки дар

омӯзиши таърихи охири асри XIX ва ибтидои асри XX,  саҳифаҳои нави таърихи ниёконамонро бозкӯшоӣ намоянд.

# БОБИ II. МАСОИЛИ ТАҲЛИЛУ ОМӮЗИШИ ТАЪРИХИ ИБТИДОИ АСРИ XX-И ХАЛҚИ ТОҶИК ДАР ОСОРИ С. АЙНӢ

## 2.1. Инъикоси паёмадҳои ҳамлаи Русияи подшоҳӣ ба Осиёи Миёна ва сиёсатҳои он дар минтақа дар таҳқиқоти Садриддин Айнӣ

Ҳуҷуми Русияи подшоҳӣ дар нимаи дуюми асри XIX дар осори муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ муфассал баррасӣ шудааст. Пеш аз ҳама донишмандони рус М.А. Терентев ва Н.А. Халфин дар ин бора асар навиштаанд. Аз миёни муаррихони тоҷик хулосаҳову арзёбии Аҳмади Дониш хеле ҷолиб аст, зеро маорифпарвари бузург бо лаҳни тунд вале дардовар ин воқеаи фоҷеаборро дар замоне, ки Аморати Бухоро истиқлоли сиёсии худро аз даст медод, тасвир кардааст. Минбаъд ин воқеа ва таъсироти он дар пажуҳиши фаровони донишмандони ватаниву хориҷӣ баррасӣ шудааст.

Садриддин Айнӣ низ истилои сарзаминҳои Осиёи Миёна, аз ҷумла Аморати Бухороро дар осори гуногуни худ тасвир кардааст. Хусусан, дар китоби Айнӣ - «Таърихи амирони манғитияи Бухоро», ин масъала дар радифи дигар ҳодисаҳои таърихии замони Манғитиён муфассал баррасӣ шудааст. Садриддин Айнӣ ҳамлаи лашкари рус ба Аморати Бухороро як ҳодисаи ногаҳонӣ ё дур аз интизор намедонад. Зеро русҳо бинобар хулосаи донишмандон аз замони Пётри I ба замину сарвати Осиёи Миёна чашм дӯхта мунтазири фурсати муносиб буданд [44, с. 462]. Ин кӯшишҳо нахуст дар фиристодани сафирону дигар фиристодаҳо хулоса мешуд. С. Айнӣ зимни таҳлили ҳаводиси замони ҳукумати амир Ҳайдар (1800-1826), ба нақл аз сарчашмаи дигар таъкид мекунад, ки «аз амирони манғит аввал касе ки бо Русия муомала кард, амир Ҳайдар буд. Амир Ҳайдар дар соли 1219-и ҳиҷрӣ (1804-1805-и милодӣ) Мир Алоуддин ном зотро ба Русия ба элчигарӣ фиристод» [9, с. 26].

Ин кӯшишҳои барқарории муносибати дуҷонибаро дар замони амир Насруллоҳ (1826-1860) низ мушоҳида кардан мумкин аст. Аммо бино ба хулосаи Айнӣ дар замони Насруллоҳ «асокири рус аз сарҳадди Урунбурғ

(Оренбург – С.Б.) ба тарафи Туркистон таҷовуз намуда, тасарруф ва истилои Туркистонро дар мавқеи иҷро гузоштанӣ буд, ҳам ба ирсоли расул ва расоил дар ҳукумати Бухоро иҷрои нуфузи сиёсӣ карданро мехост» [9, с. 31]. Муаррих С. Айнӣ, ки аз вазъи он замон иттилои хуб дошт, дар баёни ҳақиқати ҳол менависад, ки ин таҳаррукоти сиёсӣ ва низомии русҳо англисҳоро, ки дар ин вақт аз Ҳинд ба самти Афғонистон омада буданд, ноором кард. Дар бораи рақобати ду абарқудрат Британия ва Русия муаррихони дигар зиёд навиштаанд. Хусусан вазъи англисҳо пас аз ҷанги якуми англису афғонӣ (1840) хеле ноором шуда, кӯшишҳои онҳо барои хунсо кардани нуфузи русҳо муассир мегардад. С. Айнӣ дар ишора ба ҳамин воқеият менависад, ки «ҳукумати Инглис ба Афғонистон гоҳ ба ҷанг ва гоҳе ба сулҳ қадам гузошта, бо фиристодани сафирҳои фавқулода ба ҳукуматҳои Бухоро, Хива ва Фарғона робита пайдо карда, бо латоифулҳияли сиёсӣ мехост роҳи селоби Русро аз ҳудуди Ҳиндустон пешбандӣ намояд» [9, с. 31].

Аммо ба ҷойи фикри ислоҳу пешрафти кишвар, амирону хонҳои фосиду мустабиди Бухорову Хуқанду Хива дар фикри лашкар кашидан ба мулкҳои ҳамдигар буданд. Тавре устод Айнӣ ишора мекунад, ин ҳокимони аз ҷараёни рӯзгор ва вазъи ҷаҳон ноогоҳ «аз бозиҳои давлатҳои ҷаҳонгири Рус ва Инглис тамоман бехабар» монда, бо ғуруру кибр ба аҳолии худ раҳм намекарданд ва намедонистанд чӣ фоҷеае кишварҳои онҳоро интизор аст. Кор ба ҷое расида буд, ки вақти ҷанги русҳо бо Хуқанд дар даштҳои қазоқ амири Бухоро Насруллоҳ мисли русҳо дар фикри ишғоли водии Фарғона буд. С. Айнӣ бар асоси як манбаи дигар («Таърихи Туркистон») аз фиристода шудани сафорати махсуси Британия А. Бернс ба дарбори Насруллоҳ хабар медиҳад. Тавре маълум аст, ин сафири машҳури англис пас аз итмоми сафорати худ дар бораи вазъи Бухорои онрӯз як гузориш навишт, ки хеле машҳур гардид. Русҳо ором нанишастанд ва барои ҷалби назари амир Насруллоҳ сафорати худро эъзом карданд, вале ба назари С. Айнӣ, «ин ҳам бефоида рафт». Ду нафар аз сафирони Британия бо номҳои

Стударт ва Коннули низ, ки мехостанд хатари таҷовузи рус ба мулкҳои Осиёи Миёнаро ба таваҷҷуҳи амиру дарбориёни Бухоро расонанд, аз тарафи амир Насруллоҳ ба қатл расонда шуданд [9, с. 33].

Аз сарнавишти амир Насруллоҳ ва давраи душвори ҳукумати ӯ ягона ворисаш Музаффар (1860-1885) сабақе нагирифт. Шикасти Русия дар ҷанги Қрим, оғози ҷанги шаҳрвандӣ дар Америка ва қатъ гаштани содироти пахта сиёсати доираҳои ҳукумати  Рус дар амри тасарруфи мулкҳои Осиёи Миёна ҷиддитар шуд. Устод С. Айнӣ менависад, ки ҳангоме лашкариёни рус шаҳри Туркистонро забт намуда, дар андешаи тасарруфи Чимканду Тошканд буданд, амир Музаффар ҳанӯз дар фикри ҷанг бо Хуқанд ва тасарруфи Фарғона буд [9, с. 45]. Дар идомаи қиссаҳои ҷолиби худ Айнӣ аз дархости ёрии мардуми Хуқанд дар баробари тааррузи русҳо аз амир Музаффар ёд мекунад, вале амир низ дархост кард, ки фарзанди хони Қуқанд Искандарро ба вай супоранд. Мардуми Хуқанд ба умеди ҳамкорӣ Искандарро ба амир Музаффар таҳвил доданд. Амир ҳам «хонзодаро қатл карда, ба ҷои имдод расондан бо тошкандиён ба тарафи Хуқанд илғор кашида, ба шаҳр даромад» [9, с. 46].

Устод С. Айнӣ зимни баррасии ҷараёни ҷангҳои Бухорову Русия, ҳамчун таърихнигори ҳирфаӣ менависад, ки дар ин бора иттилооти саҳеҳ мавҷуд нест. Ӯ, ки дар вақти навиштани китоби худ (соли 1923) шояд аз сабаби мусаллат набудан ба забони русӣ аз осори муаррихони Русия огоҳӣ надошт, танҳо ба асари Мирзо Азими Сомӣ такя менамояд. Мирзо Азими Сомӣ бинобар навиштаи худи ӯ, дар ҷараёни ин ҷангҳо ҳокими Ҳисор Раҳмонқулибий парвоначиро ҳамроҳӣ мекард. Ӯ таъкид кардааст, ки фақат ҳодисаҳои мушоҳидакардаашро ба қалам овардааст.

Дигар сарчашмаҳои  истифодаи С. Айнӣ дар нигоштани муҳимтарин асари таърихиаш, яъне «Таърихи амирони манғитияи Бухоро», «Таърих»-и Мулло Хумулии Самарқандӣ, «Таърихи Эрон»-и Мирзо Малкумхон, «Таърихи Шоҳрухӣ»-и Мулло Ниёз, «Таърихи Туркистон», «Сайёҳатномаи Вамберӣ» ва асари шарҳиҳолӣ роҷеъ ба Шаҳобуддини Марҷонӣ ном як

руҳонӣ ва маорифпарвар буд. С. Айнӣ таъкид мекунад, ки ғайр аз ин ӯ дар вақти вуқуи ҳодисаҳо баъзе ҳикояҳоеро шунид, пас аз тафтишу татбиқ аз онҳо истифода бурд. Албатта, муаррихони рус ҷараёни тасарруфи Осиёи Миёнаро дар таҳқиқоти худ муфассал баён кардаанд, ки дар ин миён осори М. А. Терентев [66] ва Н. А. Халфин [68] хеле дар илм маъруфанд Бештари муаррихони тоҷик, аз ҷумла академик Б. Ғафуров зимни тасвири ин падида ба ин осор руҷӯъ кардаанд. Дар асарҳои М. Терентев бештар ба характери мусбии истилогариҳои Русияи подшоҳӣ ва дар навиштаҳои Н. Халфин ба ногузир будани ин амал таъкид мешавад. Солҳои 60-уми асри XX баъзе муаррихони тоҷик низ талош доштанд, ки «аҳаммияти таърихӣ ва прогрессивӣ»-ии ин ҳодисаро собит кунанд.

Иллати истифода накардани манобеи русӣ аз назари устод С. Айнӣ дақиқ аст. Ҳар истилогаре воқеаҳоро аз назари манфиатҳои худ таҳлилу баррасӣ ва хулосабарорӣ мекунад. Ин равиши таърихнависӣ дар асарҳои олимони юнонӣ, араб, муғул ва рус низ ба мушоҳида мерасад. Аммо С. Айнӣ ахбори баъзе осорро нокифоя ва бештар печидаву ғалат медонад, ки баъзе ҳатто хатои фоҳиш доранд. Ӯ аз ҷумла, як ахбори муаррих Мирзо Азими Сомиро, дар мавриди хуруҷи Олимқулӣ ном шахс дар вақти тасарруфи Тошканд рад карда, менависад, ки шахси мазкур қабл аз ҳуҷуми русҳо ба Тошканд (дар соли 1865) кушта шуда буд. Муаррих Айнӣ сабаби чунин лағзиши Сомиро ба он нисбат медиҳад, ки эҳтимол «муаррихи мазкур вақоеъро дар вақти вуқуаш нанавишта, баъд аз чандин сол аз хотироти худ сабт карда бошад. Дар ин сурат табиӣ дар забти таърих ва вазъи вақоеъ хато меравад».

Яке аз нуктаҳои муҳимме, ки С. Айнӣ дар бораи рафти ҷанги Бухоро ва Русия аз он ёд мекунад, вокуниши раиси Бухоро Бақохоча, талабаҳои мадарса ва гурӯҳе аз муллоён зери шиори ғазовот мебошад, ки дар сарчашмаҳои дигар ба мушоҳида намерасад. Бинобар ахбори С. Айнӣ фатворо дар бораи муборизаи мусаллаҳона бо номи ҷиҳод на муллоҳои Бухоро, балки Икромхоҷа ном муллои қуқандӣ содир карда буд. Дар идомаи

ин ҳодиса С. Айнӣ гузориш медиҳад, ки вақте мардуми дар ҳоли шӯр, ба қалъаи Бухоро мурочиат мекунанд, посбонҳо дарвозаҳоро мебанданд ва издиҳом низ баъзе аз қисматҳои девори аркро мешикананд. С. Айнӣ соли 1923 навишт, ки «осори он то ҳол боқист» [9, с. 39]

Яке аз ҳодисаҳои муҳим дар равобити низомии Бухоро ва Русия ҷанг дар мавзеи Майдаюлғун (тобеи вилояти Уротеппа ё Истаравшан) мебошад, ки ба назари С. Айнӣ он дар осори муаррих Сомӣ бисёр мухтасар арзёбӣ шудааст. Ба андешаи С. Айнӣ шояд Сомӣ дар ин маврид ҳарос дошт. Сипас ба натиҷае мерасад, ки дар ин муҳориба шояд аз ҷониби амир Музаффар ягон рафтори хеле номуносиб (разилат) содир шуда буд, ки Сомӣ бо ҳасби замон аз он чизе намегӯяд. Санаи тасарруфи минбаъдаи Уротеппа ва Хуҷандро соли 1866 сабт менамояд, ки бо дигар сарчашмаҳо мувофиқат дорад.

Зимни тасвири ҷангҳои минбаъдаи амир Музаффар бо Русия С. Айнӣ аз вазъи табоҳи лашкару наздикони амир ҳам ёдовар мешавад. Аз ҷумла, дар хусуси сарони лашкар Искандари афғон ва Шералии иноқ ёд мекунад, ки аввалӣ то шаҳодат мубориза бурд ва дувумӣ дар вақти ҷанг низ аҳолии маҳаллии Самарқандро озору азият мекард. Муҳокимаҳои С. Айнӣ муҳаққиқро ба чунин хулосае меорад, ки адами озодии амал аз як тараф ва хабарчиниву бадгӯӣ аз ҳамдигар сабаби асосии парешонии лашкару атрофиёни амир Музаффар ва шикасти Аморати Бухоро буд. Тавре баён шуд, дар вақти муҳосираи Самарқанд аз тарафи русҳо маъмурони давлатии Бухоро зимни ҳамла ба мадрасаи Тиллокорӣ, муллоҳои зиёдеро, ки аз рафти ҷанг ва бохти амир норозӣ буданд, ба қатл расонданд. С. Айнӣ аз вазъи асафбори аҳолӣ ва норозигии онҳо аз Шералии инокро ёдовар мешавад, ки онҳо ягона роҳи халосиро дар мурочиат ба артиши Русия медонистанд.

Яке аз фарзандони амир Музаффар Абдумалик, ки дар ҷараёни ҷангҳо бо Русия аз сиёсатҳои падараш норозӣ буд, алайҳи падар ва русҳо ҷангид. Моҷарои ӯ дар таърих бо номи «Исёни Абдумалик-тӯра» машҳур аст. С. Айнӣ бо такя бар навиштаҳои Сомӣ ва шунидаҳои худ аз нокомии ин

амирзодаи манғит бо таассуф ёдовар мешавад. Ба навиштаи С. Айнӣ дар шикасти ӯ ҳилаи падараш хеле таъсиргузор будааст [9, с. 39]. Инчунин мувофиқи хулосаи ӯ барои ҷалби ризои русҳо ва шикаст додани писараш Музаффар ба маъмурони рус муроҷиат кард ва сабаби эътирози писарашро ба муоҳидаи Бухоро ва Русия нисбат дод. Барои русҳо низ нисбат ба Абдумалики исёнгару нофармон амир Музаффари заифу нотавон муносибтар буд. Аз ин рӯ, то тавонистанд дар ҷанги хонаводагӣ аз падар ҷонибдорӣ карданд. Айнӣ як санаи хатои дигарро дар осори Сомӣ онро тасҳеҳ намуд, ки аз ҳунари таърихнигори касбӣ будани ӯ шаҳодат медиҳад. Аз нақли С. Айнӣ чунин бармеояд, ки Абдумалик-тӯра тӯли муддатеи зиндагиаш дар Кошғар бо Яъқуббек робитаи наздик барқарор карда буд. Аз ривояте ки Сомӣ дар бораи лаҳзаҳои душвори зиндагии Абдумалик-тӯра ва нақли қавли ӯ дар осори С. Айнӣ, метавон хулоса кард, ки ин адибу муаррихи тоҷик мисли ҳазорон нафари дигар тарафдори ин амирзодаи истиқлолхоҳ аст. С. Айнӣ то соли 1899 дар қайди ҳаёт будани Абдумалик-тӯраро тахмин кардааст.

Ҷанги (соли 1868) ва шартномаи сулҳи Зирабулоқро Айнӣ дар ду ривоят баён месозад. Яке бар асоси асари Сомӣ ва дигар бар пояи ривояти рисолаи «Манғитлар салтанати давринда...». С. Айнӣ менависад, ки яке ин шартнома аз 6 банд иборат буд ва дар дигаре аз 10 банд. Муҳимтарин бандҳои ин муоҳада манъи ғуломфурӯшӣ, тиҷорати озоди русҳо дар қаламрави Бухоро, ба ихтиёри Русия гузаштани мулкҳои Бухоро (аз ҷумла Самарқанд) ва пардохти 125 ҳазор пули тилло аз Бухоро ба Русия буд. Аммо таҳқиқоти охири баъзе донишмандон собит месозад, ки ин шартномаро императори Русия қабул накард [43, с. 132]. Устод С. Айнӣ менависад, ки бар пояи аҳдномае, ки миёнаи давлати рус ва ҳукумати Бухоро баъд аз ҷанги Зирабулоқ мунъақид шуд, ҳукумати Бухоро аз истиқлоли хориҷии худ маҳрум ва зери ҳимояти давлати Русия гузашт, аммо дар сиёсати дохилаи худ мухтор ва мустакил буд [9, с. 129].

С. Айнӣ дар асари машҳури худ ҷараёни забти сарзаминҳоеро, ки баъдан бо номи Бухорои Шарқӣ машҳур шуданд, тасвир кардааст. Тавре маълум аст, минтақаҳои мазкур дар остонаи ҳуҷуми русҳо бар асари ҷангҳои пайдарҳами Хуқанду Бухоро ниммустақил ва аз доираи нуфузи Бухоро хеле дур шуда буданд [44, с. 43]. Бо дахолати ошкори лашкари Русия минтақаҳои аз Аморати Бухоро норозии Китобу Шаҳрисабз низ ба тасарруфи Бухоро гузаштанд. С. Айнӣ менависад, ки амир Музаффар хуб медонист, ки аз уҳдаи ин кор барнамеояд. Аз ин рӯ, аз генерал-губернотори Туркистон Кауфман илтимос кард, ки дар тобеъ кардани мулкҳои мазкур ба ӯ ёрӣ намояд. Губернотори рус ҳам «ин илтимоси амирро фавзи азим дониста, ба саркардагии ҳокими Самарқанд генерал Абрамов як даста аскарро маъа тӯбхона ба Китобу Шаҳрисабз фиристода ба амир, пайғом дод, ки барои забту сариштаи вилояти мазкура кас фармояд».

Яке аз нуктаҳои муҳимми дигар дар навиштаҳои таърихии С. Айнӣ он аст, ки ӯ аз зикри баъзе воқеиятҳо чашм намепӯшад. Аз ҷумла, ҳарчанд китоби ӯ дар замоне навишта шуд, ки ҳукумати русҳо бар Осиёи Миёна қатъӣ буд, вале аз ғоратгариҳои лашкариёни рус дар гушаву канори Осиёи Миёна низ хабар медиҳад.

С. Айнӣ дар осори таърихии худ ба  усули муҳимми таърихнигорӣ – зикри мустанади воқеа пойбанд аст. Ӯ дар «Таърихи амирони манғитияи Бухоро» ва «Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро» чанд бор аз афроде ёдовар мешавад, ки хабареро ба ӯ нақл кардаанд. Гузашта аз ин ростгӯй ва дар қавли худ устувор будани ровияшро низ тазаккур медиҳад. Аз ҷумла, дар ҷое қиссаеро аз ҳаёти Амир Музаффар ва компрониву нафспарварии ӯ ҳикоят карда, ин ҷумларо менигорад: «ровии ин воқеа алон дар қайди ҳаёт ва одами мавсуқи мӯътамадест, ки дар растаи мазкур чойфурӯшӣ мекунад» [9, с. 45]. Ин навъ таърихнигориро мо дар муаррихи машҳури тоҷик Абулфазли Байҳақӣ дида метавонем, ки мегуфт, ҳар чӣ гӯям ё аз мушоҳидаи ман аст ё аз марде шунидаам, ки ростгӯст  [49, с. 65].

Дар баёни муносибати сиёсӣ ва иқтисодиву тиҷоратии Бухоро бо кишвари ҳамсояи Афғонистон С. Айнӣ ба ғайр аз асари Сомӣ инчунин аз китоби Амир Афғонистон Абдурраҳмонхон таҳти унвони «Тоҷу-т-таворих» низ истифода кардааст. Абдурраҳмонхон (1844–1901) подшоҳи Афғонистон, ки баъд аз ҷанги дуюми Афғонистон бо англисҳо (1878–80) ба сари хокимият омад, дар замони ҳукмронии амир Музаффар ба Бухоро паноҳанда шуд. Ӯ «Тоҷу-т-таворих», ном асарро таълиф кардааст, ки таърихи мамлакати Афғонистонро дар замони ҳукумати вай фаро мегирад. Амир Абдурраҳмон инчунин тафсилоти муҳоҷироти худ ба Бухоро ва Туркистонро баён кардааст. Амир Абдурраҳмонхон дар китоби худ аз амир Музаффар ба унвони шахси ситамгару беимон ва одамкуш ёд мекунад, ки ба баъзе корҳои ношоиставу хилофи ахлоқ ва шариатӣ даст зада буд.

Дар ҷараёни арзёбии осори С. Айнӣ, махсусан марҳалаи истилои сарзамини Бухоро аз ҷониби артиши Русия, мо ба чунин ҳолате низ дучор меоем, ки Айнӣ гоҳе фикри худро аз забони дигар муҳаққиқон ё хотиранависон баён медорад. С. Айнӣ бо нақл қавл аз амир Абдурраҳмонхон сабабҳои пирӯзии қавми ғайримусулмони рус бар сарзамини Мовароуннахр, аз ҷумла Бухоро чунин баён мекунад: «Аз шунидани ин ҳарф тааҷҷуб намуда, бо худ хаёл кардам, ки чун ҳукмронони онҳо аз Худо ва дини Худо ғофил мебошанд, ва махлуқи Худоро бидуни тақсир мекушанд ва амири Бухоро ҳам эътиное ба аҳкоми Худо ва шаръи пайғамбар надорад ва ҳар касе ҳам аз қавонини шариат таҷовуз намояд, уламо ки ҳомӣ ва мураввиҷи ин шариат ҳастанд, эътиное ба ӯ надоранд, аз ин сабаб русҳо ба вилояти Туркистон истило ёфтаанд» [9, с. 94].

Дар замони Абдулаҳад дахолату дастдарозии Русия ба умури дохилии Бухоро бештар шуд. Маъмурони рус бо ҳар баҳона ба корҳои дохилии аморат дахолат карда, аз амиру дарбориёнаш бобати масоили дохилӣ ҳам ҳисобот мепурсиданд. С. Айнӣ зимни баёни ҳикояти кушта шудани Муҳаммадшарифи девонбегӣ ба дасти Ғоибназар ном ғулом менависад, ки девонбегии мазкур аз шахсони мавриди эътимоди русҳо буда, давлати

Русия «дар ин ҷиноят аз ҳукумати Бухоро бадгумон шуда, хеле тафтишот ба кор бурд» [9, с. 94]. Саранҷом бо дахолати мустақими русҳо писари ҳамин шахс Остонақулро ба ҷойи падараш таъйин карданд.

Устод С. Айнӣ дар бораи яке аз ниҳодҳои таъсиргузори Русия дар қаламрави Аморати Бухоро – Агентии сиёсӣ, ки соли 1888 таъсис ёфт, борҳо ёдовар мешавад. Ин тазаккурҳо бештар дар асарҳои таърихии ӯ ба мушоҳида мерасанд. Агентии сиёссии Русия дар Бухоро, ки ҳар панҷ сол статусаш тағйир меёфт, дахолаташ дар умури хориҷиву дохилии аморат бештар мешуд. Дертар политсияи русӣ дар дохили Аморати Бухоро ташкил шуд. Агар дар ибтидо харҷи он муштарак бошад, тадриҷан тамоми хароҷоти онро Бухоро мепардохт. Баъд аз он ки сардории ин идора, Вилман ном шахс таъйин шуд, амнияти Бухоро тамоман барҳам хӯрд. С. Айнӣ менависад, ки маъмурони он ба баҳонаи ҷустуҷӯи яроқ ба ҳар хонае зада даромада, ҳар киро, ки хоҳад, беобрӯ карда метавонистанд. Як тӯда одамон авбошу беномусро барои хуфягӣ (воқеанависӣ) ба атрофи худ ҷамъ карда буд, ки онҳо шабу рӯз дар ҳоли мастӣ, кушоду ошкор ҳар фасодеро муртакиб мешуданд, аз ҳар касе хоҳанд ришва мегиранд, ба духтару писарони дилхоҳашон таарруз мекарданд.

Ҳодисаҳои инқилобии Русия ва ҳаракатҳои таҷадудхоҳии кишварҳои мусулмонии Империяи Усмонӣ ва Эрон низ ба сиёсати Аморати Бухоро таъсир мерасониданд. Ин ҳодиса ба замони амир Абдулаҳад рост меомад. Дар ин бора С. Айнӣ ишора менамояд, ки «инқилоби соли 1905-и Русия ва инқилоби Туркия ва Эрон амирро хотирпарешон карда буд» [9, с. 117]. Зеро ин воқеаҳо ба муҳити сиёсӣ ва фарҳангии Аморати Бухоро таъсири мустақим расонд. Аз ҷумла, зери таъсири мактабҳои тоторӣ дар қаламрави зери нуфузи Генерал-губернатории Туркистон ва Аморати Бухоро мактабҳои нав таъсис ёфтанд, ки дар миёни мардум ба номи мактабҳои усули ҷадид шуҳрат доштанд. Устод С. Айнӣ дар бораи таърихи пайдоиши чунин мактабҳо ва зуҳури тоифаи қадиму ҷадиддар миёни мардуми Аморати Бухоро дар асари худ «Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро»

далелҳои муфассал меорад. Дар ин хусус, муҳаққиқони зиёд таҳқиқот анҷом додаанд, ки ниёз ба такрори он нест. Муҳим мавқеи маъмурони рус дар ин ҳодиса аст, ки ба қавли устод С. Айнӣ асосан духура буданд. Ҳарчанд, дар зоҳир мувофиқ будани худро нишон медоданд, вале дар амал бо таъсису равнақи мактабҳое, ки боиси бедории мардум мегашт, мухолифат доштанд. С. Айнӣ ин мавқеи маъмурони давлати Русияро, ки тавассути агентии сиёсӣ амалӣ мешуд, ошкоро танқид менамояд [9, с. 117].

Ҳодисаи ногувори ҷанги суннӣ ва шиа дар Бухоро низ яке аз саҳифаҳои таърихи минтақа буда, аз ҷониби С. Айнӣ дар се китоби таърихӣ инъикос ёфтааст. Дар бораи ин ҳодиса ва таъсири он дар минтақа ва хориҷ аз он адабиётшиносону муаррихон низ таҳқиқот анҷом додаанд [95, с. 227-244]. Ҳарчанд сабаби аслии ҷанги суннӣ ва шиа дар Бухоро даъвоҳои мансабии амалдорон буд, вале ба навиштаи устод С. Айнӣ маъмурони рус ин даъвои дохилиро баҳона карда, бо лашкари худ вориди Бухоро шуданд ва «соҳибмансаби рус баъд аз таскини фитна ҳам Бухороро тахлия намекард ва эҳтимоли такаррури фитнаро баҳона карда, мехост шаҳрро дар зери ишғоли аскари худ нигоҳ дорад» [9, с. 49].

Бар асоси маълумоти С. Айнӣ, ки бештари муаррихон, аз ҷумла муаллифони асари бунёдии «Таърихи халқи тоҷик» аз он сарфи назар кардаанд, қасди дахолати ҳукуматдорони Русия ба масъалаи молиявии Аморати Бухоро аст. Бо ин мақсад соли 1910 комиссия махсус барои баррассии вазъ ташкил шуд. Дигар маҳдудияте ки ба назари С. Айнӣ пас аз истилои сарзамини Осиёи Миёна ҷорӣ гардид, бо иҷозати русҳо таъсис додани артишу лашкари Бухоро буд, ки мебоист аз аз 12 ҳазор зиёд набошад. Яъне таъсиси неруҳои мусаллаҳи кишвар низ ба салоҳдиди ҳукумати Русия вобаста буд. Ин маънои аз даст додани истиқлоли кишварро дошт.

Русияи подшоҳӣ низоми иқтисодии минтақаро низ ба манфиати худ мутобиқ сохт. Дар Туркистон то охири асри XIX Русия ислоҳоти замин гузаронида ба сохтани корхонаҳои саноатии истеҳсоли ашёи хоми саноатӣ

ва моли ниёзи мардум оғоз намуда бошад ҳам ба хотири ба ҷои кор таъмин намудани русҳои муҳоҷир ва кӯчида омада сохта мешуданд. Ва ин корхонаҳо аксаран бо ашёи маҳаллӣ кор мекарданду маҳсулоти нимтайёр барои саноати Марказ истеҳсол менамуданд. Дар солҳои 1900–1916 капиталистони рус ба сохтмони корхонаҳои нисбатан калон оғоз намуда бошанд ҳам ин тағирот характери мустамликагардонии иқтисодии кишвар умуман ва захираҳои табиию меҳнатии он дар маҷмӯъ буданд. Ин сиёсатро аз ашёи истеҳсолшуда ва таиноти онҳо ва аз сиёсати музди меҳнати муқарраркардаи фабриканту соҳибони заводҳо пай бурдан душвор нест. Коргарони аврупоӣ нисбат ба маҳаллӣ барои кори баробар то 3 баробар зиёд ҳақ мегирифтанд. Дар деҳаҳо ҳам хоҷагиҳои аврупоӣ метавонистанд то 40 таноб замин дошта бошанду маҳалиҳо то 10 таноб. Вақте ҳадафҳои иқтисодии Русияро дар Туркистону Хева ва Бухоро дар ягонагӣ шарҳ додани хоҳем, дар ин ҳадафҳо пешравии иқтисодии минтақа бебаҳс аст. Вале ин пешрави натиҷаи сиёсати иқтисодии Русия набуда, бештар табиист. Чунки худи раванди мустамликагардонӣ хусусияти пешқадами прогрессивиро тақозо дорад. Ҳамагуна ҳамроҳкунӣ ва ё ҳамроҳшавии минтақаҳои қафомонда ба минтақаҳои пешқадам табиатан хусусияти прогрессивӣ дорад. Русия бошад ҳеҷ намехост, ки иқтисодиёти мустамликаҳояш нисбати иқтисодиёти ӯ рушднамуда ва ё нерӯмандтар бошад. Русия мехост ҳарчи бештар иқтисодиёти Туркистону Бухоро ва Хеваро ба манфиатҳои иқтисодии худ истифода кунад. Ва ин мақсадашро дар чорчӯбаи мустамликадорӣ чӣ қадаре ки тавонист истифода бурд. Корхонасозӣ, роҳсозӣ, муомилоти молӣ, ислоҳотҳои замин, заминсозӣ, муҳоҷиркунӣ, андоз, нархи пахта ҳама ба хотири истифодаи ниҳоии иқтисоди минтақа равона шуда буданд. Яъне сиёсати иқтисодии Русия нисбати мустамликаҳояш аз Англия ва дигар давлатҳои мустамликадор фақат бо усулҳояшон фарқ мекарданду бас. Моҳияташон ба маркази ашёи хом ва фурӯши моли дар бозори ҷаҳонӣ рақобат карда наметавонистаи худ табдил додан буд. Худи ҳамин сиёсат хоҳу нохоҳ ба зиёдшавии корхонаҳои

саноатӣ, муомилоти бозории маҳсулот ва қувваи корӣ, пурзӯргардии ба табақаҳои ҷамъиятӣ ҷудошавии ҷомеа сабаб мешавад. Пайдоиши табақаҳои нави ҷамъиятӣ-мардикорон, коргарон, пролетариати деҳотро метезонад ва ба ҳаракатҳою нехзатҳои сиёсӣ, таъсиси ташкилотҳои ҷамъиятиву ҳизбҳои нави сиёсӣ оварда мерасонад. Яъне корхонасозӣ ба ташаккулёбии синфи коргар (пролетариат) ва буржуазияи миллию мустамликавӣ (коргарон, мардикорон) меоварад. Ба вуҷудоии синфи коргар ва ҳаракати коргарӣ ба таъсиси органҳои роҳбарикунандаи накшаҳои генералии табақаю синфҳо ба таъсиси ташкилотҳои коргарию касабавӣ ва ҳизбҳои сиёсӣ сабаб мешаванд [71, с. 4-5].

Бояд гуфт, ки Русия бо сиёсати иқтисодию миллӣ ва маънавиаш худро бо Туркистону Бухоро ва Туркистону Бухоро бошанд худро бо сиёсати итоаткоронаю тамаъкорона ба Русия шииносонданд. Ва бештар ҳукуматҳои Русияи ғолибу Туркистону Бухорои мағлуб ҳамдигарро шинохтанд. Сиёсати мустамликавии пешгирифтаи  ҳукумати подшоҳӣ аз тарафи ҳокимони маҳаллӣ новобаста аз ноилоҷӣ пазируфта  шуд.

Ба қавли Н. Ҳакимов ибтидои асри XX шиносшавии меҳнаткашони русу осиёимиёнагӣ ба вуҷуд омад. Сиёсати реаксионии ҳукумати подшоҳӣ дар иқтисодиёту иҷтимоиёт ва байналмиллалӣ халқҳои Русияро ба қашшоқӣ, ҷанг ва инқилоб овард. Русия ва мустамликаҳояшро буҳрони иқтисодӣ ва сиёсӣ фаро гирифт. Ҳалли давлатии он ҷанги русу Япон ва инқилоби якуми буржуазӣ-демократиро пеш овард. Дар раванди вазъи буҳронӣ, ҷанг ва инқилоб Русия бо ду сифат: Русияи подшоҳӣ ва Русияи меҳнаткаши инқилобӣ муаррифӣ шуд. Халқи тоҷик низ бо ду Русия – империӣ ва меҳнатӣ шинос шуд. Халқи тоҷик бо шароити зисту муборизаи инқилобии русҳои Туркистон, бо ҳадафҳои синфии онҳо ошноӣ пайдо намуда, пайрав ҳам гардид. Воқеаҳои минбаъдаи ҳаракатҳои коргарию деҳқонии Русияю Туркистон ин ошноиро мустаҳкамтар намуданд. Ҳатто талош намуданд, ки ошноиро ба ҳамрайъию иттифоқ табдил диҳанд [71, с. 13-14].

Воқеан, инқилобчиёни рус дарк намуда буданд, ки бе ёрии халқҳои мазлуми империя, ки аксари аҳолии мамлакатро ташкил медоданд, инқилоби ғалабаовар кардан мумкин нест. Аз тарафи дигар, қишри аҳолии рӯҳияи демократӣ гирифтаи маҳаллӣ ҳам дарк намуда буданд, ки бе ёрии қувваҳои инқилобии Русия аз зулми миллию мустамликавӣ озод шудан маҳол аст. Ин буд, ки воқеаҳои инқилобии солҳои 1905–1907 Туркистони русӣ ҷамъияти Туркистонро ба оғози бавуҷудоии ду иттифоқ овард: ба иттифоқи буржуазияи русу тоҷик аз як тараф ва итифоқи меҳнаткашони русу тоҷик аз тарафи дигар. Ин натиҷаи бузургтарини таъсири сиёсии сиёсати мустамликавии Русияи подшоҳӣ дар минтақа буд. Минбаъд дар солҳои монархияи 3-июлӣ (1907–1910), болоравии нави инқилобӣ (1910–1914), Ҷанги якуми ҷаҳон (1914–1918) ҳукуматҳо, ҳизбҳо, ҳаракатҳои ҷамъиятӣ дар доираи ҳадафҳои худ кору фаъолиятро ба роҳ монда, сафҳои худро бо ҳар роҳе ки набошад (ҳукумат бо роҳҳои ислоҳотҳою маҷбуркунӣ, фишору таҳдид) ҳизбҳои сиёсӣ бо роҳи шиору барномаҳояшон, меҳнаткашон бо роҳи фаъолгардонии корпартоиҳою митингҳо, ошӯбҳо, эътирозҳо мустаҳкам мекарданд. Ва ҳамаи табақаҳою гурӯҳҳо ва синфҳо бо тарафдории худ кашидани меҳнаткашон кушиш мекарданд.

Зикр намудан ба маврид аст, ки андозҳои бениҳоят вазнин, шароити душвори меҳнат, муносибати бади соҳибмансабону кордиҳандагон ба коргарону деҳқонони чи русу чи тоҷик ҳамрайъию ҳамкорӣ ва дастгирии ҳамдигарии синфиро баланд мекард. Дар ин кору афкор саҳми роҳбарияти ҳаракати коргарӣ ва коммунистии Русия калон буд. Ташаббускори ҳама шиору амалҳои коргарону деҳқонон ва аскарҳо ҳизби сотсиал демократии Русия ва алалхусус қисми большевикии он хело калон буд. Болшевикони Туркистон дар байни оммаи меҳнаткаши маҳаллӣ кори ташвиқотчигӣ ва фаҳмондадиҳиро пурзӯр намуда, ҳатто дар кору амали худ шарик намуданро шарти муваффаққият ҳам мешуморид.

Дар осори таърихии устод С. Айнӣ ҳаводиси замони ҳукумати охирин амири Бухоро Олимхон (1911–1920) муфассал нигориш ёфтааст. Агар аз як

ҷониб ин ба синни камолоти С. Айнӣ бастагӣ дошта бошад, аз сӯи дигар нашри рӯзномаву маҷаллаҳо дар Осиёи Миёна, инчунин ҳодисаҳои муҳимме чун Ҷанги якуми ҷаҳон ва инқилоби Русия низ ба он таъсир гузошт. Олимхонро Айнӣ бо падараш Абдулаҳад ва дигар ҳокимони ҳамасри ӯ муқоиса мекунад. Ба навиштаи С. Айнӣ, ҳаракати ислоҳотхоҳии равшанфикрон дар Бухоро бинобар зиддияти муллоҳо ва сиёсати дурӯягии ҳукуматдорони Русия ба шикаст рӯ ба рӯ гардид. Ӯ бар ин бовар буд, ки ҳукуматдорони рус гумон доштанд, ки рӯзномаҳои навтаъсис сиёсатҳои зиддимардумии онҳоро ҷонибдорӣ мекунанд, вале чун диданд, ки бар хилофаи интизори онҳо рӯзномаҳо барои танфири афкор ва ислоҳи кишвар талош меварзанд, барои бастани рӯзномаҳо талош карданд [9, с. 148].

Садриддин Айнӣ бо сароҳат менависад, ки «намояндагони элчихонаи Русия ба ҳаракатҳои ислоҳотхоҳонаи ҷавонбухороиён аз ҳукумати амир ҳам башиддаттар монеъ буданд». Чун С. Айнӣ  ба унвони яке аз фаъолони ҳаракати мактаб ва ислоҳот аз тамоми ҷузъиёти корҳо огоҳ буд, вокуниши дарбори амир ва маъмурони русро дар ҳар се асари муҳимми таърихияш муфассал менигорад. Яке аз нуктаҳои муҳимми осори ин муарриху адиби барҷаста дар он аст, ки парда аз рӯи ҷиноятҳову хиёнатҳои маъмурони рус дар қаламрави Бухоро бармедорад. Вай дар мавриди  аз ришваситониву фасодии маъмурони рус, бо дард иброз медорад, ки онҳо «расмӣ ва ғайрирасмӣ аз маъмурони амир ришва пеш кашида, кисаи худро пур мекарданд». Сипас илова мекунад, ки аз гузоришҳои Шулга ном маъмури агентӣ ин воқеиятро пай бурдааст. Гузашта аз ин, муъмурони намояндагии агентии рус дар Бухоро ба дарбори амир пайваста нома навишта, хоҳиш мекарданд, ки тарафдорони ислоҳотро ҷазо диҳад. Дар номаи дигаре ҳамин Шулга ба қозикалон Бурҳониддин тавсия медиҳад, ки бе ҳеҷ биму ҳарос ба муқобили ҷавонбухороиён ҳаракат  намояд ва дар ҳар хусус ёрмандии худро ваъда медиҳад [9, с. 56].

С. Айнӣ ба унвони як муаррих ҳамеша ба далелҳои таърихӣ ва ошкорбаёнӣ пойбанд буд ва манбаъи истифодакардаашро зикр мекард.

Гузашта аз ин, ӯ пайваста аз хонандааш маъзарат мехоҳад, ки гоҳе разолату кирдори нописанди амирону қозиҳову шахсиятҳои машҳури замони худро ошкор месозад. Дар ҷое мегӯяд, ки дар бораи рӯзгори амири Абдулаҳад «суханро зиёда бепарда рондем». Сипас илова мекунад, ки «ин кирдори худ хеле мутаассир ҳастем, лекин чӣ бояд кард? Таърих моро ба навиштани аз ин қабил фаҷоеъу фазоеҳ маҷбур намуд» [9, с. 119]. С. Айнӣ равиши таърихнигории суннатии мардуми шарқ ва хосса муаррихони дарборро, ки мабнои «асоси таърихнависиро ба қасида ва мадеҳанигорӣ гузоштанд» ба танқид гирифта, хушомадгӯиву суханони хилофи боварии онҳоро намеписандад. Ин шеваи таърихнигорӣ бо таърифу ситоиши ҳокимони зиндаву мурда  рисолати худро фаромӯш мекунад. С. Айнӣ бар ин бовар буд, ки ҳадафи асосии таърих ибрат гирифтан аст. Ӯ менависад, ки мардуми минтақаи Осиёи Миёна солҳо аз ибрат гирифтан дур шуда, «дар чоҳи мазаллат фурӯ» рафтаанд [9, с. 119]. Ин адибу муаррихи барҷастаи тоҷик бовар дошт, ки воқеъгӯӣ дар таърих ба ҷарроҳе монанд аст, ки корди ҷонбахши дасташ ҷомеаи беморро табобат ва  мардумро ба роҳи наҷоту растагорӣ мерасонад.

Муҳимтарин нукта дар хусуси таърихнависии устод Айнӣ  ин аст, ки ӯ  бо мурур ба осори фаровони таърихии гузаштаи тоҷик, ба ин воқеияти бебаҳс мерасид, ки нависанда дар назди таърих, масьулияти азиме ва «боре бас сангин» дорад. Маҳз ҳамин масъулият С. Айниро ба баёни воқеиятҳо водоштааст.

Ҳамин тавр, бо мурур ба осор ва дидгоҳи С. Айнӣ, дар хусуси шикасти аморат дар ҷанг бо Русия ва паёмадҳои он дар минтақа ба хулосаҳои зерин расидем:

1. С. Айнӣ барои арзёбии ҳодисаҳои таърихӣ ба якчанд сарчашма  рӯ оварда, дар баъзе маврид хатоҳои муаррихонро ислоҳ мекунад;

2. Бар хилофи муаррихони ҳамзамонаш С. Айнӣ сабабҳои шикасти Бухороро дар баробари Русия дар беназмии ҳоким бар ҷомеа ва лашкари парокандаи амир нисбат медиҳад.

3. Дар тасвири С. Айнӣ хонанда амирони манғитро ба унвони як силсилаи ситамгару қафомонда, танпарвару ишратхоҳ ва дарбори Бухороро маншаи фасоду ситам дармеёбад. Хонанда дар васати китоб эҳсос мекунад, ки саранҷом чунин ҳукумати зиддимардумӣ мулкро ба парешонӣ ва сарватҳои моддӣ ва маънавии халқро барбод медиҳад.

4. С. Айнӣ зимни арзёбии воқеаҳо ҳадди аксар талош менамояд, ки ба хотири шинохти омили аслии зуҳури ҳаводис, парда аз рӯйи бисёр ногуфтаҳо бардорад. Аз ҷумла омили тороҷгари лашкариёни рус дар Шаҳрисабзу Китоб ва Хузорро нишон додааст, ки барои дарки моҳияти аслии истилои рус аҳаммияти бузург дорад.

5. Ба назари С. Айнӣ бо таҳкими нуфузи Русия дар Аморати Бухоро амирон аз истиқлоли дохиливу хориҷӣ маҳрум шуданд, маъмурони рус танҳо бо фоидаи худ кор мекарданду ба зарари мардуми аморат.

6. Дар тасвири С. Айнӣ маъмурони рус дар Бухоро чун кормандони дастгоҳи аморат ба муқобили ислоҳот ва тараққӣ баромада, барои маҳви ин ҳаракат аз ягон амал даст намекашиданд.

7. С. Айнӣ ба унвони як муаррихи забардасту озодандеш, кӯшиш кард, ки ҳаводиси рӯзгори хешро мунсифона тасвир созад ва ҳамеша худро дар назди таърих ва хонанда масъул медонист.

## 2.2. Вазъи иҷтимоӣ-сиёсии ибтидои асри XX дар асоси осори С. Айнӣ

Садриддин Айнӣ аз ҷумлаи муаррихоне мебошад, ки новобаста аз мушкилоти замон ва имконоти на он қадар мусоид, ба таҳқиқи тамоми паҳлуҳои таърихи ибтидои асри XX-уми халқи тоҷик пардохт. Махсусан, ӯ ҳамчун шоҳиди замон, вазъи ҷамъиятию сиёсии ибтидои асри XX-ро дар як қатор асарҳои худ ба монанди «Таърихи амирони манғитияи Бухоро», «Таърихи инқилоби Бухоро», «Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро», «Мухтасари тарҷумаи ҳоли худам», «Ёддоштҳо» ва дигар асару мақолаҳои

худ ба таври барҷаста ва дар айни ҳол, бо назардошти усули воқеънигорӣ инъикос намудааст [9; 22; 17; 23]. Асари «Таърихи амирони манғитияи Бухоро»-и устод С. Айнӣ аввал дар шакли очерки ҷудогонаи таърихӣ соли 1920 дар саҳифаҳои ҳафтаномаи «Шуълаи инқилоб» ба табъ расонида шуд. Инчунин, баъдтар соли 1923 муаллиф асари мазкурро бо таҳрири нав дар шаҳри Тошканд дар шакли китоби махсус, зери унвони «Таърихи амирони манғитияи Бухоро» ба нашр расонид. С. Айнӣ дар ин асар таърихи сиёсии Бухороро аз замони ҳукмронии амир Насруллоҳ (1826–1860) то инқилоби халқии Бухоро (сентябри соли 1920) инъикос намудааст. Асари мазкур муваффақияти бузурги таърихнигории аҳди шуравии тоҷик ба ҳисоб мерафт.

С. Айнӣ масаъалаҳои сиёсию ҷамъиятии Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Бухороро дар ибтидои асри XX мавриди баррасӣ ва таҳқиқ қарор дода, дидгоҳи ӯ нисбат ба сиёсати мустамликадории Русияи подшоҳӣ, нуфузи он дар ҷамъиятию сиёсии минтақа, мавқеи аморати Бухоро, сиёсати амирони он, вазъи сиёсӣ–ҷамъиятии Бухороро бсиёр созанда аст. Диққати С. Айнӣ бештар ба арзёбии сиёсати пешгирифтаи амир Абдулаҳадхон ва таъсири Русияи подшоҳӣ ба он ҷалб шуда буд. С. Айнӣ ба ин воқеаҳо ба ҳайси як таърихнигори варзида баҳои ҳаққонӣ дода, нуқтаи назари ӯ то ҳол арзиши илмӣ нигоҳ медорад. Чун объекти омӯзиши ин бахши диссертатсия аз лиҳози хронологӣ таърихи сиёсии ибтидои асри XX-ро фаро мегирад, ба мо лозим аст, ки пажуҳиши масъаларо дар асоси осори С. Айнӣ аз давраи ҳукмронии амир Абдулаҳадхон шуруъ намоем. С. Айнӣ дар радифи А. Дониш ва А. Фитрат раванди ба тахт нишастан ва хусусияти хосси ҳукмронии Абулаҳадхонро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор медиҳад.

Мувофиқи маълумоти устод С. Айнӣ, амир Абдулаҳад баъд тахтнишинӣ ғайр аз ҳокими Ғузор Миракрам, тамоми бародарон ва бародарзодаҳояшро ҳабс ва банд кард. Ба андешаи ӯ, амир соле як маротиба барои саёҳат ва комҷӯӣ ба ҷониби Қаршӣ, Шаҳрисабз ва Кармина сафар менамуд ва ҳамеша дар Кармина иморати хушбоду ҳаво бунёд месохт. Пас

аз ду сол ин мавзеъро ба сифати иқоматгоҳи асосии худ қарор дод ва то вафоти худ беш аз як–ду бор зиёд дохили Бухоро нашуд [9, с. 107].

Бояд зикр кард, ки ҳар як амири Бухоро, ки ба тахт менишаст, дар аввал барои фиреби чашми мардум чандин иқдоми нек менамуд, ки он комилан хусусияти зоҳирӣ ва авомфиребона дошт. Амир Абдулаҳад низ истисно нест. Дар мавриди ин масъалаС. Айнӣ чунин назар дошт, ки ӯ зоҳиран мардумфиребона худро парҳезкору адолатпеша ва порсо нишон медод ва ҳамзамон ба амалҳои пасти худ идома медод. Чун қисми зиёду муҳимми ҳаёти С. Айнӣ дар даврони ҳукумати Абдулаҳад сипарӣ шуд, ӯ дар «Таърихи амирони манғитияи Бухоро» чи дар хусуси усули рӯзгордорӣ ва чи дар бобати тарзу усули низоми давлатдории вай маълумоти зиёде медиҳад. Маълумоти С. Айниро нигоштаҳои А. Дониш бештар тақвият мебахшанд. Аҳмади Дониш ҳам ба мисли Айнӣ дар ифшои низоми истибдодии давлати Манғитиён ба дараҷае зиёдарвӣ нишон додааст, ки аз танқиди аҳли тақво ва рӯҳониён ҳам даст намекашад. С. Табаров бар асоси баррасии матолиби асари А. Дониш, С. Айнӣ ва А. Фитрат ба хулосае меояд, ки амир Абдулаҳад ва сиёсати пешгирифтаи ӯ аз амалу рафтори падару бобоёнаш ҳеҷ фарқе надошт. Дар замони ҳукумати ӯ тамоми кирдору рафтор, рақсу сурудхонӣ, фаҳшу фуҷуре, ки дар аҳди амир Музаффар буд, пеш аз беш инкишофу равнақ ёфт [65, с. 154].

Тибқи маълумоти С. Айнӣ, дар аҳди амир Абдулаҳад аҳли тақво ба эътибори аксарият ҳама мансабдӯст ва ҷоҳпараст буданд, асосан ба қисми зиёди рӯҳониён, аз ҷумла ба қозиёни замони ҳукумати амир Абдулаҳад ва Олимхон вобастагӣ доранд ва ин ақида ба тамом воқеӣ мебошад. Мувофиқи маълумоти муаррих, амир Абдулаҳадхон бо мақсади вобастагӣ ва тарсу ҳароси аҳли уламо, аз ҷумла қозиён, сиёсати махсусеро амалӣ намуд. Махсусан, қозӣ Бадриддин ибни қозӣ Садриддини Кӯлобиро, ки дар ҷустуҷӯи тадбир ва ҳалли масъала дар асри хеш ягона буд, ба мансаби қозиюлқуззоти Аморати Бухоро таъйин ва сарриштаи фаъолияти уламоро ба дасти ӯ вогузор намуд. Устод Айнӣ дар «Таърихи амирони манғитияи

Бухоро» боз аз як ҳақиқати таърихии аҳди амир Абдулаҳад бо номи саррофӣ ёд менамояд, ба зуҳури ҷамъияти буржуазӣ ва ҷамъоварии молу сарват пайвастагии қавӣ дорад. Дар амалисозии ин амал Бадриддин кумак кард. Дарвоқеъ, С. Айнӣ бо ин матлабу далелҳо ба хонандагони даврони худ ва оянда аз чигунагии тору пуди ин амири ҳарису золим хабар медиҳад. Мувофиқи нишондоди ӯ, амир дар охири умраш дар ҳирсу ҳарисӣ ва мумсикиву золимӣ машҳур шуда буд.

Устод С. Айнӣ зимни шарҳу тавзеҳи амалҳои шаҳватпарастӣ ва манфури Абдулаҳад дар сатҳи идораи давлатӣ қайд менамояд, ки Абдулаҳад бағоят айшпарасту айёш ва бачабозу шоҳидбоз буд, ки роҳи аз ҳама осони ҷамъ овардани амрадонро бо таъсиси дастаи савораи махсуси саворон амалӣ намуд [65, с. 170]. Мувофиқи навиштаи А. Фитрат, Абдулаҳад дар интиҳои замони ҳукмронии худ амрадбозиро ба шакли расмиаш даровард, то ин ки бо баҳонаи ин аз назари таъқиб ва тафтиши омма худро ҳифз намояд [67, с. 37].

Бояд қайд кард, ки сиёсати золимонаи амир қариб тамоми соҳаҳои ҷомеаро фаро гирифта буд. Ҳам С. Айнӣ ва ҳам Аҳмади  Донишу Фитрат тамоми паҳлуҳои ин сиёсатро аз назари танқидӣ баҳо медиҳад. Далелҳои муаррихони фавқуззикр гувоҳи он аст, ки дар ин самт амалдорони ҳукумати Русияи  подшоҳӣ аз амир пуштибонӣ мекарданд, зеро онҳо аз чунин вазъ манфиатдор буданд. Ба ақидаи мо, ин сиёсати золимона баъд аз забти минтақа тавассути артиши  Русияи подшоҳӣ боз ҳам шиддат ёфт. Устод С. Айнӣ дар хусуси сиёсати онвақтаи маъмурони ҳукумати подшоҳӣ нисбат ба аҳолии Бухоро ва вазъи мактабу тадрис дар «Таърихи инқилоби Бухоро» андеша ва матлаби ҷолибе дорад, ки ба асоси он мо метавонем аз муносибати мардум нисбат ба пуштибонҳои ҳукумати амирӣ огоҳӣ пайдо намоем. Ӯ қайд менамояд, ки «вакилони император худро дар назди мардум зоҳиран маданӣ нишон медоданд. Воқеан нисбат ба амалдорони амирӣ то ҷое фарқ доштанд. Вале на ба он маъное, ки дар ғами халқ бошанд. Чунончи, агар аз аҳли фуқарои Бухоро нафаре аз зулму ситами амир ва

амалдорони ӯ ба элчихона мурочиат намояд, аз номи маданият ва инсоният мактубҳои ба усули шиддатнок навишташуда ҳам мефиристониданд. Аммо дар асл ин амалҳо барои ҳимояи манфиатҳои мазлумон набуда, балки барои ҷалб кардани оммаи Бухоро ба худ ва омодагӣ барои илҳоқи Бухоро буд» [22, с. 56].

Аз маълумоти муаррих ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки ҳукумати подшоҳӣ барои вобастагии комили Бухоро ва дилҷӯии мардум ҳама корҳои лозимро мекард. Худро назди мардум дар муқоиса ба ҳукумати амирӣ  хуб нишон медод, ки ин ҳам ба фишори давлатҳои ғарбии капиталистӣ ва тақвияти нуфузи он дар минтақа бастагӣ дошт. Академик М. Имомзода дар асоси далелҳои мавҷуда ақидаҳои С. Айниро тақвият мебахшад, ки ҳукумати подшоҳӣ ҳамеша ба муттаҳидшавӣ ва иттифоқи муслимин монеъ гардида, амалдоранаш аз рӯи пиринсипи «тафриқа андозу ҳукумат кун» амал менамуданд. Иттифоқи мусалмонони минтақа метавонист ба сиёсати мустамликавии онҳо дар ин сарзамин хотима гузорад. Ҳамин буд, ки онҳо аз ин иттифоқ дар ҳарос буданд ва ҳамеша садди роҳи муттаҳидшавии мусалмонони гуногунмиллат мегардиданд [42, с. 55-56]. Бар асоси таҳлили осори С. Айнӣ наметавон сиёсати ҳукумати подшоҳиро аз лиҳози мазмуну муҳтаво дар баробари иқдомоти низоми амирӣ ба таври беҳтар ташхис дод. Тақвияти сиёсати ҳукумати подшоҳӣ, махсусан аз ибтидои асри XX, яъне аз замони зуҳури ақидаҳои инқилобӣ дар миёни мардум оғоз гардид. Ҳам ҳукумати Русияи подшоҳӣ ва ҳам ҳукумати Аморати Бухоро, ки дар умум мафҳуми «истибдоди халқӣ» ба ҳар ду нисбат дошт, ҳеҷ гоҳҷонибдори  манфиати аҳли умум набуданд. Аз маълумоти чунин муаррихони ҳифозатгари манофеъи мардумӣ, ба мисли С. Айнӣ бар меояд, ки ҳукумати подшоҳӣ пушту паноҳи қишри ҷинояткори Бухоро буд ва талош мекард сиёсати истибдодии амалдорони аморати Бухороро аз назари «қонунӣ» ва «маданӣ» пӯшиш диҳад.

С. Айнӣ ҳамчун муаррихи мушоҳидакор на танҳо дар асарҳои илмӣ, балки дар осори адабӣ ва ёддоштиаш ҷабру разолати амалдорони ҳукумати

амирӣ ва пошоҳиро бе ягон монеа ифшо мекард. Масалан, дар қисмати чаҳоруми «Ёддоштҳо» зеро матлаби «Ҷанги муллоён бо аробакаш» тавассути нақши Мулло Амон симои аслии ҳукуматдорони рус ва сиёсати онҳоро дар Аморати Бухоро хеле равшану возеҳ шарҳ медиҳад. Чунончи зикр менамояд: «Генерал-губернатори Туркистон дар амалӣ гардидани корҳои Бухоро рисолати худро ифода мекунад, гумоштагони сиёсии ӯ бошанд ба ҷои пайғамбари ӯст... Аммо ман аз амалҳои «худои Бухоро» он қадар хушҳол намебошам, чунки бо он, ки худои мусулмонон ва дар умум илоҳи умуми руҳониён бо «арҳамҳуррироҳимин» (бо раҳмдилтарин раҳмдилон) будан шуҳрат дорад, «худои мамлакати мо азаламулзолимин» (золимтарин золимон) шуда баромад. Ӯ дар ҳолате, ки метавонист бо исми «паҳнкунадаи маданият миёни ваҳшиён», ки ҳама вақт хешро бо ҳамин исм ба ҷаҳон муаррифӣ кардан мехоҳанд, ин ваҳшиёнати муллоён ва амирирро манъ ва бартараф намоянд, барои амалӣ намудани ин ваҳшиёнати золимона роҳи «маданӣ» ва «қонунӣ» дарёфт намуд» [15, с. 383].

Бино ба гуфтаи устод С. Айнӣ, элчихонаи рус аз зиддиятҳои мазҳабӣ хеле хуб истифода мебурданд. Мувофиқи навиштаи муаррих соли 1910 дар Бухоро миёни пайравони мазҳаби суннӣ ва шиа ҷанги хунине ба амал омад, ки сабабгори он худи элчихонаи ҳукумати подшоҳӣ буд. Муаррих дар хусуси масоили мазкур дар «Таърихи инқилоби Бухоро» [22, с. 58], дар «Таърихи амирони манғитияи Бухоро» [11, с. 179] ва дар «Ҷавоби ман» [12, с. 117] ном мақолаи худ ба таври муфассал маълумот додааст.

Ҳарчанд, ҳукумати подшоҳӣ тамоми сарзамини Осиёи Марказиро зери тасарруфи худ даровarда ва Аморати Бухороро тобеъ намуд, амирони манғит бе иҷозати ӯ коре ҳам карда наметвонистанд, вале боз ҳам ба мардуми минтақа боварӣ надошт. Бо мақсади комилан амалӣ намудани мақсадҳои худ элчихона аз тафриқаҳои мазҳабии мусулмонон истифода менамуд. Ҳамин буд, ки яке аз гумоштаҳои элчихона мулло Қамари тотор барои татбиқ ин мақсади разилона масъул шуд, то миёни аҳли шиаву суннӣ низоъ ва зиддият ангехта, барои вуруди аскарони рус ба Бухоро замина

фароҳам оварад. Устод С. Айнӣ дар осори худ дар хусуси ин гумоштаи элчихонаи ҳукумати подшоҳӣ ишора менамояд: «Ҳадафи Мулло Қамар моҷарои калонтаре ба вуҷуд овардан ва ба ин восита барои ворид гардидани аскарони рус ба Бухоро роҳ кушодан буд. Ин муллои мутаассиб мехост ин фитнаро дар соли 1909 барангезад, вале муваффақ нагардид. Ниҳоят соли 1910 тавассути муллоҳои ифротию мансабпараст ба монанди Бурҳониддин, ки барои соҳиб шудан ба мансаби қозикалонӣ на танҳо ватану кишвар, ҳатто нангу номусашро қурбон менамуд, пиёда сохт» [22, с. 61]. Албатта, фитнаи мазкур омили асосии татбиқи мақсади ҳукумати подшоҳӣ ва вуруди аскарони рус ба Бухоро гардид. Ҳарчанд, фитна бартараф шуд, вале генерали рус дигар намехост аскарони худро аз Бухоро берун созад. Устод С. Айнӣ дар хусуси сӯистифодаи генерали рус аз ин фитна ва комёбии элчихонаи рус хуб огоҳӣ дошт. Муаррих дар мавриди аз Бухоро берун намудани аскарони рус чунин менависад: «Оқибат бо кӯшиши ду се нафар шахсоне, ки раги хоби маъмурони русро медонистанд, ин таҳаккуми ғайримашруъи соҳибмансаби рус бо як роҳи ғайримашруъи дигар бартараф гардида, аскарони мавҷуда аз Бухоро берун шуданд» [22, с. 113].

Академик М. Имомзода дар ин бора чунин менависад, ки бо руёнидани пораи калон генерали рус аз шаҳр баромада бошад ҳам, вале то ду моҳ аскарони русро дар атрофи шаҳр нигоҳ дошт ва аз пайи амалӣ намудани фитнаи дигар буд [42, с. 57].

Воқеаи январи соли 1910 дар Бухоро дар асл самараи муборизаи оштинопазири ду гурӯҳи ашроф дар Аморати Бухоро барои касби ҳокимият буд. А. Ҳамроев диндорони мусулмонро ташабускори хунрезии январии байнимазҳабии Бухоро меномад [72, с. 70]. Вале муҳимтар аз хама он аст, ки зуҳури фитна, аз як тараф, боиси дахолати мустақими ҳукумати Русия ба умури дохилии Бухоро ва аз тарафи дигар, боиси боз ҳам маҳдуд шудани мустақилияти дохилии он гардид.

Садриддин Айнӣ дар шароити маҳдуд шудани истиқлоли Аморати Бухоро баъзе тадбирҳои мустақили амирони манғитро дар минтақаи

нуфузашон тасвир менамояд. Ӯ ба ин назар буд, ки ҳукумати Бухоро худро мустақил, мешуморид ба кадре ки мумкин аст раияти худро тороҷ мекард, ба номи қасос ва ҳудуд мардумро қатл ва таъзир карда метавонист [22, с. 134].

Ҳукумати Бухоро дар анҷоми ба он корҳое, ки ба манфиати шахсии ҳар ду тараф, яъне амир ва ҳукумати Русияи подшоҳӣ равона шуда бошанд, мустақил буд. Амирон, аз як тараф, молиёти андозу хироҷро ба айшу нӯши худ сарф мекарданд, аз тарафи дигар, ҳар сол чанд бор ба император ва хонаводаи ӯ, ба вазирон ва хонаводаҳои онҳо пешкашҳои гаронбаҳо мефиристоданд. Амирони Бухоро дар ибтидои асри XX бештар дар пайи дилхушии мустамликалдорон ва сарватандӯзии худ машғул шуда, ба кори ҳукуматдорӣ қариб дахолат намекарданд. Ҳар чизеро, ки хукуматдорони Русияи подшоҳӣ талаб мекарданд олимансабони Бухоро ҳамоно барои иҷрояш камар мебастанд. Ба рафтори хукуматдорони аморат Садриддин Айнӣ баҳои воқеӣ медиҳад, ки Аморати Бухоро дар шароити тобеияташон ба император дар назди амалдорони ҳомии худ чун ҳайвони боркаш ва ба болои аҳолии худ чун гурги борондида буданд [9, с. 137].

Аз натиҷаи таҳлили осори С. Айнӣ метавон ба хулосае омад, ки аз амир то амалдори одии давлатӣ, тамоми дастгоҳи иҷроӣ дар Аморати Бухоро ҳарими мол шуданд. Дар Аморати Бухоро ҳамаи амалҳои давлатӣ хариду фурӯш мешуд. Нақши рӯҳониён дар ин давра дар низоми идории давлати амирӣ ниҳоят тақвият ёфт. Маълумотҳои Садриддин Айнӣ ва дигар муаррихони давр нишон медиҳанд, ки дар шароити тобеъияти Аморати Бухоро ба Русияи подшоҳӣ дар худсарӣ, бадкирдорӣ, кайфу сафо ва дигар амалҳои номатлуби ҳукуматдорони аморат, аз ҳокимони маҳаллӣ то амир ягон тағйироте ба вуҷуд наомад, зеро низом иҷтимоию сиёсӣ, дастгоҳи феодалӣ-бюрократии Аморати Бухоро ва сиёсати саризм дар Осиёи Марказӣ ба ҳам мувофиқат мекард.

Бояд зикр намуд, ки муҳити тираи Бухоро ва заъфи хиради аксар амалдорони сатҳи олии аморат, аз амир то қозикалону қӯшбегӣ ба татбиқи

рӯзафзуни мақсадҳои ғаразноки ҳукумати подшоҳӣ мусоидат менамуд. Вале дар ин миён нафароне буданд, ки сарчашмаи чунин як бадбахтии оммаро дарк мекарданд. Аҳли зиёи Бухоро, ба мисли С. Айнӣ чунин фитнаҳои барангехтаи элчихонаҳои ҳукумати подшоҳиро, ки ба таври хеле пардапӯшона сурат мегирифт, сари вақт ифшо карданд. Дар натиҷа кӯшиши маъмурони рус барои дубора барангехтани фитна хунсо гардид ва ба гуфтаи худи муаррих, генерали рус аз ин ноумед гардида, аскаронашро аз гирду атрофи Бухоро берун бурд.

Аз таҳлили осори муаррихон дар хусуси вазъи сиёсии Аморати Бухоро дар ибтидои асри XX ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки новобаста аз чунин як сиёсати истибдодии мустамликавӣ ҷаҳонбинӣ ва мафкураи пешрафтаи баъзе аз ходимони рус, ки зидди чунин сиёсат вокуниш нишон медоданд, тавассути маҷаллаю газетаҳо камубеш ба аҳли зиёи Бухоро ва ташаккули минбаъдаи ҳаракатҳои инқилобӣ таъсир мегузошт. Вале вуруди газетаҳои опозитсионӣ осон сурат намегирифт. Чи амалдорони ҳукумати подшоҳӣ ва чи Аморати Бухоро ба кадом роҳе, ки набошад, ба ин амр монеъ шуда, мехостанд мардумро дар ҳамон ҳолати карахтӣ нигоҳ доранд. Дар хусуси рӯзнома ва ислоҳот устод С. Айнӣ сиёсати мунофиқона ва золимонаи элчихонаи ҳукумати подшоҳиро дар осораш дар шакли возеҳу равшан инъикос намудааст. Мувофиқи маълумоти ӯ, «элчихонаи ҳукумати подшоҳӣ ба нашри як газетаи озодфикр рухсат додан он тараф истад, ба ин кор аз ҳукумати амирӣ ҳам бештар зид мебаромад» [22, с. 106]. Новобаста аз чунин як сиёсати номатлуб дар қиболи ақидаҳои солим ва озодихоҳ, ба табақаи зиёии ҷомеаи Бухоро муяссар гардид, ки бо мақсади аз хоби гарони сиёсии чандсолаи охир бархезонидани мардум ва бедории шуури онҳо чандин иқдом анҷом диҳанд. Дар ин хусус метавон аз чанд иқдоми тараққипарварони Бухоро, ба монанди Мирзо Муҳиддин ва Мирзо Сироҷи Ҳакимро аз осори С. Айнӣ мисол овард. Онҳо мудири шуъбаи матбааи Когон (Бухорои нав) Левии яҳудиро бо ваъдаи дарёфти даромади бештар восита намуда, барои нашри як газета аз

элчихонаи рус иҷозатнома гирифтанд. Элчихона низ дар навбати худ, ба шарти касби ҳаққи сензорӣ аз амир барои нашри газета ба номи Леви рухсат гирифт. Ба қавли муаррих, рӯзномаи «Бухорои Шариф» ва замимаи он «Тӯрон», ки дар ташаккул ва бедории шуури оммаи Аморати Бухоро нақши асосӣ доштанд, бо ташаббуси вакилони сиёсии рус ва тадбири амир баста шуданд. Ходимони элчихонаи рус чун дар аввал гумон доштанд, ки рӯзномаи Бухоро ба монанди «Туркистон вилоятининг газети» ба сиёсати манфиатҷуёнаи ӯ хидмат хоҳад намуд, ба нашраш рухсат доданд.

Бояд афзуд, ки С. Айнӣ новобаста аз вазъи замон дар «Таърихи инқилоби Бухоро» мақсад ва омилҳои кушодану бастани рӯзномаҳои фавқуззикрро аз ҷониби «дипломатияи тангчашм, сияҳдил ва сияҳфикри рус» ба таври возеҳ ифшо сохтааст [22, с. 106].

Ба ақидаи мо, дар он даврони пуртазоду муноқиша, ки бо зуҳури Ҷанги якуми ҷаҳон фарогир шуд, ягона роҳи берунрафт аз мушкилот тарғиби афкор созанда тавассути рӯзномаву маҷалла ва бедор намудани халқ аз хоби ғафлат буд. Зиёиёни Бухоро мехостанд инро ба василаи таҷрбаи давлатҳои мустақили Аврупоанҷом диҳанд, вале вазъияти минтақа то ҷое фарқ мекард. Ин фарқият, пеш аз ҳама, дар заминаи шууру ҷаҳонбинии карахти мардуми минтақа фароҳам омада буд. Бо вуруди қавму қабилаҳои саҳрогард ва бодиянишин, ки аз илму фарҳанг ва ойини муназзами кишвардорӣ бехабар буданд, тӯли ду асри охир ин сарзамини тамаддунофар ба карахтӣ рӯ ба рӯ шуд. Дар чунин як вазъи мураккаб аҳли заҳмат аз ду ҷониб, яке ҳукумати маҳаллӣ-амирӣ ва дигаре, мустамликадор– подшоҳӣ мавриди истибдоду ғорат қарор гирифт. Вале новобаста аз ин арзишҳои ғарбӣ ва таҳаввулоти Аврупо хоҳ нохоҳ ба ҷомеаи суннати минтақаи нуфузи Руссияи подшоҳӣ таъсир мерасонид. Ин буд, ки дар муддати кӯтоҳе доманаи ҳаракатҳои инқилобӣ то марзҳои Бухоро ва Русияи подшоҳӣ омада расид. Агарчи ҳаракатҳои инқилобӣ дар сарзамини Русияи подшоҳӣ ва Осиёи Марказӣ аз ибтидои соли 1905 шуруъ гардида бошанд ҳам, вале омода набудани қувваи ягонаи инқилоб – халқ омили асосии

шикасти он гардид. Аммо ин зинаи аввалини инқилоб буд, ки таъсири худро ба ҳаракатҳои минбаъдаи инқилобӣ гузошт.

Ниҳоди дигари таъсиргузори шуур ва ҷаҳонбинии мардум дар радифи рӯзномаҳо мактаб буд, ки С. Айнӣ роҷеъ ба он дар осораш аз иқдоми пинҳонкорию дасисабозии дипломатҳои ҳукумати подшоҳӣ ёдовар мешавад. Мувофиқи гуфтаи ӯ, баъд аз баста шудани рӯзномаҳо, ки баъзан ба таври пинҳонӣ амал менамуданд, ба ин дипломатҳои сияҳдил муяссар нагардид, ки садди роҳи иқдомҳои тараққихоҳонаи ҷадидони Бухоро шаванд. Ҷавонони равшанфикри Бухоро ба кушодани мактабҳои пинҳонӣ ва паҳн намудани афкори озодихоҳона камар бастанд, ки минбаъд ин иқдом ба раванди ташаккули ҷаҳонбинии умум таъсир гузошт. Чун Фитрат барин ҷавонони равшанфикр баъди бозгашт аз Истамбул ба фаъолият машғул гардиданд, дипломатҳои рус аз пайи баста шудани мактабҳо афтоданд. Ин дафъа низ бо дасисаи элчихонаи ҳукумати подшоҳӣ тавассути мансабталошони ифротии Бухоро мактабҳоро бастанд. С. Айнӣ дар ин хусус тазаккур медиҳад, ки «Маъатаассуф бо ташаббуси қозӣ мир Бурҳониддин ва ёрмандии элчихонаи рус мактабҳо баста шуд» [14, с. 147].

Масъалаи дигар, ки дар робита ба сиёсати мустамликавии Русияи подшоҳӣ дар осори С. Айнӣ ба таври танқидӣ мавриди таҳлилу баррасӣ мешавад, муносибати элчихонаҳо нисбат баислоҳот дар Бухоро буд. Бино ба ақидаи муаррих, намояндаҳои элчихонаи рус ба ҳаракати ислоҳотхоҳонаи ҷавонони Бухоро аз ҳукумати амирӣ дида, бештар муқобилат нишон медоданд. Онҳо дар назди халқ дар зоҳир худро ҷонибдори ислоҳот эълон намуда, вале дар амал бар зидди тамоми зуҳури тағйироте дар Бухоро зиддият доштанд, чун сиёсати собиқа ба нафъи онҳо буд. Ба қавли муаррих, дар бардоштани масоили ислоҳот маъмурони рус манфиати зиёд медиданд, вале ислоҳотталабии онҳо ҷиддӣ набуда, маҳз барои намоиш ва фиреби мардум буд. Барои онҳо маълум буд, ки амир ба гузаронидани ҳеҷ гуна ислоҳот моил ва манфиатдор набуд, аз ин рӯ, сари чанд муддат ба амир талабнома ирсол менамуданд. Ин амалҳои онҳо танҳо

барои ришвахорӣ буд. «Ба намояндагони императории рус дар ҳолатҳои масъалаҳои ислоҳотро бардошта, ба ҳукумати амир талабнома фиристода, баъд аз ин талаб сарфи назар намуданашон манфиатҳои шахсиии хеле зиёд ҳам ҳосил мегардид» [12, с. 123].

Бояд афзуд, ки дар шароити Ҷанги ҷаҳонии якум бо сабабу баҳонаҳои мухталиф ғоратгарии амалдорони ҳукумати подшоҳӣ дар Бухоро ва дигар сарзаминҳои Осиёи Марказӣ боз ҳам шиддат ёфт. Устод С. Айнӣ дар китоби «Таърихи инқилоби Бухоро» зери унвони «Ҷанги ҷаҳон ва элчихонаи рус» ҳаракати маъмурони русро дар давраи мазкур баъд аз таҳлилу баррасиҳои зиёд чунин шарҳу тавзеҳ медиҳад: 1. Бо кадом роҳе  ки набошад,  ба даст овардани манфиатҳои шахсии худашон; 2. Ба роҳи дуруст аст ва ё нодуруст, дар куҷое набошад, нишон додани нуфузу мақоми ҳукумати мустабиди подшоҳӣ.

Муаррих бо овардани ин ду матлаб дар осори худ, ҳамчунин, тазаккур медиҳад, ки ҳеҷ яке аз ин роҳҳо омили пуркудратӣ нагардида, балки баръакси кор буду рӯз то рӯз мақоми ин давлати мустабидро миёни мардум паст менамуд [22, с. 124].

Бояд зикр намуд, ки диққати С. Айнӣ бештар ба арзёбии сиёсати баъдиҷангии намояндаҳои ҳукумати подшоҳӣ дар сарзамини Аморати Бухоро ҷалб шуда буд. Мувофиқи маълумоти ӯ, пас аз Ҷанги ҷаҳонии якум намояндаҳои элчихонаи рус дар аморат ҳокимияти мутлақ дошт. Сиёсати дилхоҳи худро ҷорӣ намуда, нгисбат ба фуқаро боз ҳам муносибати золимонатар пеш гирифтанд. Дастаи махсуси авбошонеро ташкил намуда буданд, ки даст ба нангу номуси мусалмонон мезаданд. Дар тақвияти суханони устод С. Айнӣ ҳаминро илова кардан мумкин аст, ки мустамлика дар ҳар давру замон мустамклика асту мардуми он аз ҳуқуқу озодӣ маҳрум. Ҳарчанд, ки Аморати Бухоро бо ном давлати мустақил буд, вале амалия, яъне сиёсати пешгирифтаи ҳукумати подшоҳӣ нисбат ба ин субъекти мустақил нишон медиҳад, ки кайҳо чунин мафҳум дар иртибот бо аморат архаистӣ буд ва он ба яке аз минтақаҳои маъмурии ҳукумати мустабиди

подшоҳӣ табдил ёфт. Барои мардуми одӣ яке аз дигаре фарқ намекард, вале акнун истисмор дучҷониба буд, ки боз ҳам аҳволро душвортар месохт. Аз сӯи дигар, муаррих ҳуқуқи мардуми маҳаллӣ ва имтиёзи мустамликадоронро хеле хуб арзёбӣ менамояд. Ба андешаи ӯ, «мабодо, агар ягон фуқарои Бухоро, ки аз бонку ширкатҳои русӣ қарздор буд, дар ҳоле шиканда ва ё вафот намояд, бар ивази қарзаш хонаашу тамоми амволи он, ҳатто то либоси зану фарзандонаш фурӯхта мешуд, мабодо қарз ба итмом нарасад, боқимонда аз хешовандон ва ҳамдеҳагони ӯ ситонида мешуд. Хулоса, он ҳисобе, ки давлатманду намояндаи он нишон додааст, то як тинаш ситонида мешуд» [12, с. 123]. Муаррих барои исботи маълумоти худ, ҳатто номи баъзе амалдорони истибдодии ҳукумати подшоҳиро дар осораш зикр месозад. Маслан ӯ дар солҳои Ҷанги ҷаҳонии аввал аз амали мустабидонаи бандагони подшоҳ ёдовар мешавад, ки яке аз амалдори элчихона Шулга буд. Шулга «аз мавқеъ ва қуввати ҳукумати подшоҳӣ истифода намуда, ба хотири корҳои разилонааш бисёр хизмат намуд» [12, с. 125].

Аз сӯи дигар, дар осори С. Айнӣ сиёсати тоинқилобии ҳукумати подшоҳӣ нисбат ба аҳли зиё хеле хуб мавриди таҳлилу баррасӣ қарор мегирад. С. Айнӣ, ки худ алакай дар доираи илму маърифат фаъолият мекард, барояш вазъи намояндаҳои он равшану возеҳ буд. Мувофиқи маълумоти ӯ, дар солҳои ҷанг таъқибу фишори зиёиёни аз ҷониби ҳукуматдорони ҳам подшоҳӣ ва ҳам аморат хеле шиддат гирифт. Дар ин хусус маълумоти академик М. С. Имомов далели ин гуфтаҳост. «Баъзе аз ҷавонони равшанфикр, аз ҷумла худи С. Айнӣ муддати муайян шаҳрро тарк намуда, дар хориҷ аз он фаъолият менамуданд. Инқилоби феврал ба ҳаёти сиёсии аморат тағйироти ҷиддӣ ворид намуд. Дар яке аз шаҳрҳои руснишини Когон ҳамоишҳо ба амал омада, ба таври руирост зидди ҳам ҳукумати подшоҳӣ ва ҳам амирӣ суханронӣ менамуданд» [42, с. 60]. С. Айнӣ худ таъсири инқилоби февралро ба ҷомеаи сиёсии Бухоро чунин нишон медиҳад: «Аз вазъияти мазкур намояндаҳои элчихонаи рус то чи

андозае ба тарсу ҳарос афтида бошанд ҳам, роҳбарони ҳукумати Бухоро, ки дар зери сояи сиёсати золимонаи ҳукумати подшоҳӣ истироҳат менамуданд, бо мусоидати амалдорони ҳукумати мутлақа садди роҳи ҳар гуна ислоҳот ва ҳаракатҳои фарҳангиро баста буданд, ба ҳамон андоза ба тарс афтода, чи кор карданашонро намедонистанд» [22, с. 139].

Муаррих зикр месозад, ки дар аҳди амир Абдулаҳад, хусусан баъд аз афзоиш ёфтани қадри пешкаш ва ҳадяи дарбор, қуззот ва ҳукком хеле худсар шуда буданд. Дар аҳди амири мазкур Логофет ном як шахс аз муҳаррирони рус ба унвони «Мамлакати беҳуқуқ» китобе навишт, ки низоми идории ҳукумати Бухороро шарҳу тавзеҳ медод. Пас аз ин, дар матбуоти рус ва мусулмонон ба ҳар муносибат тарзи идораи ҳукумати амир мавзуи баҳс шуда, танқидҳои сахт медид. Ҳар вақт, ки дар матбуот перомуни ин матолиб баҳс мешуд, афкори умумияи рус ва мусулмонон ба ғалаён омада, аз намонядагони рус, ки худро васӣ ва ҳомии ҳукумати Бухоро мешумориданд, ислоҳоти Бухороро талаб менамуданд [7, с. 148-148].

Аз ин маълумот, ҳаминробар меояд , ки намояндагони ҳукумати подшоҳӣ низ дар зери таъсири талаботи ҷомеа ба ҳукумати Бухоро дар бораи иҷрои ислоҳот ҳатто лоиҳае ҳам тақдим намуданд. Вале амир Абдулаҳад бо баҳонаҳои мухталиф ислоҳотҳоро амалӣ накард. Талаби ислоҳот таҳти таъсири ғалаби инқлоби февралӣ дар замони ҳукумати амир Олимхон боз авҷ гирифт. С. Айнӣзикр месозад, ки ҷавонбухориён миёни худ анҷуманҳои махфӣ барпо карда, ба ҳукумати муваққатии Русия телеграфи табрикӣ фиристода, ба ислоҳоти Бухоро кумак талаб карданд. Ҳукумати муваққатӣ низ дар навбати худ, ба ҳукумати Бухоро телеграф карда, лузуми ислоҳотро ифҳом ва дар ин хусус хоҳиши аҳолии Бухороро бино бар телеграфи ҷавонбухориён эълон намуд. Ҳамчунин, амир аз гузаронидани ислоҳот розӣ шуд, вале бархе аз маъмурон, махсусан қозикалон тарафдори ислоҳот набуд ва мардумро ба муқобили ислоҳот ташвиқ ҳам карданд [7, с. 152-153].

Бояд қайд намуд, ки ин маълумотҳо ба ҳаракатҳои ислоҳотхоҳонаи ҷавонбухориён, ки меросбарони ҷадидон буданд, марбут аст, ки аз ҳукумати амирӣ анҷоми баъзе ислоҳотҳоро дар низоми давлатӣ талаб менамуданд. Ҳарчанд, 7-уми апрели соли 1917 лоиҳаи ислоҳоти амир эълон шуд ва 8-уми апрел ҷавонбухориён ҷиҳати баёни миннатдорӣ аз ҳукумати амирӣ ҳамоиш ташкил доданд, вале ин санҷиш буд ва ислоҳот амалӣ нашуд. Ҳатто, аксар иштирокдорони ҳамоиш бо ташаббуси муқобилони ислоҳот дастгир ва ҷазо дода шуданд. То ғалабаи инқилоби сотсиалистии Октябр аҳволи ҷавонбухориён дар Бухоро хеле мураккаб шуд. Пас аз ғалабаи инқилоб зери таъсири ҳукумати шуроҳо муносибат ба онҳо то ҷое ранги дигар гирифт. Устод С. Айнӣ масъалаи ислоҳот ва талаби ҷавонбухориёнро шарҳу тавзеҳ медиҳад, ки намояндагони элчихонаи Русия ба ҳаркатҳои ислоҳотхоҳонаи ҷавонбухориён аз ҳукумати амир ҳам бошиддат монеъ мешуданд. Онҳо дар аҳди амир Олимхон вазир, қозикалон ва соири маъмурони бузург ва кӯчаки Бухороро пурра ба дасти худ гирифта буданд. Расмӣ ва ғайрирасмӣ аз маъмурони амир ришва гирифта, киссаи худро пур мекарданд. Ба ҳаракати ислоҳотхоҳонае, ки аз тарафи ҷавонбухороиён ташаббус карда шавад, монеъ мешуданд. Ин фирқаро ҳамеша ба ҳукумати императории Русия ва ба давлати амир душман мешумориданд, ба амир ва вазир доимо дар ҳамин замина иҷрои фикр мекарданд [9, с. 148].

Ҳаминро бояд тазаккур дод, ки ақидаҳои С. Айниро нисбат ба сиёсати ҳукумати подшоҳӣ дар кишвари Туркистон ва Аморати Бухоро мо на танҳо дар асарҳои таърихӣ – илмӣ, балки дар осори бадеӣ ва мақолаҳои ӯ низ мушоҳида карда метавонем. Махсусан, дар яке аз мақолаҳояш бо унвони «Ҷавоби ман», ки ба танқиди Бектош нбахшида шудааст, дар масъалаи мазкур матлабе дида мешавад» [12, с. 197].

Ҳам устод С. Айнӣ ва ҳам академик Б. Ғафуров дар осори худ таъкид менамоянд, ки ҳукумати подшоҳӣ ба мардуми маҳаллӣ, яъне Туркистону аморати Бухоро боварӣ ва эътимод надошт [32: 22, с. 140]. Дар ин хусус С. Айнӣ хотирнишин месозад, ки «Ҳукумати подшоҳӣ моро аз ҳуқуқи сиёсӣ,

миллӣ, иқтисодӣ ва ҳатто аз ҳуқуқи табиӣ низ маҳрум сохт. Ҳуқуқи аскарӣ (сарбозӣ), ки яке аз ҳаққҳои бошарафтарини халқ мебошад, ба рӯи мо баста шуда буд» [16, с. 75]. Аз ин иқтибос ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки муаррих аз дасти дарози амалдорони ҳукумати подшоҳӣ ва сиёсати мустабидонаи он ва  пасив будани ҳокимияти маҳаллии минтақа шикоят дошт. Зеро тамоми соҳаҳои ҷамъиятӣ зери назорати махсуси намояндаҳои ҳукумати мутлақ қарор дошт ва амир ҳамчун рамзи суннати ҳукумати маҳаллӣ амал мекарад ва дар ҳолатҳои зарурӣ ҳамчун бозича ба кор бурда мешуд.

Ба ақидаи мо, ҳама айбро ба сари ҳукумати подшоҳӣ бор намудан хатои мантиқӣ аст. Чун пеш аз воруди русҳо ба ин минтақа ҳукумат чандин аср инҷониб дар умури давлатдорӣ фалаҷ шуда буд, ки ислоҳи он танҳо дар сурати сарнагунсозии ҳукумати сулолаи кӯчиён имконпазир мешуд. Вале воруди аҷнабии дигаре ба ин сарзамин, ки мақсадаш ҳифзи чунин низом ба мақсади роҳандозии манфиати худ буд, аз рӯзи аввал вазъиятро боз ҳам муташанниҷ намуд. Ба мардуми минтақа боварӣ надоштани ҳукумати подшоҳӣ ин нобоварӣ ба худ ва заъфи сиёсати мутлақаи императорӣ буд. То дараҷае бовариии ҳукумату аҳолии маҳаллӣ аз ҳамдигар канда шуд, ки ҳатто аз ҳисоби мардуми маҳаллӣ сарбоз гирифта намешуд. Танҳо дар давраи ҷанг маҷбур шуд, ки ба ақибгоҳ аз ҳисоби аҳолии маҳаллӣ коргар сафарбар намояд, то дар дохили хандаққҳо бифавтанд. Устод С. Айнӣ ин масъаларо чунин шарҳу тавзеҳ медиҳад: «Мабодо мардум ба шарафи аскарӣ ноил гарданд, дигар аз ғулом шудан саркашӣ намуда, даъвои ҳуқуқҳои худро ба даст овардан хоҳанд кард. Ва билохира он рӯз поёни ҳукумати истибдодӣ хоҳад расид» [16, с. 76].

Ҳамин тариқ, С. Айнӣ ҳамчун муаррих ва муҳаққиқи замони худ паёмади сиёсати ҳукумати подшоҳиро дар ибтидои қарни XX бар асоси таҳаввулоти минтақа ва сатҳи бедории мардум чунин арзёбӣ менамояд, ки агар ин сиёсат 50 соли дигар идома ёбад, номи Туркистон аз саҳифаи таърих

нопадид шуда, бар ивази он «Новая Россия» (Русияи нав дар шакли мутлақ) арзи вуҷуд менамояд [12, с. 13].

Бад-ин минвол муаррих дар асарҳои бадеии худ низ сиёсати золимонаи ҳукумати подшоҳиро дар Осиёи Марказӣ ба таври ҷузъӣ инъикос менамояд, ки намунаи он дар осори илмии дигар камтар ба мушоҳида мерасад. Махсусан, дар повести «Марги судхӯр» доир ба миёнаравии русҳо бо векселбозӣ бо мақсади касби молу замини деҳқонон, дар «Ғуломон» нақшаҳои Котову Петров бо исми худашон дарҷ гардидаанд. Таҳлили осори С. Айнӣ нишон медиҳад, ки ӯ ҳамчун воқеанигор ва ҳақиқатҷӯ вазъияти минтақаро пас аз забти Русияи подшоҳӣ дар заминаи омилҳои манфӣ ва мусбат инъикос менамояд. Мисолҳои болозикр маънои онро надорад, ки С. Айнӣ комилан ҳукумати русҳоро дар минтақа маҳкум менамояд. Ӯ танҳо нисбат ба амалдорони Русияи подшоҳӣ назар нек надошт, ки эшон ҳатто ба мардуми фуқарои рус раҳме надоштанд ва онҳоро дар радифи халқҳои Осиёи Марказӣ ғорат менамуданд. Ӯ ҳукумати мутлақаи подшоҳиро на барои халқи рус ва на барои халқҳои Осиёи Марказӣ манфиатдор наҳисобида, ягона роҳи аз ин зулмот раҳо гардиданро дар инқилоб медид. Ин инқилоб бо заҳмати муштараки халқҳои Русияю Осиёи Марказӣ ғалаба намуд ва бори вазнини дӯши онҳоро маҳв сохта, орзуву омоли муаррих амалӣ гардид.

Ба ақидаи мо, С. Айнӣ ҳангоми арзёбии марҳалаи мазкур аз дидгоҳи вазъи халқ паёмадҳои манфии забти Росияро дар минтақа нисбат ба оқибатҳои он бештар нишон медиҳад. Дар бораи аҳаммияти ҳамроҳшавии минтақа ба Русияи подшоҳӣ муаррихони зиёде дар даврони шуравӣ ибрози андеша кардаанд. Аммо ҳеҷ яке аз онҳо ба монанди С. Айнӣ ба таври объективӣ ин масъаларо бо тамоми ҷузъиёташ нишон надодааст. Маҳз ба василаи пайвастан бо Русия Бухоро ба арсаи байналмилалӣ баромад, аммо на ба мусоидати императору амир, балки дар зери таъсири фарҳангу ҷомеаи рус ва бо заҳмату талоши синфи меҳнаткашу зиёиёни маҳаллӣ.

Хулоса, дар инъикоси таърихи сиёсии ибтидои асри XX-и халқи тоҷик осори Айнӣ вижагии хос дорад, ӯ дар пайравӣ аз Аҳмад Махдуми Дониш бе ягон ҳарос ба мақсади дарёфти ҳақиқат тамоми камбудиҳои замонро ошкоро баён намуд. Муаррих бо далелҳои муътамад сарчашмаи тамоми камбудиҳои ҷомеаро ба низоми идории фарсуда ва бемаърифатии амалдорони аморат нисбат медиҳад. Ӯ низоми идории амороатро дар даврони охирин амир-Олимхон (1911–1920) дар осораш ба таври хеле барҷаста ва муфассал таҳлил кардааст. «Амир Олим дар як вазъи бисёр мураккабе ба салтанат соҳиб гардид. Мушкилии ин ҳолат дар бедор шудани як қисми аҳолӣ ва ташкили фирқаи ислоҳотхоҳону тараққипарварон буд» [11, с. 133].

Ҳамин мушкилот ӯро водор кард, ки ба эълони истилоҳот тан диҳад. Вале аз ахбори С. Айнӣ бар меояд, ки матни ин ислоҳот миёни мардум паҳн нашуд. Мақсади ислоҳот, ки муқаррар намудани маоши амалдорони давлатӣ ва коҳиши маҷбуриятҳои мардумӣ буд, амалӣ нашуд ва ғорати фуқаро ба шакли нав идома дошт. Ҳамин тавр, баъд аз се моҳи эълони ислоҳоти амир Олимхон, аз мазмун ва мундариҷаи он осоре боқӣ монд ва ба қавли Садриддин Айнӣ «ҳукком ва қуззот аз ибтидо бисёртар ба ғорати мардум машғул гардиданд. Вале амир онҳоро на аз вазифа сабукдӯш намуд ва мазъул кард» [11, с. 137].

Дар хусуси тахтнишинии амир Олимхон маорифпарвари дигари тоҷик А. Фитрат қайд менамояд: «Олимхон, ки ба ақидаи падараш «Олими гов аст» пас аз як ҳафтаи ҳукуматаш бесаводӣ, аҳмақӣ ва бозича будани хешро ба дунё эълон намуда буд. Тамоми амалдорон ва сарбозони ӯ дарк намуда буданд, ки амир тоза як гӯли бекор буда, дар бобати низоми идора ақлу фаҳмиш надорад. Ҳамин буд, ки ҳар яке аз онҳо ба кадом коре, ки майл доштанд ба таври худ шуруъ намуданд. Ин омил сабаби ба а мал омадани ҳарҷу марҷ ва бетартибиҳо дар мамлакат гардида буд» [67, с. 26].

Бояд зикр намуд, ки С. Айнӣ ва А. Фитрат аз ҷумлаи ду зиёии пешқадами ибтидои асри XX–и халқи тоҷик буданд, ки бинобар андешаҳои муштаракашон роҷеъ ба масъалаҳои сиёсӣ, махсусан низоми фарсудаи

амирӣ ва омили тамоми носозгориҳои он аз бунёди ҷомеаи наву пешрафта ҷонибдорӣ мекарданд. Махсусан, замони ҳукумати Олимон барои ҳар ду донишманд ва ҳар ду шоҳиди замон тамоми воқеаҳо пурра равшан буд.

Донишманди тоҷик С. Табаров маълумоти ин маорифпарварони тоҷикро бобати ҳукумати Олимхон таҳлил намуда, ба хулоса меояд, ки гирду атрофи амирро садҳо сипоҳиён, маъмурон, амалдорон, уламову умаро иҳота намуда буд. Аз миёни онҳо А. Фитрат аз лиҳози мақом ва манзалат дар мақоми боло ва аз рӯи мансаби давлативу муносибат ба амиру вазир, Насруллоҳ-қӯшбегӣ, қозикалон Бақоҷон, раиси Бухоро Бурҳониддин ва хазинадор Имомқулро гузашта буд [65, с. 186]. Бино ба маълумоти А. Фитрат, дар аморати Бухорои замони Олимхон шахси дувумини баландрутба баъд аз амир қозикалон ба ҳисоб мерафт. Ӯ қайд намудааст: «Қозикалон – сардори ҳамаи диндорон (руҳониён), яъне муллоҳо аст. Аз он ҷо ки масъалаҳои ҳуқуқӣ ҳам дар ҷомеаи мусалмонӣ тобеи дин ва ба дасти рӯҳониён тааллуқ дошт, қозикалон раиси ҳамаи амалдорони адлия ба ҳисоб мерафт» [67, с. 28].

Аз ин маълумотҳо чунин хулосабарорӣ намудан мумкин аст, ки тақдири ҳамаи мардуми Аморати Бухоро аз лаҳзаи таваллуд то охири умр қозиён бо роҳбарии қозикалони аморат ҳал менамуданд. Мувофиқи маълумоти устод С. Айнӣ, ҳам дар замони амир Абдулаҳад ва ҳам дар аҳди ҳукумати амир Олимхон, баъд аз фавти қозӣ Бадриддин (соли 1908) иҷрокунандаи вазифаи қозикалон ба зимаи Бақоҷон вогузор шуд. Бино ба ахбори А. Фитрат, козикалони Бухоро Бақоҷон ва қозии Чорҷӯй Бурҳониддин барои амир Олимхон яке паси дигар ба навбат тӯй ташкил менамуданд. Устод С. Айнӣ низ лаҳзаеро аз аввалин тӯйҳои ташкилнамудаи Бурҳониддин дар «Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро» инъикос намудааст. Аз таҳлили осори ҳар ду маорифпарвар маълум мегардад, ки чи қозикалон Бақоҷон ва чи қозӣ Бурҳониддин бисёр тавонгар ва сарвати беандозае доштанд.

Бояд зикр намуд, ки дар таснифоти низоми давлатдории Аморати Бухоро дар аҳди Манғитиён, баъд аз қӯшбегӣ ва қозикалон мансаби раис ё раискалон хеле мақоми барҷаста буд. А. Фитрат нақши ӯро дар «эҳтисоб намудани бозорҳо, пурсиши даъвоҳои гирду атрофи шаҳр, эҳтисоби намозхонҳо ва қиморбозҳо таъини муаззинон ва дуруст кардани роҳҳо...» нишон додааст [67, с. 28]. Дар замони ҳукумати амир Олимхон дар ин вазифа пайдарпай қозӣ Мир Бурҳониддин, Муҳаммад Шарифи Садр, Абдусамадхоҷа ва Изомиддини Мусанниф фаъолият менамуданд. Ҳар як воқеае, ки дар Бухоро ба амал меомад, ин мансаб аз ихтиёри як хидматкор ба ходими дигар мегузашт.

Ҳамин тавр, шоёни зикр аст, ки ҳам устод С. Айнӣ ва ҳам маорифпарварони дигари халқи тоҷик ба мисли А. Фитрат ҳангоми ифшои ҷаҳолату низоъҳои амалдорони давлатӣ бидуни ҳарос тамоми амалҳои разилонаи онҳоро аз амир сар карда, то раису қозиҳои ҷудогона дар осори худ нишон додаанд. С. Айнӣ ҳамон усули вижаи таърихнигории А. Донишро такмил дода, дар инъикоси ин марҳалаи тақдирсози халқи тоҷик (ибтидои асри XX) нақши барҷаста гузошт. Ӯ новобаста аз таъқиботи мавҷудаи давр чи аз ҷониби ҳукумати амирӣ ва чи аз ҷониби сояи он-ҳукумати подшоҳӣ нисбат ба аҳли зиё, ки дар ифшои вазъияти тоқатфарсо даст доштанд, тавонист, ки ҳақиқати таърихии замонаро барои насли ояндаи миллатсоз равшан намояд ва ба ин васила онҳоро бо ибратомӯзӣ аз дарси таърих ба бунёди ҷомеаи навин тарғиб сохт. Инъикоси таърихи сиёсии ибтидои асри XX–и халқи тоҷик аз ҷониби муаррих тасодуфӣ набуд ва ӯ зери таъсири инқилобҳо аз принсипи тақвияти дараҷаи шуури сиёсии мардум ҷонибдорӣ мекард.

Маҳз ташаббусу ибтикороти С. Айнӣ буд, ки минбаъд мактаби ӯро фарзандони фарзонаи миллат, ба монанди Нусратулло Махсум, Шириншоҳ Шоҳтемур, Бобоҷон Ғафуров ва амсоли ин абармардони арсаи сиёсат дар роҳи бунёди ҷомеаи навин, ҳифзи манофеи халқи заҳматкаш ва ташкили давлати тоҷикон идома доданд.

### 2.3. Садриддин Айнӣ ва масъалаҳои омӯзиши ҳаракати ҷадидия

Дар таърихи ибтидои асри XX-и халқи тоҷик ва дигар халқҳои Осиёи Марказӣ зери таъсири кашфиёти илмию техникии ҷомеаи сармоядорӣ як қатор таҳавуллот ба миён омад, ки ҳамаи ин аз Аврупо ба Русия ва аз Русия ба Осиёи Марказӣ интиқол ёфта буд. Яке аз паёмади ин таҳаввулот, зуҳури ҳаракати ҷадидия буд, ки аз тафаккурӣ маорифпарварӣ сарчашма мегирифт.

Яке аз аввалин мубалиғони ҳаракати ҷадидия устод С. Айнӣ маҳсуб меёфт. Аз охири солҳои 80-уми асри XX ва ғолибан баъди касби истиқлоли давлатӣ дар шинохти ҳаракати ҷадидия дигаргунии комил ба миён омад. Дар пажуҳишҳои ин марҳала фаъолияти ҷадидии С. Айнӣ ба унвони яке аз симоҳои барҷастаи ин ҳаракат, баҳои воқеӣ гирифт. Акнун, дар кишвари мо таҳқиқу омӯзиш ва нашри дубораи осори давраи ҷадидии С. Айнӣ муҳимтар гардид. Маҳз, дар даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистон ба таҳқиқи мураттабу муназзами осори безаволи ҷадидон баҳри омӯзиши таҷрибаи таърихии онҳо ва татбиқи он дар роҳи маърифату саводомӯзии мардум, ташаккули матбуот ва тарғиби бунёди ҷомеаи нав ба таври муассир роҳандозӣ гардад. Тӯли зиёда аз 80 сол осори ҷадидии С. Айнӣ аз назарҳо дур афтода, танҳо баъди касби истиқлоли давлатии Тоҷикистон рӯи таҳқиқу чоп омаданд.

Дар даврони шуравӣ, аз рӯи таълимоти марксистӣ дин ба унвони унсури сирф ичтимоӣ дониста мешуд, ки мардуму ҷомеаро дар кӯчаи сарбастаи ҷомеаи суннатӣ ва касодии маънавӣ нигоҳ медошт ва нашри осори динӣ мамнуъ буд. Ин гуфтаҳо ба осори устод С. Айнӣ, роҷеъ ба таҳқиқи ҳаракати ҷадидия марбут аст. Аз ин рӯ, дар замони муосир, омӯзиш ва таҳлили ин гуна осор баҳри инъикоси баъзе саҳифаҳои норавшани фарҳангу таърихи бою пурғановати миллӣ ва таҳкими худшиносии миллӣ саривақтӣ аст.

Омӯзиши таърихи пажуҳиши ҷадидия дар даврони шуравӣ нишон медиҳад, ки ин мавзуъ ҳамеша зери таъсири вазъияти сиёсию идеологии замон қарор дошта, вобаста ба он, назару дидгоҳи муҳаққиқон нисбат ба

моҳият ва фаъолияти ҷадидон пайваста тағйир кардааст. Аз ин рӯ, агар дар назари аввал, фаровонии адабиёти илмӣ дар мавзӯи ҷадидия ҳамчун омили осонкунандаи шинохти ин ҳаракат ба назар расад, вале моҳияти мутазодди ин адабиёт ва хулосаҳои ҳамдигарро инкоркунандаи муҳаққиқон шинохти ҷадидонро барои пажӯҳишгарони имрӯз бисёр печида намудааст.

Ба назар гирифтани хусусияти динамикӣ ё такмилёбандаи таълимоти ҷадидон ҳангоми омӯзиши назари онҳо ба сиёсат ва ҳокимияти сиёсӣ низ хеле муҳим аст, зеро дар марҳилаи фаъолияти сиёсӣ низ андешаи ҷадидон яксон набуда, бо гузашти чанд зинаи фикрӣ ба тамоюлу шохаҳои алоҳида тақсим шудааст. Чун омӯзиши раванди таҳаввулу такомули дидгоҳҳо ва мавқеъҳои сиёсии ҷадидон як масъалаи васеъ ва хориҷ аз зарфияти ин навишта аст, ин ҷо фақат бо дар назар гирифтани ҳамин хусусияти ҷаҳонбинии онҳо, дидгоҳҳои бевоситаи ҷадидон дар бораи баъзе масъалаҳои ҳокимияти сиёсӣ баррасӣ мегарданд.

Пеш аз он, ки дараҷаи таҳқиқи ҳаракати ҷадидияро дар осори С. Айнӣ мавриди баррасӣ қарор диҳем, моро мебояд, аз назари умумӣ ба мазмун ва мундариҷаи ин таълимот руҷӯъ намоем.

Ҷадидия дар умум, таълимоти ҷамъияти сармоядорӣ ва назариёти инқилобӣ – буржуазии Бухорою Туркистон маҳсуб меёфт. Он ҳаракати миллии буржуазию либералиеро мебошад, ки дар охири асри XIX ва чоряки ибтидои асри XX дар сарзаминҳои тоҷикнишини Туркистони губернаторӣ ва Аморати Бухоро паҳн гардида буд [71, с. 18]. Таҳлили осори С. Айнӣ ва дигар муҳаққиқон нишон медиҳанд, ки ватани асосии ҷадидия Русия (Тотористон) маҳсуб меёфт. Чи хеле дар бахши марбут ба маорифпарварӣ зикр шуд, саромади ҷадидон маорифпарварон буданд. Онҳо ғояҳои маорифпарваронро аз ташвиқ ба тарғиб табдил доданд, ки устод Айнӣ низ аз фаъолони мактаби ҷадидия ба ҳисоб мерафт [60, с. 19].

Шоёни зикр аст, ки зуҳури дидгоҳи ҷадиди илмӣ ба ҳаёти маданӣ ва маънавии халқи тоҷик имкон дод, ки риштаҳои дигари фаъолияти густардаи устод С. Айнӣ ба объекти таҳқиқот кашида шавад. Маълум аст, ки бо дарки

рисолати аслии инсонӣ ва тақозои мушкилоти замонӣ, устод С. Айнӣ дар таҳаввули мактаби таърихнигории тоҷик дар асри XX  пойдевори устувор гузошт. Инъикоси вазъи таърихии Бухоро ва тафсири воқеъаҳои замони Инқилоби Бухоро аз ҷониби устод С. Айнӣ ба эҷоди чандин асари арзишманд дар риштаи таърих анҷомид. «Материалҳо оид ба таърихи Бухоро», «Таърихи инқилоби Бухоро», «Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро» ва чанд асари мондагори дигар аз маҳорати таърихнигории устод Айнӣ шаҳодат медиҳад.

Ҳадаф аз овардани ин матлаб он аст, ки осори С. Айнӣ роҷеъ ба таҳқиқи масоили мавриди баррасӣ маъхази арзишманде мебошанд. С. Айнӣ дар ин осор вобаста ба ҳаракати фарҳангию сиёсии ҷадидия маълумоти муфассале пешниҳод менамояд. Мувофиқи маълумоти С. Айнӣ, ҷадидон худро ҷадид намегуфтанд, балки ин номро ба онҳо чун калимаи таҳқиромез душманони он гузоштаанд. Барои чунин ном гирифтани онҳо ташкили мактабҳои усули нав сабаб шуда буд. Академик З. Ш. Раҷабов, ки идомадиҳандаи мактаби  пажуҳишии устод С. Айнӣ маҳсуб меёфт, бо такя ба маълумоти ӯ менависад, ки хусусияти инкишофи афкори ҷамъиятӣ–сиёсии халқи тоҷик дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX дар ҳамин аст, ки дар баробари пайдоиш ва паҳншавии ақидаҳои маорифпарвариву ва демократӣ дар Осиёи Марказӣ дар ибтидои асри XX  мафкураи буржуазияи маҳаллии миллӣ ба вуҷуд омада, монанди як қувваи реаксионӣ ташкил гардида буд, ки дар мавқеи ислом меистод [52, с. 3-4].

Ба назари инҷониб ҷадидон воқеан давомдиҳандагони фаъолияти маорифпарварон буданд. Бинобар ин, онҳоро низ маорифпарварон номидан хато нест. Вале ин ҳаракатро нисбат ба моарифпарварони асри XIX «як қадам ба қафо» гуфтан хатост. Ҳаракати ҷадидия нисбат ба маорифпарварии гузашта бартариҳои зиёд дошт. Зеро, маорифпарварони аввал норасоиҳои замонро дар асарҳо, сӯҳбатҳо, шеъру сурудҳои худ сахт танқид карда, худ барои амалии онҳо чандон корҳои назаррасе накардаанд. Ҷадидон бошанд, дар давраи аввал аксаран фаъолияти худро бо кори амалӣ-ташкили

мактабҳои усули нав, нашри рӯзномаҳо, ислоҳи усули таълим дар мадрасаҳо ва ғайра сар карданд.

Ба ҷадидон тамғаи исломпарастӣ (панисломизм)-ро часпонда сиёҳ намудан низ хатост. Зеро, чуноне таъкид намудем фаъолони ин ҳаракат аксаран аҳли савод, муллою муллозодаҳо, мударрисҳо ва талабагони мадрасаҳо, яъне қариб ҳама аз аҳли ислом буданд. Бинобар ин, онҳо ҳеҷ гоҳ аз доираи ислом берун шуда наметавонистанд ва ин тавр шуданаш мумкин ҳам набуд. Аз аҳли ғайримусулмон-яҳудиёни маҳаллӣ аксаран хайрхоҳон буданду халос. Бинобар ин, ҷадидон, аз доираи шариати дини ислом набаромада, бо роҳи ислоҳот мулки худ ва мардуми онро аз ҳолати бенавоию қашшоқӣ бароварда, ба қатори халқҳо ва давлатҳои тараққикардаи ҷаҳон расонидан мехостанд.

Академик З.Ш. Раҷабов устод С. Айниро барҳақ муҳаққиқи таърихи халқи тоҷик меномад. Махсусан, таърихи ибтидои асри XX, ки дар осори вай ба таври барҷаста инъикос гардидааст, ҷадидия дар маркази диққати муаррих қарор гирифтааст. Таҳлилу омӯзиши осори ӯ нишон медиҳад, ки яке аз принсипҳои асосие, ки равиши муҳимми ҷадидияро дақиқ менамуд, омезиши аҷибу махсуси он буд. Дар сифати ҷадидон миллатгарои ифротӣ бо хиёнаткории миллӣ ба ҳам омехта буд, ки дар асри XX барои буржуазияи кампрадорӣ–созишкор хос буд [102, с. 122-127].

Ҳамчунин, муаррихи тоҷик Н. Ғаффоров, ки дар хусуси масоили мубрами ҷадидя ва накши С. Айнӣ дар ташаккули он таҳқиқоти зиёд анҷом додааст, мавқеи ин мактабро дар рушди тафаккури наву солим барҷаста медонад [82, с. 36-41].

С. Айнӣ дар «Мухтасари тарҷумаи ҳоли худам», менависад , ки ҷадидҳо аз як ҷониб ба иттифоқ бастан ба ҳукумати подшоҳии Русия манфиатдор буданд. Азбаски Русия бозори савдои молҳои онҳо буд, дар пеши ҳукумати подшоҳи хушомадгӯёна пойбусӣ менамуданд, барои муборизае, ки вай ба муқобили ҳаракати инқилобӣ мебурд, дар шаънаш мадҳияҳо мегуфтанд, чунки онҳо аз инқилоб хеле метарсиданд. Аз ҷониби

дигар, онҳо ақидаҳои пантуркистиро ташвиқ намуда, дар зери ҳимояи Туркия давлати мухторе ба вуҷуд овардани мешуданд [20, с. 128].

Аз гуфтаҳои боло маълум мегардад, ки ҳарчанд С. Айнӣ яке аз ҷадидони замони худ буд, вале онҳоро аз рӯи мақсад ва ақидаҳояшон ба гурӯҳҳо тақсим менамуд. Албатта, ҳар ду гурӯҳ ҳам назари наву мухталифе доштанд, яке ба унвони демократимаоб аз манфиати халқ ва дигаре ҳамчун қишри ифротӣ аз манфиати табақаҳои ашрофу мустамликадорони хориҷӣ ҳимоят мекарданд. Таҳқиқи осори С. Айнӣ ва ақидаҳои ӯ нишон медиҳад, ки дар маркази тавачуҳи ҷадидон манфиатҳои омма қарор дошт. Ташкили мактабҳои оммавӣ дар шароити онрӯзаи Бухоро ин гуфтаро тақвият мебахшад. Зиддияти ҷадидони Бухоро ва Хива, дар умум танҳо аз ин иборат буд, ки онҳо бо тарсу ҳарос дар дохили давлат анҷоми баъзе ислоҳоти дуввумдараҷаро талаб менамуданд. Ҷадидон дар фикри барҳам додани усули истибдодии идораи амирӣ набуданд, ин ҳокимият ба унвони қудрати сакӯбсози ҳаркатҳои миллию озодихоҳона лозим буд. Худи амирон низ фармонбардори ҳукумати Русияи подшоҳӣ буданд, вале лаҳзаи муносиб меҷҷӯстанд, ки ба кӯмаки Туркия давлати мустақили Бухоро ва Хиваро ташкил диҳанд. Дар ин масъала ақидаи амири Бухоро, хони Хива ва ҷадидони пантуркист қариб ба ҳам мувофиқ ва баробар буд.

Бояд гуфт, ки ҷадидон дар зери таъсири матбуоти дигар халқҳо аз паи нашри рӯзномаю маҷаллаҳо ба забонҳои тоҷикӣ ва узбекӣ шуданд ва дар аҳди инқилоби якуми демократии рус (солҳои 1905–1907) дар Осиёи Марказӣ нахустин нашрияҳои ҷадидӣ чоп карда шуд.

Шоёни тазаккур аст, ки ақидаи ҷадидони демократ ва манфиатхоҳи Бухоро, ба монанди устод С. Айнӣ тамоман чизи дигар буд. Дар ин бора муаррихи тоҷик Н. Ҳакимов бар асоси арзёбии осори С. Айнӣ чунин менависад, ки ҷадидон мехостанд сохтори Аморати Бухороро, низоми таълиму тарбия, масъалаҳои маданию маишӣ ва таъсири манфии динро дар заминаи сохтори идорӣ, иқтисодӣ, ҳуқуқӣ, таълиму тарбияи мактабӣ тағйир диҳанд [71, с. 19].

Агар меҳвари ақидаҳои маорифпарвариро эътирози зиёиёни табақаҳои мухталиф ташкил менамуд, пас таркиби иҷтимоии ҷадидия аз намояндаи табақаҳои поёнии заҳматкашон, деҳқонони миёнаҳол, ҳунармандон, косибон, ва унсурҳои пролетарӣ иборат буд. Албатта, ин ба ҷадидияи оммавӣ таалluқ дошт. Ҷадидон мактабҳои усули навро ташкил ва китобҳои дарсии нав таълиф намуданд; нашри рӯзномаҳоро ба роҳ монданд; ислоҳи барномаи таълими мадрасаву ҳуқуқиро пеш гузоштанд; рушди истеҳсолот ва ташкили корхонаҳои саноатиро бар асоси истифодаи техникаву технологияи русӣ талқин менамуданд.

Профессор Қ. Расулиён масъалаи муносибати хукуматдорон ва ҳомиёни онҳоро, ки муқобили ҷадидон буданд, дар асоси осори С. Айнӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст. Дар ин хусус ӯ аз С. Айнӣ ёдовар мешавад, ки «Ҳар касе, ки гиребони куртааш тукмадор бошад, ҷадид аст; ҳар касе, ки дар тани худ камзул дошта бошад, ҷадид аст; ҳар касе, ки камзули сиёҳ дошта бошад, бадтарини ҷадидон аст; ҳар касе, ки ришашро қадре кутоҳ карда, мӯйлабҳояшро дарозтар гузошта бошад, ҷадид аст; ҳар касе, ки писарашро барои хондан ба Русия ва ё ба Истамбул фиристода бошад, ё ки худаш газета хонда бошад, ё ин ки бо газетахонон ошноӣ дошта бошад, албатта ҷадид аст; аммо дар ҷадид будани касе, ки қадре забони русиро донад ва ё ба Истамбул рафта омада бошад, ҳеҷ шубҳае нест; ҳар касе, ки ин гуна одамонро «ҷадид не» гӯяд, ё ин ки ба ҷадидии ин гуна одамон шак дорад, бе шакку шубҳа ҷадид аст» [55, с. 269-270].

Устод С. Айнӣ дар «Таърихи инқилоби Бухоро» таъкид менамояд, ки оғози инқилоби Бухоро аз масъалаи мактаб оғоз шудд. Чунончи, тарафдорони усули нави мактаб аз роҳбарони ҳаракатҳои инқилобӣ дар Бухоро ва мухолифони онҳо низ сардорони аксулинқилобиёни Бухоро буданд. Ҳамчунин, зикр месозад, ки касоне ба таърихи инқилоби Бухоро назар мепардозанд, пеш аз ҳама, ба масъалаи мактаб ва мухолифати ҷадиду қадим диққат доданашон лозим аст [22, с. 29]. Аз маълумоти С. Айнӣ бармеояд, ки дар маркази диққати ҷадидон, дар навбати аввал, масъалаи

мактаб қарор дошт. Ҷадидон бо ин усул мехостанд, ҷомеаро аз нав дар заминаи арзишҳои муштараки маҳаллӣ ва талқини тафаккури пешқадаму ҷаҳонбинии замонавӣ аз вартаи зулму ситам раҳо намоянд. Онҳо ягона роҳи наҷоти мардумро дар ивази низоми таълиму тарбия медиданд.

Мувофиқи маълумоти С. Айнӣ,  масъалаи мактаб ҳанӯз аз соли 1883, аз ибтидои нашри газетаи «Тарҷумон» ба майдон омада, то соли 1908 дар минтақаҳои мухталифи Русия аз тарафи мусалмонони тараққипарвар, яъне ҷадидон мактабҳо кушода шуд, вале то соли 1908 дар Бухоро аз мактаби усули ҷадид сухане ҳам вуҷуд надошт [22, с. 29].

Аз таълифоти С. Айнӣ маълум мегардад, ки нахустин мактаби хусусӣ соли 1900 аз ҷониби Ҷӯрабой Пирмастӣ таъсис дода шуд, ки ӯ аз таҷрибаи мактаби нави Русия огоҳ буд. Чандин шахсони тараққихоҳ, ба монанди Бурибой, Мирхон ва Қорӣ Бурҳон кӯшиш намуданд, ки мардумро ба ин мактаб ҷалб намоянд, вале муваффақ нашуданд. Мактаби мазкур бидуни дахолати дигарон худ ба худ баста шуд [42, с. 37]. Дар ин хусус агар мактаби Пирмастиро, ки бидуни ҳеч аз байн рафт, ба назар нагирем, нахустин мактаби ҷадид дар Бухоро на аз ҷониби бухороиён, балки аз тарафи тоторҳои муқими он таъсис дода шуд. Соли 1907 Низом Собитӣ ном тотор барои ҳамқавмони худ мактаби хусусии усули ҷадидро ташкил намуд. Дар ин мактаб яке аз муаллимони фаъоли Қазон Абдурраҳмони Саидӣ фаъолият менамуд. Аз ибтидо дар мактаби мазкур 10-12 нафар таҳсил менамуд. Ба андешаи С. Айнӣ дар ин мактаб ба ғайр аз тоторбачагон боз чанд нафар аз тоҷикон ҳам таҳсил менамуданд. Ҳатто устод Айнӣ дар ин мактаб шаш моҳ ба ҳайси тарҷумон фаъолият дошт. Метавон гуфт, ки С. Айнӣ нахустин таҷрибаи педагогиро аз ҳамин мактаб гирифтааст.

Бояд зикр намуд, ки дар ибтидо ҷадидони тотор нисбат ба мардумони маҳаллӣ дар таъсис ва  кушодани мактабҳои усули нав пешсаф буданд. Вале ин пешсафӣ ба фикри мо, хусусияти объективӣ барои мардуми маҳаллӣ надошт. Чун тоторҳо дар ин кор аз Туркия ёрӣ мегирифтанд, ташкили ин маткабхо низ ба хотири тарғибу ташвиқи ақидаҳои пантуркистӣ буд. Барои

мисол метавон аз вуруди пантуркисти ашаддии тотор Исмоил Ғаспарӣ ба назди амири Бухоро ба хотири ташкили мактаб дар соли 1908 ёдовар шуд. Ҳатто ӯ тараққипарварони Бухоро Мирзо Муҳиддин Мансуров ва Мирхон Порсоевро барои суҳбат ба назди худ даъват намуд, вале ташаббуси ӯ дар хусуси мактаб натиҷае надод.

Устод С. Айнӣ дар «Таърихи амирони манғитияи Бухоро» роҷеъ юа муносибати амир Абдулаҳад нисбат ба мактаб чунин менависад: «Аммо дар соли 1908 масъалаи мактаб ба миён омада, авқоти амирро хеле талх карда, осоиши зоҳириро ҳам барҳам зад. Тафсили ин иҷмол он аст, ки дар 1906 дар Бухоро аз ҷониби сокинони он ҷо як боб мактаб ба усули савтия кушода шуд. Аз он ҷо ки қозӣ Бадриддин филҷумла аз аҳволи олам хабардор буд, дар ин мактаб мамониат накард» [9, с. 115].

Дар ин хусус академик андешаи М. С. Имомзода ҷолиб аст, ки масъалаи мактаб ҳамон вақт аҳаммияти умумӣ пайдо намуд, ки он аз ҷониби худи бухороиён барои бухороиҳо ташкил мешуд. Ин амал нахустин маротиба аз ҷониби сарсупурдагони миллат С. Айнӣ, Мунзим ва Ҳумидхоҷаи Меҳрӣ суръат гирифт [42, с. 38].

Мувофиқи хотироти устод С. Айнӣ, тобистони соли 1908 ӯ бо ҳамроҳии Мунзим ва Ҳамидхоҷа дар Самарқанд аз мактаби Абдулқодири Шакурӣ (таъсис, соли 1903) дидан намуд. Фикри ташкили мактаб ба усули нав дар Бухоро дар андешаи муаррих на аз мутолиаи асарҳои Аҳмад Махдуми Дониш, Зайналобиддини Мароғаӣ на аз мактаби тоторҳо, балки баъд аз боздиди мактаби Шакурӣ пайдо гардид. Устод С. Айнӣ дар ин хусус зикр менамояд, ки «Мо то он рӯз мактаби навро надида будем (муаррих дар ин ҷо мактаби тоҷикиро дар назар дорад, чунки пеш аз ин дар мактаби тоторӣ фаъолият менамуд). Мактаби усусли ҷадид будааст, дар ин ҷо бачаҳо зуд савод мегирифтаанд, гуфта шунида бошем ҳам, чандон аҳаммият надода будем. Дар натиҷаи мутолиаи «Наводир-ул-вақоеъ» ва «Сайёҳатнома»-и Иброҳимбек барин китобҳо лузуми инқилоби иҷтимоӣ ва илмиро фаҳмида бошем, роҳҳои онро ҳеҷ фикр накарда будем. Хулоса, ба мактаби Шакурӣ

мағрур даромада, мутаҳайир баромадем ва аз ҳамон рӯз сар карда, фикри мактаб тамоми мағзи маро ишғол намуд» [22, с. 31].

Муҳаққиқ таъсири ин мактабро дар пешрафти ҳаракати ҷадидони Бухоро ва ташкили макотиби усули нав муассир арзёбӣ намуда, онро омили асосии бедор гардидани ҳисси миллии худ медонад [102, с. 122-127].

Устод Айнӣ таъкид менамояд, ки яке аз нахустин ташкилкунандагони мактаби усули ҷадид дар Бухоро Мунзим мунзим буд. Ӯ тарзи кушоиши ин мактабро бо сафари якҷояшон бо Мунзим ва Меҳрӣ дар тобистони соли 1908 баъди хатми мадраса ба мақсади саёҳат аз Бухоро ба Самарқанд алоқаманд медонад. Онҳо ба мактаби Шакурӣ рафтанд, ки ба ташаббуси мулло Абдулқодири Шакурӣ кушода шуда буд. Дар он ҷо бевосита бо усулу тарзи таълиму тарбияи он мактаб шинос шуданд.

А. Мунзим ҳамроҳи С. Айнӣ, Меҳрӣ ва Аҳмадҷон Махдуми Ҳамдӣ баъди сафарашон ба Самарқанд дар тараддуди ташкили мактаби усули ҷадид мешаванд. Онҳо аз моҳи сентябри соли 1908 дар хусуси ислоҳи мактабҳои тарзи таълими нав машварат мекунанд ва ҷиддан ба кушодани мактаби усули ҷадид камар мебанданд. Мунзим дар бораи таассуроти ҳамин сафари худ ба Самарқанд ва орзуи кушодани мактаби усули ҷадид дар Бухоро дар Арзи ҳоли худ ин тавр менависад: Соли 1908 дар Самарқанд ба воситае мактаби усули ҷадиди Абдулқодир Шакуриро тамошо кардам. Чунон ба ман таъсир кард, ки ҳар чи зудтар дар Бухоро кушодани чунин як мактаберо муқаррар намудем.

Ҳамин тавр, соли 1908 дар ҳавлии Мунзим мактаби услуи нав ташкил шуд. Ҳарчанд, ин мактаб дар хонаи мударрис Мунзим таъсис шуд, вале устод С. Айнӣ онро аз лиҳози идея ва васоити таълим дастгирӣ мекард. Махсусан, дар ин бобат метавон аз китобҳои таълифнамудаи ӯ бо номҳои «Тартилу-л-Қуръон» ва «Таҳзибу-с-сибён» ном бурд, ки нахустин китобҳои таълимӣ барои мактабачагон маҳсуб меёфт [81, с. 36-41]. Ҳамчунин, С. Айнӣ зикр менамояд, ки тавассути Абдурраҳмон Саидӣ ҷадидони Бухоро ба мутолиаи маҷмуаи туркии «Сироти мустақим», ки баъди инқилоб дар

Туркия нашр мегардид, муваффақ шуданд. Он як маҷмуаи динӣ, сиёсӣ ва адабӣ буд, ки аз тарафи бузургтарин фозилони хилофати Истамбул нашр мегардид. Аз сӯи дигар, ба андешаи муаррих, аз рӯзе, ки сухан дар бораи ислоҳоти илмӣ ва мактаб дар байни мусулмонони Русия ба миён омад, мухолифатҳои байни ҷадидон ва қадимпарастон шуруъ гардид [22, с. 35]. Махсусан, таъсири манфии он ба мактаби ташкилнамудаи С. Айнӣ ва А. Мунзим низ расид. Мактаби мазкур ҳарчанд натиҷаи мусбат дод ва дар таълими дурусти аҳкоми исломӣ нақши бориз гузошт, вале бо иғвои рӯҳониёни мутаассиб ва амалдорони бехиради аморат баста шуд. Шумораи мактабҳои нав рӯз то рӯз меафзуд ва тақрибан дар тамоми Русия паҳн шуда буданд. Акнун зидияти кухнапарастон бо ҷадидон шуруъ гардид. Соли 1908 дар тамомии минтақаҳои мусалмонишини Русия мактабҳои усули нав ташкил шуд. Усули таълиму тадрис низ рӯ ба беҳбудӣ овард. Устод С. Айнӣ аз якчанд мадрасаи нав, ба монанди Муҳаммадия, Ҳусайния, Бубӣ ва Олияи диния ном мебарад,, ки нисбатан шуҳрат пайдо намуда буданд. Аз нуфузи мавқеи ҷадидон ва густариши мактабҳои усули нав уламои мутаассибу манфиатҷӯ ва як қисман пайрави одии онҳо ҳар рӯз даст ба ғавғо мезаданд.

Аз рӯи таъкиди С. Айнӣ, ба мактаби усули нав бештар бачагоне меомаданд, ки бо сабаби қашшоқӣ ё норозигӣ аз таълими схоластикӣ мактаби кухнаро тарк карда буданд. А. Мунзим ба ҳамин гуна талабагон таълим дода, дар муддати ду моҳ хондану навиштанро ёд медод. Ҳамин тавр, оҳиста-оҳиста мактаби А. Мунзим дар Бухоро шуҳрат пайдо кард ва ҳар рӯз ба ин мактаб талабагони нав меомаданд. Дар оғози даҳсолаи дуюми асри XX ба сабаби афзудани эҳтиёҷот ба маводди таълимӣ барои мактабҳои усули ҷадид бо ташаббуси 99 нафар, ки дар байни онҳо А. Мунзим С. Айнӣ, Ҳамдӣ ва Меҳрӣ ҳам буданд, дар аввали моҳи апрели соли 1909 ширкати Бухорои Шариф доир ба табъи китобҳои дарсӣ ташкил гардид. Сармояи аввал барои аъзои ширкати Бухорои Шариф 7-сӯм ва барои Мунзим ва Айнӣ 14 сӯм муайян гардид. Ҳамин далел, аз як ҷониб, аз чигунагии мақоми ин ду марди ватанпарасту халқдӯст далолат

намояд, аз ҷониби дигар, аз саховати ду маорифпарвари бесарват ва хидмати онҳо баҳри рушди илму маориф ва таълиму тарбияи фарзандони халқи меҳнаткаш бозгӯ мекард [24, с. 40].

Устод С. Айнӣ ҳамчун муҳаққиқи ҳаракати ҷадидия ва ҷомеаи ибтидои асри XX-и Аморати Бухоро сабаби асосии мухолифати уламои хуруфотпарастро бар зидди тараққихоҳон дар матолиби зер мебинад:

– бо ташкил шудани мактабу мадрасаҳои нав шавқу ҳаваси мардум аз мактабҳои куҳна рӯз то рӯз коста гардид ва онҳо закоту хайрияҳои хешро ба мактабҳои нав медодагӣ шуданд;
– тарғибу ташвиқи ҷадидон дар маҷаллаҳо ва маҷлисҳо таъсири хубе мебахшид, чунки манфиати мактабҳои нав дар муддати кӯтоҳтарин аз ҷониби аксарият дарк карда шуд;
– уламои манфиатпараст қариб буд, ки аз закоту садақот маҳрум шаванд, рӯз аз рӯз мақомашон дар ҷомеа коста мешуд ва барои тақвияти мақоми пештараи худ ба муқобилият бархостанд;
– Уламо муддати зиёд буд, ки мардумро бо номи шариат ба зери юғи хеш гирифта, тамоми дороии хешро ба аҳли оилаашон бахшида, худро дар назди омма мискину фақир нишон дода, закот ва садақаҳоро ҳаққи худ мешумориданд;
– ба даъвоҳои моддӣ ва иқтисодии хеш ранги динӣ дода, аз номи шариату дин ба майдон баромаданд ва чи туҳмату ифротҳое ба ҷавонон ва ба мактабҳои ҷадид накарданд. Ба ҳаром будани мактабҳои нав иборaҳои арабӣ дарёфта, фатвоҳо эҷод намуданд;
– мардуми маҳрум аз муҳокима ва зери таъсири ақидаҳои хуруфотпарастонаи муллоҳо ба мактабҳо ҳуҷум намуда, лавозимоти дарсиро мешикастанд ва муаллимҳоро аз мактабҳо пеш менамуданд [22, с. 36].

Аз хулосаҳои фавқуззикри устод С. Айнӣ бар меояд, ки яке аз омили қувват гирифтани мухолифат бо ҷадидон ба унвони қувваи хайрхоҳи ҷомеа сатҳи пасти донишу ҷаҳонбинии аксари мардуми одӣ, махсусан ҷавонон

буд. Ин гуна ашхос воситаи асосии амалӣ гардидани ҳадафҳои ҳукумати золим ва муллоҳои ифротӣ дониста мешуданд. Муҳити пуртаззоди онрӯзаи Бухороро С. Айнӣ дар асари худ «Намунаи адабиёти тоҷик» чунин инъикос менамояд: «Маълум аст, ки Бухоро дар замони собиқ уламои мутабаҳҳир ва фузалои муқтадир халал мерасонид. Ҳар рӯз як Буалӣ, Форобӣ, Муҳаммад ибни Исмоили Бухорӣ ва Улуғбеки дигареро ба майдони мусобиқат медавонид. Ба ин восита овозаи шарофати худро овезаи гӯши ҷаҳониён мегардонид. Қариб дусад сол мешавад, ки қимати олияи худро гум намуда, пас аз вуруди Мирзоҷони Шерозӣ уламои Бухоро ба хондани ҳавошӣ, ки иборат аз тадқиқи алфоз аст, майл карда, кам-кам он қадар ба ривоҷи ин таҳсили бефоида кӯшидаанд, ки номи таҳсили фоиданокро ҳам аз хотири худ баровардАнд» [21, с. 357-358].

Новобаста ба чунин вазъи ногувори муҳит ва аъмоли бади ҳукуматдорону уламои ифротӣ ҳоло ҳам мардуми одӣ ба онҳо боварӣ доштУ фикр менамуд, ки амир намояндаи худо асту муллоҳо бошанд, ягона қувваҳои ҳақиқатпарасту ҳақиқатҷӯ дар роҳи амали гардидани гуфтаҳои Худо. Омили асосии ин бадбахтӣ аз мадрасаву марказҳои илмӣ дур мондани мардум буд. Дараҷаи саводнокӣ дар ҳолати пасттарин қарор дошт, ки ба манфиати ҳукумати истибдодии давр буд ва то ҷое метавонист ба ин раванд мусоидат менамуд. Ақидаи «рамаро идора намудани ҷӯпон осон аст», шиори амирону амалдорон гардид, вале аз он фаромӯш карда буданд, ки омили асосии истеҳсолот мардум аст. Агар раият  босаводу хирадманд бошанд, истеҳсолот меафзояду давлат тавоно мегардад. Вале барои дарки ин амиру сарвари босавод лозим буд.

Устод Айнӣ аз фишори ҳукумати истибдодии Русияи подшоҳӣ ба муқобили тараққихоҳон дар соли 1908 ёдовар мешавад, ки мо ҷадидони Бухоро гумон мекардем, ки дар хусусиислоҳи мактабҳо дар Бухоро аз ҷониби мусалмонон ягон муқобилияте нахоҳем дид, вале таҷрибаи минбаъда нишон дод, ки ин ақидаи ҷадидон хом будааст [42 , с. 39].

Ҳамин тариқ, тадбирҳои созандаи муаррих роҷеъ ба ташкили мактаби усули нав, ташвиқи халқ, омӯзиши хатту савод дар миёни толибилмон, таҳияи китобҳои дарсӣ, рӯзнома, рисола, хулоса, тарғиби адабиёти нав ва бедор кардани мардум ва ғайра хеле судманд ва муассир арзёбӣ мешаванд.

Мувофиқи ахбори худи С. Айнӣ, аввалин нафаре, ки ба муқобили мактаби ташкилнамудаи ӯ бархост Мулло Қамари Қазонӣ буд. Минбаъд аз ҳисоби тарафдорони ӯ зиддиятҳо ба муқобили мактаби ҷадидон меафзуд. Ба ин мухолифатҳо нигоҳ накарда, ҷадидон барои таҳия ва нашри китобу лавозимоти дарсӣ ба ширкати «Бухорои Шариф» асос гузоштанд. Бо мақсади андӯхтани таҷриба устод С. Айнӣ ва ҳаммаслаконаш ба мактаби Шакурӣ рафта, самараи онро дар мактаби худ амалӣ намуданд [24, с. 37]. Новобаста аз заҳматҳои ҷадидон дар роҳи таълиму тарбияи омма, иқдомоти тарафдорони қадимпарастон ва ифротиён бо сарварии Мулло Қамар ва раиси Бухоро Бурҳониддин барои бастани мактаб меафзуд. Дар ин кор Домулло Икром, ки писаронаш дар мактаби нав таҳсил доштанд, ҷадидони Бухороро дастгирӣ ва мардумро барои омӯзиш ба мактаб даъват менамуд, вале таъсири ӯ ба рӯҳониён он қадар пурзӯр набуд, ки роҳи фитнаи онҳоро дар бобати бастани мактаб гирад. Устод Айнӣ сабаби муносиботи неки Домулло Икромро нисбат ба ҷадидон дар чунин ҷиҳатҳо мебинад: 1. Домулло Икром ба «ишорати саббоба» омил ва ба суннати он қоил буд. Вале муллоҳои дигар инро бидъат дониста, ба ӯ муқобилият менамуданд; 2. Миёни уламои Бухоро дар маҷлисҳои расмӣ ва ғайрирасмӣ мунозираҳои бемаънӣ мешуд. Домулло Икром бинобар натторқ ва босавод будан рақибони худро ба хомӯшӣ водор месохт; 3. Домулло Икром дар масҷидҳо сӯзонидани равғани лампа (карасин)-ро ҷоиз медонист, вале муллоҳои дигар онро ҳаром медонистанд; 4. Домулло Икром хариду фурӯши фатвоҳо ва ҳуҷраҳои мадрасаҳоро кори ҳаром мешуморид, ки аз ҷониби аксарият муллоҳо ин амал иҷро мегардид [22, с. 47-48].

Дар асоси таҳлили иқдомоти неки Домулло Икром метавон чунин хулоса кард, ки ӯ яке аз ҷадидони машҳури замони худ буд. Чун ӯ ба

муқобилияти ифротиён нигоҳ накарда, даст ба чунин аъмоли мусбӣ ва ба ҷомеа манфиатовар мезад. Ҳамин тавр, зиддиятҳо то дараҷае расид, ки устод Айнӣ ва ҳамрадифонашро маҷбур сохтанд, ки дар назди умум имтиҳон қабул намоянд. Аксарият аз натиҷаи имтиҳон розӣ шуда, ҳатто дар фикри бинои нави мактаб афтоданд. Ҳарчанд ки дар рафти имтиҳон ягон амали зидди динӣ ва ҳукуматӣ дида нашуд, вале ин суде набахшид. Муллоҳои ифротӣ, ба монанди мулло Қамар, мулло Холмурод, мулло Абдурасули Закун ва мулло Абдурррауфи мударрис ба назди қӯшбегӣ рафта, бастани мактабро талаб намуданд. Аз муфтиҳо Домулло Икром ба ҳалол будани мактаб фатво навишта, муҳр зад.

Устод С. Айнӣ дар «Таърихи амирони манғитияи Бухоро» тазаккур медиҳад, ки «Зотан, инқилоби соли 1905-и Русия ва инқилоби Туркия ва Эрон амирро хотирпарешон карда буд. Бино бар ин, масъалаи мактаб – алифбохониро алифбои инқилоби ҳукумати худ мепиндоштанд. Дар воқеъ ба ин гумон ва тахмини худ хато накарда буд» [9, с. 117]. Вале бо ин ҳама иқдомот мактаб баста шуд. Дар Бухоро солҳои 1912-1914 боз аз нав ба таври пинҳонӣ мактабҳои усули ҷадид кушода шуданд, ки дар пешрафти ин кор саҳми А. Мунзим бағоят калон аст. Дар Бухоро Садриддин Айнӣ бо даспарварони мактаби Аҳмади Дониш–Муҳаммад Сиддиқи Ҳайрат, Шарифҷон-махдуми Садри Зиё ва дӯстону шогирдони онҳо, ки ҳама шоиру олим ва донишманди замон буданд, риштаи пайравию ҳамкорӣ ва садоқату дӯстӣ баст. Ин се шахс дар сабзишу камолоти маънавӣ, ташаккули афкори сиёсию иҷтимоӣ ва ақоиди адабӣ-эстетикии С. Айнӣ нақши хеле бузург доштанд.

Ҳамин тавр, устод С. Айнӣ раванди ташкили мактабҳои усули навро аз тарафи ҷадидон, ки аввалин иқдомҳои онҳо буд, ба тадриҷ ва ба тариқи муфассал дар осораш мавриди таҳқиқу инъикос қарор дода, то ҷое барои ҳаводорони таърихи ибтидои асри XX онро равшан намуд. Таҳлили осори С. Айнӣ нишон дод, ки бо баста шудани мактабҳо ҷадидони Бухоро ноумед нашуданд, балки онҳо дар роҳи амалӣ гардидани мақсадҳояшон боз ҳам

иқдомоти наверо пеша карданд. Ҳамин буд, ки соли 1910 аз ҷониби онҳо ҷамъияти махфии «Тарбияти атфол» ташкил карда шуд. Бояд тазаккур дод, ки дар хусуси ба хориҷи кишвар фиристодани талабагон аз ҷониби ин ташкилот дар осори С. Айнӣ маълумоти духура мушоҳида мешавад. Дар «Таърихи инқилоби Бухоро» (таълиф, 1920) танҳо дар бораи ба Истамбул равон намудани толибилмон сухан меравад. Вале дар асари дигараш бо номи «Мухтасари тарҷумаи ҳоли худам», муаррих зикр менамояд, ки «ҷамъият ба Оренбург, Қазон, Уфа, Қрим, Туркия ба хондан фиристодан гирифт» [8, с. 61]. Дар умум, дар асари аввал танҳо як дафъа ба Уфа ва Оренбург ба хондан рафтани Зиёуддин Махдум ва Зуҳуриддини Фатҳиддинзода сухан рафтаасту халос. Аммо дар хусуси ба Туркия равон намудани талабагону мударрисон ва бо пешвои пантуркистон Исмоил Ғаспарӣ вохурӣ намудани онҳо чандин маротиба сухан рафтааст [42, с. 38-39].

Бояд зикр намуд, ки ҷамъияти «Тарбияи атфол» дар самти маърифатноку саводнок намудани мардуми Бухоро чандин корҳоро амалӣ намуд. Хусусияти хосси фаъолияти ҷадидони Бухоро низ дар татбиқи ақидаҳои гузаштагони хеш–маорифпарварон зоҳир меёфт. Махсусан, ташкили «Китобхонаи маърифат» ва «Ширкати Бухоро» аз муҳимтарин иқдомоти ҷадидон ба шумор мерафт. Вале масъалаи аз муассисон ё баъдтар узви он шудани устод С. Айнӣ муайян нашудааст. Муаррих дар «Мухтасари тарҷумаи ҳоли худам» худро аз муассисони он ном бурда, зикр менамояд, ки «Аммо мо аз мақсади худ нагаштем. Бо мақсади ислоҳ намудани мактаб ва мадраса як ҷамъияти махфӣ ташкил кардем. Номи ин ҷамъиятро «Тарбияи атфол» номидем [8, с. 61].

Вале агар ба «Таърихи инқилоби Бухоро» назар афканем, муаррих аз дигарон ба унвони ташкилкунандаи ин ҷамъияти махфӣ ном бурда, худро аъзои он медонад. «Ташкилкунандаҳои асосии ҷамъият Мирзо Абдулвоҳиди Мунзим, Ҳомидхоҷаи Меҳрӣ, Аҳмадҷон Махдуми Ҳамдӣ, мударрис Ҳоҷӣ Рофеъ ва Мукаммал махдуми Бурҳонзода буданд [22, с. 97]. Таҳлилҳо

нишон медиҳанд, ки санаи таъсисёбии ҷамъияти «Тарбияи атфол» ба 28-уми моҳи зилқаъдаи соли 1328 рост омада, мувофиқи шаҳодати худи устод, ӯ то моҳи рамазони соли 1329 ба ҷамъияти мазкур дохил гардид. «То моҳи рамазони соли 1329 ба ҷамъият Мирзо Иззатуллоҳ, Порсохоҷа... ва нависандаи ин сатрҳо Садриддин Айнӣ ворид гардиданд» [22, с. 97].

Дар ҳар ду ҳолат устод С. Айнӣ яке аз фаъолони ин ҷамъият маҳсуб меёфт. Вале дар ин ҷо зарур аст, ки омили асосии зидду нақизи маълумотҳоро дар ду асар ин муаррихи барҷастаи ибтидои асри XX мавриди таҳқиқу омӯзиш қарор дода, то ҷои имкон онро равшан намоем. Пеш аз ҳама бояд замон ва вазъи макони навишти ин ду асарро аз ҷониби муаррих арзёбӣ намуд.

Бояд зикр кард, ки «Мухтасари тарҷумаи ҳоли худам»-ро муаррих соли 1940 таълиф намуд, вале «Таърихи инқилоби Бухоро»-ро дар соли 1920 бо забони узбекӣ навиштааст [42, с. 39]. Бе шакку шубҳа С. Айнӣ дар таълифоти солҳои баъдинааш, бо ҳасби замон, то дараҷае аз ифшои ҳақиқати тарҷумаи ҳоли худ сарфи назар намудааст. Дар ин бобат муаррихону муҳаққиқони таърихи ибтидои асри XX–ро зарур аст, ки ба маълумотҳои «Таърихи инқилоби Бухоро» бештар такя намоянд. Албатта, дар даврони шуравӣ, махсусан солҳои 30– 40-ум, ки авҷи таъқиботи сталинӣ буд, ҳар нафаре аз доираи идеологияи муайянкардаи сиёсати давр мебаромад, ба унвони хиёнаткори давлату халқи шуравӣ шинохта мешуд. Мо наметавонем комилан эътироф намоем, ки устод Айнӣ билкул аз ифшои ҳақиқат даст кашида бошад. Маҳз бузургии ӯ дар ҳамин шуҷоаташ дар бобати навишти ҳақиқати таърихӣ буд. Вале баъзе аз падидаҳои солҳои аввали асри XX–ро, ки марбут ба ҷомеаи ғайрисотсиалистӣ буд, навиштан ғайримкон буд. Аз ин рӯ, дар аксар масъалаҳо, махсусан оид ба фиристодани талабагон ба хориҷи кишвар аз тарафи ҷамъияти махфии «Тарбияи атфол» ва таърихи ба ин ҷамъият ворид гардидани устод С. Айниро мебояд дар асоси далелҳои ҳамин асари дуюмин омӯхт [24, с. 23].

Ҳамин тавр, С. Айнӣ ҳамчун маорифпарвар ва ислоҳотхоҳи замони хеш дар ақидаи ҷадидии худ устувор монд ва дар заминаи қиёси ҷомеаи исломӣ бо дигар ҷомеаҳои пешрафта яке аз омили асосии таназзули ҷомеаи исломии Осиёи Марказӣ, махсусан Бухороро ба гӯшаи фаромушӣ расидани ҳунаи сайфу қалам нисбат медиҳад. Чи хеле ки дар яке аз мақолаҳои худ бо унвони «Сайфу қалам» менависад: «Ҷаҳони ислом ҳар шараф ва манзалате, ки дид, тавассути сайфу қалам дид, ба ҳар хорӣ ва пастие, ки расид, бо сабаби аз даст додани ин ду афтод» [17, с. 6]. Мақолаи мазкурро муаррих баъд аз инқилоб таълиф намуд, аммо таҳлилу омӯзиши дигар асарҳои ӯ равшан месозад, ки ӯ пеш аз инқилоб ҳам чунин ақида дошт.

Масъалаи дигар, ки дар осори С. Айнӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст, ин таҳлили мафҳуми «ислоҳотгарон» мебошад. Маълум аст, ки ҷадидон дар аксар мавридҳо бо номи «ислоҳотгарон» шинохта мешуданд, яъне мақсади асосии ин ҳаракат анҷом додани ислоҳот дар ҷомеа буд. Дар хусуси истифодаи ин истилоҳ дар осори устод С. Айнӣ баъзан ихтилофҳо ба назар мерасад. Ӯ худ ва заҳматкашонро «ислоҳотгарон» меномад: «Мо ислоҳотхоҳони Бухоро аз рӯи хулуси нияти худ хаёл меовардем, ки дар хусуси масоили ислоҳи мактабҳо ва ҷорӣ намудани ислоҳи тарзи таълим аз ҷониби мусулмонон муқобилияте нахоҳад шуд» [22, с. 37].

Дар давраи инқилоби феодалии соли 1917 ва асосан, баъди баёнияи амир ҷадидия дар пешрафти ҳаракати таҳаввулоти нав ба миён омад ва коммунистони Бухоро, ҷадидони инқилобӣ ва ҷадидони ислоҳотхоҳ ҷудо шуданд. Ҷадидони коммунист дар асл ба ҳаракати болшевикӣ пайвастанд ва барномаи интернатсионалро қабул карданд. Ҷадидони инқилобӣ бошанд, Аморати Бухороро сарнагун карда давлати буржуазиро таъсис доданӣ буданд. Ҷадидони ислоҳотхоҳ бошанд, тарафдори низоми Аморати Бухоро, сохтори амирӣ ва анҷоми ислоҳотҳои ночиз буданд. Дар ҳама сурат, ақидаҳои ҷадидия дар шарҳу баёни авзои сиёсию иқтисодӣ ва маданию маишии Бухоро афкори демократию созанда буд, зеро онҳо мехостанд Аморати Бухороро аз ҷаҳолати асримиёнагӣ раҳо намоянд Вале баъди соли

1917 дар Туркистон ва аз сентябри соли 1920 дар Бухоро ҷадидия дигар ба унвони қувваи сиёсии ҷомеа бақо надошт. Чунки ҳокимияту сиёсат ва ҳукумату ҷомеа ҳама шуравию ҳизби болшевикӣ (коммунистӣ) шуда буданд.

Агар раванди таърихии ҳаракати ҷадидияро таҳлил намоем, ҳудуди мақсадҳои ислоҳотхоҳонаи онҳо ба таври хеле хуб равшан мегардад дар ибтидо С. Айнӣ бо ҳамсафонаш фақат ислоҳи низоми таълими мактабу мадориси Бухороро зери ҳадаф қарор дода буданд. Вале таҷрибаи минбаъда нишон дод, ки бо баста шудани мактаби Мунзим ва ташкили ҷамъияти «Тарбияи атфол» мақсадҳо ранги сиёсӣ гирифтанд. Акнун ҳадафи онҳо ислоҳи низоми идории ҷомеа гардида, таъмини маоши амалдорон, ба ҳисоб гирифтани воридоту содироти хазина, аз рӯи қонунҳои шариати исломӣ ситонидани андозу закотҳо қисмате аз ҳадафи онҳоро ташкил медод [24, с. 45]. Аммо тамоми ин дигаргуниҳо бояд бе иваз кардани амиру вазир амалӣ мегардид. Яъне тамоми бадбахтиҳои замона акнун дар низоми идории ҷомеа дида мешуд. Барои ислоҳи тамоми соҳаҳо ва танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ аз рӯи риояи шариати исломӣ зарур шуморида шуд. Дар тақвияти ин гуфтаҳо як нуктаи дигарро илова намудан ба маврид аст, ки аксари мардуми Бухоро гумон мекарданд, ки амиру амалдорон аз рӯи қонунҳои шариат амал мекунанд, вале дар мардум бо тадбири чунин низоми истибдодӣ аз макотибу мадраса маҳрум ва аз қонунҳои исломӣ чандин аср инҷониб бехабар монда буданд. Вале барои ҷадидон ҳамчун қишри бедори ҷомеа тамоми паҳлуҳои сиёсати разилонаи давр равшану возеҳ буд. Ва акнун тарғиби мардум ғафлатзада ба сӯи бедорӣ ва ташкили ҷомеаи шаҳрвандӣ рисолати аслии онҳо маҳсуб меёфт.

Бояд гуфт, ки устод Айнӣ дар «Таърихи инқилоби Бухоро» аз ҳаракати ислоҳотхоҳон ё тараққихоҳон бо мафҳуми мухталиф ном меабарад. Дар аксар маврид аз онҳо бо номи «ҷавонон» ёд мекунад. Чунончи ҷавонфикрон, соҳибфикрон, рӯшанфикрон, ислоҳотхоҳон ва тараққихоҳон, ки ҳама ифодакунандаи як мақсад аст. Дар ин радиф,

истилоҳи кушодафикрон низ як маротиба истифода шудааст, ки муродифи мафҳумҳои боло аст. Аз сабабе, ки воситаи асосии ба ҳам омадани ин гурӯҳи пешқадам мактабҳои усули ҷадид шуда буд, минбаъд онҳо дар миёни уламо ва амалдорони давлатӣ бо номи ҷадид шинохта шуданд. Ва аз сабабе, ки мақсади ягонаи онҳо тарғиби ислоҳот ва тараққиёт буду роҳбаронашон ҷавонфикрон буданд, онҳо худро «ҷавонбухориён» меномиданд [22, с. 70].

Масъалаи муносибати ҷадидия ва пантуркизм яке аз баҳсҳои асосӣ ва печидатарин дар шинохти ин ҷараён мебошад. Омилҳои пеш омадани ин гароиш, сатҳи нуфузи пантуркизм дар ҷадидия, оқибатҳои тамоюли пантуркистӣ барои худи ҳаракати ҷадидия ва умуман, барои мардумони минтақаи Осиёи Марказӣ баҳсҳое ҳастанд, ки аз тарафи муҳаққиқони гуногун таҳлилу баррасӣ шудаанд ва гузориши онҳо аз зарфияти ин навишта берун аст. Вале дар ин ҷо қайд намудани таъсири гузариш ба марҳилаи миллӣ ва таъсири тамоюли пантуркистӣ ба назарияи сиёсии ҷадидон ва хусусан, ба таълимоти онҳо дар мавриди ҳокимияти сиёсӣ муҳим аст. Бо воруди ҷадидия ба давраи шӯравӣ назарияи панисломистии ҳокимият, ки ташаккули онро бар мабнои усулҳои исломӣ пешбинӣ менамуд, дар таълимоти ҷадидон ба тадриҷ камранг гашта, назарияи сарзамину миллат ҳамчун маншаъ ва асоси ташаккули давлат ва ҳокимияти сиёсӣ ҷойгузини он мешавад. Чунин гароиши қисмати аслии ҷадидон дар таркиби ҳаракат буҳрони васеъро ба вуҷуд оварда, онро аз як зумра нирӯҳои фаъоли зеҳнӣ маҳрум намуд.

Академик ва айнишиноси барҷаста М.С. Имомзода зимни арзёбии масъалаи мазкур зикр менамояд, ки «Аксари муҳаққиқон вақте дар хусуси ҷавонбухороиён ҳарф мезананд, онро дар аввал тараққихоҳ, вале дар охир ҳамчун ҳаракати иртиҷоӣ ном» [42, с. 43] мебаранд.

Дар ин хусус, агар ба ду асари дар болозикри устод С. Айнӣ, ки ҷавҳари таҳқиқотии масъалаи ҷадидизмро дар бар мегиранд, назар кунем, баъзе маълумот духураанд: 1) масъалаи ҷамъияти махфии «Тарбияи атфол».

Дар «Таърихи инқилоби Бухоро» омадааст, ки ин ҷамъият бо «Бухоро тармими мазориф ҷамъиятӣ» дар Истамбул (муассисаш Абдурраауфи Фитрат) ҳамкорӣ ва мақсаду мароми яксон доштанд; 2) дар «Мухтасари тарҷумаи ҳоли худам» муаррих дар радифи «Тарбияи атфол» аз ҷамъияти махфии дигаре ном мебарад. Мувофиқи маълумоти муаррих, сарвари ин ҷамъияти махфӣ Абдурраауфи Фитрат ва Усмонхӯҷа Пӯлодхӯҷаев буданд, ки ҳар ду бо сабаби таҳсил дар Туркия зери таъсири идеологияи пантуркизм қарор доштанд. Дар «Таърихи инқилоби Бухоро» муаррих аз идеологияи пантуркистӣ чизе намегӯяд ва нисбат ба Фитрату Усмонхӯҷа баҳои мусбӣ медиҳад. Дар айни ҳол Фитратро яке аз донишмандони бузурги замони худ дар Бухоро меномад [22, с. 101]. Чизи дигар ин аст, ки мафҳумҳои ҷадид ва ислоҳотталабон дар ин асар ба маънои мусбӣ омадааст. Вале дар асари дуюм аз лиҳози маъно манфӣ ва ҳатто бо пантуркизм як дониста мешавад.

Шоёни зикр аст, ки устод С. Айнӣ дар «Мухтасари тарҷумаи ҳоли худам» дар мавриди ҷудоияш аз Фитрат баъд аз инқилоби февралӣ ёдовар мешавад. Фитрату пайравонашро ҷадид ва худашро аз онҳо ҷудо месозад. Ҳатто зикр менамояд, ки «Ҷадидон – ислоҳотталабон ба Ҳукумати муваққатӣ – ба Петербург ариза ирсол намуданд, ки «амирро фармояд, то барои онҳо ислоҳот карда диҳад...» [8, с. 72].

Ба ақидаи мо, ихтилофи муълумот ба маънои фаъолияти духӯраи ин муаррихи барҷаста нест. Дар ҳақиқат, вақте ба осори ӯ назар меафканем, маълум мегардад, ки С. Айнӣ то раванди ташкилёбии ҷамъияти «Тарбияи атфол» бо маорифпарварон ҳамсаф буд, вале баъд аз баста шудани мактаб ва ташкилёбии ин ҷамъият аллакай фаъолияти ӯ тағйир ёфт. Ҷамъияти мазкур чун баъди баста шудани мактабҳои усули нав ташкил гардид, бар хилофи низомномааш каму беш ба сиёсат дахл карда, амал карда, мардумро бар зидди низоми идории амирӣ бармехезонд. Муаррих дар гузоришаш доир ба фаъолияти ҷамъият яке аз вазифаҳои онро омодагӣ барои шӯриши зидди ҳукумати амирӣ меномад. Ин аввалин қадами ҷиддӣ дар доира принсипҳои маорифпарварӣ маҳсуб меёфт. Бояд зикр намуд, ки баъзе аз

аъзои ҷамъияти мазкур бо касби мансабҳои давлатӣ дар сатҳи сиёсат нуфуз пайдо карданд. Аммо як чизро ба назар бояд гирифт, ки мақсади онҳо комилан сарнагун сохтани низоми амирӣ набуд, онҳо танҳо мехостанд бо роҳи ислоҳот баъзе мансабҳо ба ихтиёри шахсони адолетпеша ва хирадманд вогузор шавад. Дар ҳар ду ҳолат ҳам манфиатҳои мардумӣ аз ҷониби онҳо дар мадди аввал гузошта шуда мешуд.

Устод С. Айнӣ дар хусуси муносибати ҳукуматдорону уламои ифротӣ нисбат ба чораҳои андешидаи ҷадидон чунин менависад: «Ин азизон мактаб надидаанд, қавоини ҳукмрониро нашунидаанд, одобу маросими маъмуриятро намедонанд. Миллат чӣ сон тараққӣ мекунад, мамлакат чи гуна маъмур мегардад, хизонаи давлат чӣ тавр обод мешавад, аз хотирашон нагузашта. Вазифаи як ҳоким бино ба раъият чист, ҳуқуқи раъият ба ҳоким кадом аст, абадан нашунидаанд. Касе низ боиси ин дарёгирию қатрабахширо аз онҳо намепурсад» [21, с. 359].

Дар ин радиф, ташкили воситаи асосии тарғибу ташвиқи ақидаҳои ҷадидон – рӯзномаи «Бухорои Шариф» қадами ҷиддие дар роҳи татбиқи мақсадҳо буд. Муаррих соли 1913 таъсири ин рӯзномаро дар пешрафти кори мадрасаҳо мусбӣ арзёбӣ менамояд, ки «бо шарофати нашри газетаҳо на танҳо ҷавонон, балки шогирдони мадрасаҳо низ ба инқилоби фикрӣ ва илмӣ омода шуда буданд» [22, с. 111]. Мувофиқи таҳлили осори ӯ, дар баста шудани ин рӯзномаҳо ба ҷои амалдорони амирӣ ҷосусону дипломатҳои тангназари рус иқдом бештар намуданд.

Шоёни зикр аст, ки чи қадаре муқобилат зидди амалҳои пешқадамонаи ҷадидони Бухоро зиёд шуд, ҳамон қадар муттаҳидии онҳо қавӣ ва фаъолияташон густурдатар гардид. Шаҳодати ин гуфтаҳо ташкили «Китобхонаи маърифат» ва «Ширкати Бухоро» мебошад, ки дар бедорӣ ва огоҳии мардум аз ҳаводису воқеъаҳои ҷаҳонӣ нақши бориз бозиданд [81, с. 36-41]. Мувофиқи маълумоти устод Айнӣ, ин ширкатҳо на танҳо дар шаҳри Бухоро, балки дар туманҳои атроф низ шуъбаҳои худро кушоданд. Ин такони бузурге барои бедории шуури ҷавонон гардид. Дар ин хусус

муаррих зикр месозад, ки «аҳволи ҷавонон хуб, нуфузашон дар ҳама ҷо пайдо ва корҳои илмиашон ба чашм намоён шуда буд». Ҳам ҳукумати мустабиди амирӣ ва ҳам намояндаҳои рус аз бедоршавии шуури мардум ба воҳима афтоданд ва тавассути уламои ифротӣ ба бастани мактабу ширкатҳои ҷадидпарвар иқдом намуданд. Мувофиқи гуфтаи худи устод Айнӣ, чандон мансабдорони баландрутбаи аморат, махсусан қӯшбегӣ Насруллоҳ ва қозикалон Бақохоҷа баъд аз дар имтиҳони мактаби Мунзим ширкат варзидан чунин гуфтаанд: «Шогирдони мактаби нав чун булбулони боғи ҷаннат буданд. Ман дар ин корягон тарафи мухолифи шариатро надидам. Баръакс, ба ҳамин тартиб танзим ёфтани ҳамаи мактабҳои мусулмононро лозим мешуморам» [22, с. 51].

Шоёни зикр аст, ки ҳарчанд устод худро дар «Мухтасари тарҷумаи ҳоли худам» аз ҷадидон то ҷое ҷудо нишон медиҳад, вале беягон шакку шубҳа ӯ аз ҷумлаи ҷадидони фаъоли ислоҳотталаб маҳсуб меёфт. Ин албатта, хусусияти субъективӣ дошт, ки низоми баъдӣ то ҷое имкон намедод, ки чунин як ҳақиқат ифшо гардад. Вале дар ҳар ду ҳолат, ҳанӯз пеш аз барпошавии Ҳокимияти Шуравӣ устод С. Айнӣ ҷонибдори як ҷомеаи адолатпеша ва муҳофизи ҳуқуқи аҳли заҳмат буд ва ҳамин ақида ӯро бар зидди низоми истибдодии Аморати Бухоро ва амирони золиму мустабид бархезонд.

Аз сӯи дигар, мо метавонем ислоҳотхоҳ будани С. Айниро дар асоси як қатор далелҳо исбот намоем: 1) ҷаҳду талоши устод Айнӣ дар роҳи ислоҳи низоми таълиму тадрис дар макотибу мадорис; 2) ташкили ҷамъияти махфии «Тарбияи атфол», ки С. Айнӣ яке аз фаъолони ин ташкилот ва ҷонибдори ислоҳ сохтори идории Аморати Бухоро буд; 3) устоди ӯ – Шарифҷон Махдуми Садри Зиё яке аз ислоҳотхоҳони ашаддии вақт буд. Устод Айнӣ ба унвони аз ширкаткунандагони асосӣ ва фаъоли мактаби Садри Зиё бо дастгириҳои бевоситаи ӯ аз низоми хуби таълиму тадрис бохабар гардид. Албатта, дар ин раванд таъсири ақидавии устод ба шогирд барзиёд буд. Як омили асосии пешрафти сатҳи ҷаҳонбинӣ ва нутқи

муқоисавии С. Айнӣ ҳам ҳамин мактаб буд, ки дар он баҳсу мунозираҳои зиёд баргузор мегардид. Наздикии ин ҳар ду аз ақидаи муштараки онҳо хабар медод [24, с. 18].

Дар бобати бобати ислоҳоти амир баъд аз ғалабаи инқилоби февралӣ дар Русия С. Айнӣ баръакси дигар ҷадидон назари манфӣ ва умуман, ба ин боварӣ надошт. Дар масъалаи фарқи устод С. Айнӣ аз дигар сарварони ҷадидия ақидаи академик М.С. Имомзода мувофиқи мақсад ва муассир аст: «Айнӣ аз Фитрат ва дигар ҷадидони дар Истамбул хонда, аз он фарқ менамуд, ки дурандеш буд, рӯҳияи мардум ва алахусус, ҳукуматдоронро аз онҳо беҳтар медонист. Бидуни саводнок намудан ва ба ислоҳот тайёр намудани халқ амалӣ намудани ҳар гуна ислоҳоту тағйиротро ғайримкон мешуморид. Ҳарчанд, ки аз воқеоти сиёсии Русия ва ҳаракати коргарии он хабар надошт, вале ба вазъияти онрӯза баҳои хуб дода тавонист» [42, с. 48].

Ҳамин тавр, таҳқиқи масоили ҷадидия аз ҷониби С. Айнӣ ҳамчун шоҳиди ҳол аввалин иқдом буд дар бораи ташхиси дурусти мақсаду мароми ин ҳаракат:

1. Маҳви бесаводӣ дар миёни аҳолӣ. Барои барои амалӣ намудани ин ривоҷи фаъолияти мактабҳои нав, тарғибу ташвиқ адабиёти нав ва матбуоти ҳаррӯза дар байни мардум муассир буд;

2. Мубориза бо уламои консерватив, яъне паскаш. Бо ин ҳадаф бояд фисқу разолати уламо дар баёни мардум фош мешуд, то тафаккури талабагон бедор ва ислоҳот дар низоми мадорис тезонида шавад;

3. Ошкор сохтани зулму ситами амалдорони ҳукумати амирӣ нисбат ба халқ. Дар ин замина танзим намудани муносибати байни ҳокиму қозиҳо бо мардум, то таваҷҷуҳи эшон ба аҳли заҳмат ва ҳимояи ҳуқуқи онҳо равона шавад;

4. Ифшои тамоми исрофкорӣ ва разолати амиру дарбориён дар ҷомеа ва танзими шаръии масрафи байтулмол;

5. Танзими шаръии маъракаҳои бемаънӣ, махсусан тӯю азо, ки боиси камбизоатӣ ва хароҷоти зиёд мегардад;

6. Барҳам задани таассуби ҷоҳилона, низоъҳои мазҳабӣ, рақобати носолим ва даргириҳои хонаводагӣ дар ҷомеа ба василаи тарғиби афкори солим.

Ин хусусияти ҳаракати ҷадидияро, ки устод С. Айнӣ дар натиҷаи таҳлилҳои зиёд мушаххас сохтааст, дар замони худ метавон яке аз дастоварди халқи тоҷик ва дигар халқҳои Осиёи Марказӣ арзёбӣ намуд, ки дар чунин як давраи сиёҳи таърих ақидаҳои солиму инсондӯстона буданд. Бояд зикр намуд, ки устод С. Айнӣ баъд аз таҳлили иқдомоти комили ҷадидон, аз ҷумла чопи рӯзнома ва таъсиси макотиб ба хулоса меояд, ки ягона роҳи наҷоти халқҳои Осиёи Марказӣ, махсусан халқи тоҷик дар шароити рӯзҳои сиёҳи таърих ва рукуди ҷомеа тағйир додани сохти мавҷуда тариқиислоҳот мебошад.

Ҳамин тавр, ҷадидия давраи татбиқи мароми маслакҳои маорифпарварони ибтидои асри XX-и тоҷик буд, ки мақсади асосӣ ва ҷавҳари он эҳёи арзишҳои маънавӣ, ислоҳи мактабу маориф, рушду пешрафти кишвар маҳсуб меёфт. Фаъолияти ҷадидон ба муқобили зулми иҷтимоӣ ва хурофоту ҷаҳолат, бар зидди ҳукуматдорони бесалиқа ва ноинсоф, уламои манфиатҷӯву муллоҳои суннатӣ равона шуда буд. Ин тараққипарварон дар роҳи таъсиси мактабҳои усули ҷадидия, матбуот ва китобхонаҳо дар Аморати Бухоро аз ҳама нируи ақлонӣ ва имкони молиявии хеш истифода мебурданд. Ҷадидон афкори шахшудаи мардумро бо таъсири матбуот, илму дониш ва маърифат бедор кардан мехостанд. Ҳамин тавр, дар ҳаёти мардуми Осиёи Марказӣ, махсусан Аморати Бухоро таъсис ва пешрафти мактабҳои усули нав як воқеаи пешқадам буд. Аз ҷумла, дар шароити Бухоро сол аз сол афзудани чунин мактабҳо гувоҳи он аст, ки зиёиён ва ҷавонон ҳарчи бештар рӯ ба ҳаёти нав меоварданд. Вале ҳукумати амирӣ баръакси фаъолияти онҳо, бо доираҳои иртиҷоӣ ва муқобилони ислоҳот муттаҳид мешуд. Дар натиҷаи ин дар Бухоро бархурди ҳомиёни тартиботи амирӣ ва зиёиёни пешқадам сол аз сол меафзуд.

Ҳаракати ҷадидия ва тарафдоронаш, ки бо номи ҷадидон, яъне навоварон ёд мешуданд, бо ташкили усулҳои мактабҳои ҷадид дар ибтидои

асри XX барои бедории мардум саҳми худро гузоштанд ва дар таърихи халқи тоҷик саҳифаи наве боз намуданд. Ҷадидон ба ҳар навъе, ки бошад, фикру орзуҳои табақаҳои меҳнаткаши аҳолиро ифода мекарданд [24, с. 18].

Хулоса, таҳлилҳои устод С. Айнӣ нишон медиҳад, ки имрӯз низ дар ҷомеа чунин камбудӣ дар аксар давлатҳои исломии Шарқи Наздик ва Афғонистони ба мо дӯсту ҳамсарҳад вуҷуд дорад, ки боиси хунрезиҳои зиёду даҳшатҳои халқи мазлум мегардад. Таҷрибаи таърихии бойи тоҷикон дар мисоли ҷаҳду талошҳои фарзандони ин миллати тамаддунофар, махсусан барномаи ояндасози ҷадидон, ки сад сол пеш пешниҳод гардида буд, муъҷиби дарси ибрати ин халқҳои азияткашида шуда метавонад. Таҳлили вазъи ҷаҳони муосир, махсусан моҷарои сиёсӣ дар мамолики мусулмонишин гувоҳи он аст, ки сарчашмаи аксар падидаҳои нохуши ҷомеа аз бесаводӣ ва зафи маърифат аст, ки инсонро ба ифротгароию мазҳабзитезӣ ва вобастагии абарқудратҳои манфиатдор бурда мерасонад. Ин барнома ва ҳадафҳои ҷадидон ба фикри мо ягона роҳи пешрафти шуури халқҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Бухоро гардид ва онҳоро ба инқилоб омода сохт. Агар ақидаҳои пешқадами маорифпарварон ва иқдоми созандаи ҷадидон ба миён намеомад, заминаҳои инқилоби халқӣ пухта намерасид ва он ғалаба намекард. Халқҳои Осиёи Марказӣ ба ташкили давлати миллӣ ва ҳуқуқу озодиҳои хеш комёб намегардиданд. Аз ин рӯ, ин таҷриба имрӯз барои мо, миллати тоҷик як дарси ибрат аст ва таҳлили дурусту мантиқии таърихи аҷдоди хеш барои дурнамои пешрафти давлат нақши бориз мегузорад. Таҷриба нишон дод, ки дар ҳар давру замон дар қиёс бегонапарастӣ, хуруфот ва ифротгароӣ илму маориф омили пешрафти ҷомеа ва сулҳу субот аст.

Ҳамин тавр, дар асоси гуфтаҳои боло метавон саҳми Садриддин Айниро дар таҳқиқу омӯзиши ҳаракатҳои маорифпарварӣ ва ҷадидия дар чанд нукта нишон дод:

- таҳқиқи объективии зуҳури аввалин ақидаҳои маорифпарварӣ дар миёни тоҷикон ва бо далоили илмӣ мушаххас сохтани саҳми тоҷикон дар инкишофи чунин ақидаҳои пешқадами ҷамъиятӣ;
- ташхиси марҳалаҳои ташаккулёбии ақидаҳои ислоҳотхоҳона ва шуури ҷамъиятӣ дар заминаи арзишҳои маҳаллӣ;
- бо вуҷуди фишор ва идеологияи ҳукмрон ба таври воқеӣ нишон додани ҳадафи ақидаҳои маорифпарварону ҷадидони Бухоро ва бо назардошти арзишҳои миллию маҳаллӣ ва таъсири рӯзафзуни идеологияи хориҷиён ҷудо намудани ҷадидон ба гурӯҳҳои демократӣ ва тундгаро;
- дар чунин як муҳити тезу тунди солҳои 20-ум, ки ақидаҳои зиддитоҷикӣ зиёд садо медод, бори аввал ба таҳқиқи масоили ҷадидия ва нақши тоҷикон дар пешрафти ҷомеаи нав пардохт ва тавассути тарғиби афкор созандаи халқ, махсусан дар ду даҳсолаи ибтидои асри XX ба муқобили бадхоҳони миллат мубориза бурд.

## БАРРАСИИ НАТИҶАҲО

Рисолаи диссертатсионӣ ба яке аз масъалаҳои муҳимми назариявию методологӣ ва амалии илми таърих бахшида шудааст. Масъалаи мазкур дар шароити муосири илми таърих ва таърихнигорӣ ҳамчун мавзуи мубрам дар маркази таваҷҷуҳи таърихнигорон қарор дорад. Таҳқиқи он дар шинохти саҳми чеҳраи мондагори миллати тоҷик – Садриддин Айнӣ дар таҳқиқи таърихи нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои XX–и халқи тоҷик аҳаммияти илмию назариявӣ дорад.

Ҳарчанд, омӯзиши ҷанбаҳои назариявию амалии мавзуъ дар шароити муосир аз ҷониби муҳаққиқони соҳа дар шакли мақолаи илмӣ, монография ва рисолаи илмӣ тайи даҳсолаҳои охир сурат гирифтааст, вале паҳлуҳои норӯшани он ҳанӯз ҳам ба таҳқиқи дақику амиқ ниёз доранд. Албатта, дар раванди таҳқиқи кори диссертатсионӣ матолиби зиёди илмӣ дар пайванд ба муҳтавои мавзуи таҳқиқот мавриди омӯзиш, таҳлилу таҳқиқ ва арзёбӣ қарор дода шуд. Аммо рисолаи мазкур, чи тавре ки аз бахши муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот ва интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия бар меояд, аз таҳқиқоти дигар фарқ мекунад.

Дар натиҷаи омӯзиш ва таҳлили матолиби мавзуи таҳқиқот муайян гардид, ки дар адабиёти илмии муосир роҷеъ ба саҳми Садриддин Айнӣ дар омӯзиши ва инъикоси таърихи халқи тоҷик назарҳо мухталифанд.

Дар диссертатсия аз методҳои илмӣ ва усулҳои маъмули таҳқиқ, аз ҷумла омӯзиши далелу санадҳо, таҳлилу қиёси таърихӣ, таҳлили минтақавӣ-муқоисавӣ, мантиқӣ, хулосбарорӣ ва мусоҳиба истифода шуд.

Омӯзишу таҳқиқи амиқи осори С. Айнӣ ба мо имкон медиҳад, ки камбуду норасоии баъзе масъалаҳоро дар осори таърихӣ таҷдиди назар ва доир ба масъалаҳои ҳалталабу баҳсбарангез тавсияҳои илмии дурусту раднопазир пешниҳод намоем.

Бояд тазаккур дод, ки то охири асри XIX саҳифаҳои норушани таърихи халқи тоҷик мавриди омӯзиш ва таҳлили муҳаққиқони зиёди дохилӣ қарор гирифт. Вале нақши таърихнигорони тоҷик дар ин самт чандон назаррас

арзёбӣ намешавад. Дар асрҳои миёна агарчи таърихнигорон осори зиёд таълиф намуданд, вале онҳоро таърихномаи ин ё он мардум номидан ғайримкон аст. Аксари ин осор, ки аз ҷониби муаррихони барҷастаи дарборӣ навишта шудаанд, як навъ таърихи сулолавӣ ва ё маҳаллӣ мебошанд. Махсусан, дар баъзе осори табақотӣ таърихи шоҳону пайғамбарон зиёд инъикос мешавад. Дар ин гуна осор ҳаёти халқ на ба таври воқеӣ, балки аз нигоҳи манфиати доираҳои ҳоким инъикос мешуд. Агарчи баъзан ҳаракатҳои мардумӣ инъикос мешуд, вале ин на ба хотири вазъи ногувори халқ, балки хотири нишон додани қудрати ҳокимият дар пахши чунин ҳаракату шӯришҳо рӯи коғаз меомад. Чандин осори таърихӣ, аз ҷула «Таърихи Бухоро», «Таърихи Табарӣ», «Таърихи Масъудӣ», «Таърихи Ҷаҳонкушо», «Зафарнома»-и Алии Яздӣ, «Абдуллоҳнома» ва ғ. аз ин қабиланд. Дуруст аст, ки муаррихони мазкур бо ҳасби замон воқеияти таърихро ифшо сохта наметавонистанд, вале давроне, ки Садриддин Айнӣ ба бозтоби таърихи мардум шуруъ кард, аз замони онҳо ҳеҷ фарқе надошт ва ҳатто мушкилтар буд. Модоме, ки мо имрӯз таърихро ҳамчун таҷрибаи ниёкон мавриди омӯзиш қарор медиҳем, бояд он ба мантиқи мафҳум созгор бошад. С. Айнӣ бори аввал ба ҳайси нависанда ва таърихнигор ба навиштани таърихи воқеии халқ даст зад, ки осораш ба таври барҷаста вазъи сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангиро фаро мегирад [98, с. 53-63].

Таваҷҷуҳи Садриддин Айнӣ бештар ба омӯзиши масоили мубрами ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии халқи тоҷик дар охири асри XIX равона гардида, дар осори ӯ таъсири афкори динию сиёсӣ ва идеолоияи муайян мушоҳида намешавад. Махсусан, омили асосии шикасти Аморати Бухоро аз ҷониби ҳукумати подшоҳии Русия, низоми мустамликадории хукумати подшоҳӣ дар Осиёи Марказӣ, низоми фарсудаи идораи Аморати Бухоро, сиёсати золимонаи ҳар ду ҳукумат, таъқибу фишори мардум махсусан, ҳунармандону кишоварзон ва аҳли зиё аз тарафи ҳукумати амирию подшоҳӣ ба таври барҷаста инъикос мешавад. Натиҷаи омӯзиши масоили фавқуззикр нишон дод, ки ҳар ду ҳукумат аз ҳамдигар ҳеч

фарқияте надоштанд. Ҳар ду низоми сиёсӣ ба хотири дифоъ аз манфиати доираҳои ҳукумрон аз ҳеҷ иқдоми номатлубе худдорӣ намекарданд. Албатта, вуруди ҳукумати подшоҳӣ ба минтақа то ҷое омили мусбӣ арзёбӣ мегардад, зеро он ба раванди табии инкишофи ҷомеаи инсонӣ бастагӣ дошт. Ҳукумати подшоҳӣ намехост бо кушодани мактабу китобхона ва тадбирҳои нави иқтисодӣ омили пешрафти минтақа шавад. Ҳамаи он иқдомҳо хусусият ва ҳадафи сирф сиёӣ доштанд, зеро бо татбиқи онҳо нуфузу ҷойгоҳи доираҳои ҳукмрони рус дар минтақа устувор мешуд. Сиёсати амирӣ бошад қудрати ҳукумати подшоҳиро дар минтақа тақвият мебахшид. Аз амир то охирин амалодори аморат бо амалҳои разилонаи худ мехостанд худро дар назди императори рус хуб нишон диҳанд. Албатта, ҳамаи ин таъқибу фишорҳои ҳукумати подшоҳӣ нисбат ба дину оини мардуми маҳаллӣ дар осори Садриддин Айнӣ бо далелу санад ифшо гардидааст.

Дар интиҳои қарни XIX бо таъсири капитализм ва низоми пешрафтаи маорифи аврупоӣ дар Осиёи Марказӣ як қатор ҳаракати прогрессивӣ ташаккул ёфт, ки дар саргаҳи онҳо маорифпарварон ва татбиқкунандаи ақидаҳои онҳо-ҷадидон қарор доштанд. С. Айнӣ ва аксар пайравони мактаби А. Дониш илму маърифатро сарчашмаи асосии пешрафти ҷомеа медонистанд, ки он метавонист ба тамоми бадбахтии мардум ва кархатии минтақаи собиқан тамаддунофар хотима бахшад. Бояд қайд намуд, ки то вуруди қавмҳои кучӣ ба минтақа тоҷикон бо марказҳои илмӣ-адабии Бухоро, Самарқанд, Хуҷанд, Марв ва низоми муназзами давлатдорию идорӣ ифтихор доштанд, ки дигарон ба онҳо тақлид мекарданд. Аз асри XVII марҳалаи карахтии таърихи ин миллати соҳибфарҳанг шуруъ шуд ва дар охири асри XIX – ибтидои асри XX он ба дараҷаи олӣ расид. С. Айнӣ дар асоси таҳлили барномаи маорифпарварону ҷадидон ба хулосае меояд, ки аввалин вазифаи аҳли зиё баркандани решаи ин «тухми аҳриманӣ», яъне сарнагунии ҳукумати вақт дар сарзамини тоҷикон аст. Агар маорифпарварону ҷадидон бо фаъолияти густурда шуури мардуми ғафлатзадаро ташаккул намедоданд, пас инқилоби Октябр ғалаба намекард

ва минтақа ҳатман дар шароити низоми истибдодии амирӣ ба мустамликаи қафомондаи дигар абарқудратҳо табдил меёфт. Чун ҳеч доираҳои мустамликадоре ба мисли Русияи подшоҳӣ ва Англия немехостанд, ки дар минтақаи зери нуфузашон илму маориф рушд намояд.

Устод С. Айнӣ ҳамчун аҳли илму қалам дар осори хеш ба вазъ ва дурнамои пешрафти фарҳанг дар Аморати Бухоро (нимаи дуюми асри XIX) таваҷҷуҳи хос дошт. Яке аз омили асосии пешрафти фарҳанг ва илму адаб низоми макотиб ва таҳсилоти олӣ маҳсуб меёбад. Аз ин лиҳоз, С. Айнӣ зимни баррасии ин масъла вазъи мактабу мадрасаро дар Аморати Бухоро ногувор баҳогузорӣ менамояд.

Таҳлилу омӯзиши осори устод Айнӣ нишон медиҳад, ки низоми фарсудаи асримиёнагии макотиб, таълиму тарбия дар Бухоро боиси тамоми бадбахтиҳо гардид. Албатта, ин як паёмади сиёсати истибдодии амирони ҷоҳталаб ва доираҳои ҳукмрони камхиради Аморати Бухоро буд. Ӯ дар осораш омили асосии буҳрони ҷомеаро пеш аз ҳама ба низоми мавҷудаи маориф дар Бухоро нисбат медиҳад. Таҳқиқу омӯзишҳо нишон медиҳад, ки С. Айнӣ дар ин самт ҳамчун воқеънигор бе ягон тарсу ҳарос аз амирону амалдорон низоми пасту фалаҷгаштаи Бухороро ба таври воқеӣ инъикос менамояд.

Омӯзишу таҳлил осори устод С. Айнӣ нишон медиҳад, ки дар шароити рушди муносибатҳои иҷтимоӣ ва сиёсии ибтидои асри XX новобаста аз хоҳишу аксуламали ҳукумати подшоҳӣ ва амирӣ дар минтақа як ҷунибише ба миён омада буд, ки он ҳам ба паёмади сиёсати чандасраи ҳокимони кӯчитабор бастагӣ дошт. Ҷомеа ҳамеша ба пеш ва ё ба қафо дар ҳаракат аст. Барои мардуми минтақа, махсусан тоҷикон ҷомеаи ба сӯи истибдод майл дошт. Мардум аз зиддият ва аҳли зиё аз амалу сиёсати ғайриинсонии ҳокимони вақт дилгир шуда буданд. Дар ҷомеа арзишҳои муштараки ҷомеаи ғуломдорию феодалӣ, сармоядорӣ ҳама ба нафъи рӯҳониёни ифротӣ ва доираҳои ҳукмрон буд. Акнун бозгашт ба ҷомеаи пуртазоди асримиёнагӣ боиси нафрати мардум мешуд. Чунки дар Аврупо

300 сол пеш ин ҷомеа таназул ёфта буд. Акнун пояҳои ҷомеаи истибдодӣ ларзон ва косаи сабри мардум лабрез шуд. Дар ин шароит мардум зери таъсири ақидаҳои пешрафтаи зиёиёни маҳаллӣ ва ҳаракатҳои инқилобии Русия аз хоби ғафлат бедор шуд ва дар миёни онҳо як навъ ҳамбастагӣ ба миён омад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки Садриддин Айнӣ аз ҷумлаи муҳаққиқонест, ки тамоми соҳаҳои ҷамъиятии ибтидои асри XX-ро дар осори мондагораш мавриди баррасӣ ва таҳлил қарор додааст. Ӯ ҳамчун шоҳиди замон дар бораи таҳаввулоти минтақа ва унсурҳои таъсиррасони он огоҳии нисбатан комил дошт. Аз ин нигоҳ, осори С. Айнӣ барои омӯзиши таърихи нимаи аввали асри XX-и халқи тоҷик маъхази асосӣ аст. Ӯ барои таҳқиқи комили таърихи ибтидои асри XX дар радифи падидаҳои мавҷуда ба вижагиҳои хосси ҳар давраи мазкур таваҷҷуҳ зоҳир менамояд. С. Айнӣ ҳамчун маорифпарвар ва пайрави ақидаҳои Аҳмади Дониш ва дигар ҳаммаслакони ӯ масъалаи таҳқиқи маориф ва ақидаҳои маорифпарваронро дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX дар мадди аввал мегузошт. Ҳамин тавр, Садриддин Айнӣ дар доираи зиёиён ба камол расида, дар бораи баъзе таҳаввулоти таърихи халқи тоҷик нисбатан дидгоҳи фарохтару мантиқӣ дошт. Бояд зикр намуд, ки вижагии хосси таърихнависии давраи мазкур аз он иборат буд, ки муаррихон ба навиштани асарҳои интиқодӣ шуруъ карданд. Таҳлили осори Аҳмади Донишу Сомӣ ва С. Айнӣ аз ин гувоҳӣ медиҳад, вале аз ин миён осори С. Айнӣ нисбатан вижагии хос дорад. Ахмади Дониш ва М. Сомӣ аз ҷумлаи таърихнависони дарборӣ буданд, бо ҳасби замон баъзе ҷузъиёти ҳаводисро наметавонистанд ба таври ошкор таҳлилу баррасӣ ва инъикос намоянд. С. Айнӣ аз ин монеаҳо то ҷое орӣ буд. Вале ба ин нигоҳ накарда, таҳлилҳои осори ёддоштии ӯ собит месозад, ки худи ӯ ҳам чандин бор ба таҳдиду ҷазо гирифтор шуда буд. Аз мутолиаи асарҳои С. Айнӣ чунин бар меояд, ки устод бо вуҷуди чунин хатару фишорҳо тавонист вазъи ҷомеаи Бухоро ба таври воқеӣ таҳлил намояд. Аз ин нигоҳ, дар осори ӯ як навъ рӯҳияи озодӣ ва интиқодӣ мушоҳида

мешавад. Ҳарчанд, С. Айнӣ аз ибтидои асри XX ба таълифи осори таърихӣ шуруъ кард, вале ҳамчун шоҳиди замон дар бораи тамоми воқеоти охири асри XIX хотироти хуб дошт.

# ХУЛОСА
# НАТИҶАҲОИ АСОСИИ ИЛМИИ БАДАСТОМАДАИ ТАҲҚИҚОТ

1. Дар рисола бар асоси осори Садриддин Айнӣ масъалаҳои мубрами таърихи халқи тоҷик дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX таҳлилу баррасӣ шудааст. Ҳамин тавр, устод Садриддин Айнӣ ҳамчун чеҳраи барҷастаи сиёсиву адабии замони худ марҳалаҳои мухталифи сарнавиштсози таърихи халқи тоҷикро инъикос намуд, ки ин амр барои шинохти баъзе камбуду лағзиши доираҳои ҳукмрони Аморати Бухоро ва саҳифаҳои тираи таърихи минтақа муассир аст.

Бояд тазаккур дод, ки С. Айнӣ аз зумраи нахустин муаррихони тоҷик аст, ки бо мақсади таҳкими ҳуввияти миллии насли наврас ва ташаккули рӯҳияи ватандустии онҳо раванди муборизаи озодихоҳии халқи тоҷикро бар зидди зулму истисмори аҷнабиён дар асоси таҳлили сарчашмаҳои таърихӣ ба таври объективӣ аз дидгоҳи нав инъикос намуд. Ӯ бо ташхиси роҳу равиши нави омӯзиши таърихи халқи тоҷик ба мактаби хосси таърихнигорӣ замина гузошт, ки асоси онро омезиши методҳои муштараки пажуҳиши илмҳои таърих ва адабиёт ташкил медод. Ӯ ба воситаи нашри осори адабӣ, ёддоштӣ ва романҳои таърихии хеш исбот кард, ки ҳарчанд муаррих бо дарёфти ҳар ҷузъиёти ҳаводис наметавонад ба воқеият бирасад, аммо ин амр метавонад роҳи ӯро дар ин самт барои шинохти камбуду норасоӣ ҳамвор намояд. Албатта, ин равиши таърихнигорӣ аз ҷониби дастпарварони мактаби ӯ то ҳол идома дорад.

Устод Садриддин Айнӣ ҳамчун муаррих дар осораш бо такя ба маълумоти сарчашмаҳои нодири таърихӣ саҳифаҳои шигифтангез ва муборизаи озодихоҳонаи халқи тоҷикро бар зидди аҷнабиёни истисморгар инъикос ва дар ин замина мардумро ба ваҳдату ҳамбастагӣ фаро хонд. Ин дар ҳоле буд ки баъзе муаррихону муҳаққиқони шӯравӣ оини лашкардорӣ ва ҷасорати халқи тоҷикро нодида мегирифтанд. Дар ин шароити пуртазоди замон Садриддин Айнӣ бо таълифи осори таърихии худ исбот намуд, ки

барои тоҷикон аз ибтидо мафҳуми ватан, муборизаи озодихоҳӣ, ваҳдат ва истиқлол бегона набуд [1-М].

2. Ҳамин тавр, устод С. Айнӣ ҳамчун муаррихи воқеънигор вазъи иқтисодӣ-иҷтимоии нимаи дуюми асри XIX-ро аз нигоҳи манфиатҳои мардум мавриди таҳлил қарор дода, дар инъикоси баъзе саҳифаҳои норавшани таърих саҳми бузург гузошт. Аз омӯзиш ва таҳлили осори устод маълум мегардад, ки ӯ дар инъикоси вазъи давраи мазкур бештар ба ходими дигари барҷастаи сиёсию фарҳангии вақт – Аҳмад Махдуми Дониш пайравӣ менамуд. Аммо як чизро ба назар гирифтан ва таъкид намудан ба маврид аст, ки Аҳмади Дониш яке аз мансабдорони дарбори амирӣ буд ва дар аксар ҳолат наметавонист вазъи замонро ба таври равшану возеҳ ошкор намояд. Вале хидмати бузурги ӯ дар он аст, ки ӯ бо пешниҳоди ақидаҳои солиму интиқодии хеш як василаи воқеии ифшосозии камбудиҳои ҷомеаро ба миён овард, ки дар заминаи он афроди дигари барҷастаи халқи тоҷик, ба монанди С. Айнӣ ба камол расиданд. Маҳз зери таъсири ин ақидаҳо ва афкор С. Айнӣ, новобаста аз таҳдиду фишори ҳокимони вақт дар роҳи худ устувор қадам монд, таърихи ҳақиқии халқи заҳматкашро дар осори худ ба таври барҷаста арзёбӣ ва омили номатлуби рушди ҷомеаро ошкор сохт.

Устод С. Айнӣ аз ҷумлаи он зиёиёни пешқадам буд, ки наметавонист чунин як вазъияти номатлуб ва паёмади сиёсати авомфиребонаи амирону хонҳои мустабиди Бухоро таҳаммул варзад. Ӯ низ ба монанди Аҳмади Дониш ягона роҳи наҷоти мардум ва инкишофи ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии ҷомеаро дар маҳви низоми фарсудаи Аморати Бухоро ва сарнагун сохтани сулолаи ҳукмрони аз саводу хирад фарсахҳо дури он медид. Ҳамин аст, ки дар осори хеш ба таври объективӣ вазъияти соҳаҳои ҷамъиятиро дар нимаи дуюми асри XIX таҳлилу баррасӣ намуда, омили асосии ба чунин фазои буҳронӣ рӯ овардани сарзамини тамаддунофари халқи тоҷикро, пеш аз ҳама, дар вуҷуди чунин як низоми истибдодӣ ва нолоиқ медид.

Ба ақидаи мо, таҳлили объективӣ ва баёни содаи ҳаводиси иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии халқи тоҷик дар нимаи дуюми асри XIX аз ҷониби устод С. Айнӣ яке аз аввалин ташаббусҳои ҷиддӣ дар роҳи омӯзонидани таърихи асили ниёкон ба насли наврасу ҷавон мебошад. Имрӯз осори таърихии ӯро мо метавонем ҳамчун таҷрибаи таърихӣ истифода барем ва аз зуҳури бухрони маънавӣ дар ҷомеа пешгирӣ намоем. Дар натиҷаи омӯзиши осори ӯ мо ба хулосае омадем, ки сарчашмаи асосии ҳама нокомӣ ин бухрони фарҳангӣ, махсусан аз илму хирад дур мондани ҷомеа аст. Ана ҳамин вазъро муаррих ба таври одӣ ва сода шарҳу эзоҳ додааст, ки ҳар хонанда ва муҳаққиқи давраи мазкур метавонад бо роҳи аз ҳама осонтар ба аҳдофи худ бирасад. Ҳадафи ҳар як олим ҳам, ба ақидаи мо, осон намудани кор, яъне мураккабро сода ва оммафаҳм намудан аст. Садриддин Айнӣ аз уҳдаи ин рисолати худ ба таври барҷаста баромад ва омӯзиши таърихро бо як усули аз ҳама оддӣ ба роҳ монд. Аз ин ҷиҳат осори таърихии ӯ то ҷое аз дигарон фарқ мекунад [3-М].

3. Таҳқиқу омӯзиши фаъолияти густурдаи назариявию амалии устод С. Айнӣ моро ба хулосае овард, ки ӯ дар ибтидои фаъолияташ ҳамчун маорифпарвар ба камол расида буд. Махсусан, ташкилу тарғиби мактаб, пешниҳоди усули нави таълиму тадрис дар мадрасаҳои Бухоро, ҷалби мардум ба омӯзиши таърихи ислом ва ба ин восита бохабар намудани онҳо аз ҳақиқати шариати исломӣ, тарғибу ташвиқи рӯзномаҳо ва ширкат дар таъбу нашри онҳо, аз ҷумлаи амалҳои маорифпарваронаи ӯ маҳсуб меёфт. Имрӯз агар ба принсипҳои маорифпарваронаи Шарқ ва Ғарб ба назар андӯзем, онҳо аз ҳаракати мусаллаҳона бар муқобили низоми ҳукмрон дурӣ ҷуста, дар роҳи дигаргунсозӣ ва эъмори ҷомеаи нав бештар ба идроку ақли солим такя мекарданд. Устод С. Айнӣ зимни баррасии фаъолияти маорифпарваронаи зиёиён бештар ба тавзеҳи ақидаҳои ислоҳотхоҳнаи худ ва ҳамаслаконаш таваҷҷуҳ менамояд.

С. Айнӣ аз ҷумлаи аввалин нафаронест, ки ба унвони шоҳиди замон ба таҳқиқи масоили мазкур пардохта, арзишҳои ин ҳаракатро дар рушди

ҷомеа ва бедории миллӣ ба таври объективӣ нишон медиҳад. Аз мутолиоти осори ӯ маълум мегардад, ки маорифпарварон як гуруҳи сарватмандони ҷомеа буданд, ки тамоми фикри худро ба масъалаи пешрафти ҷомеа, махсусан мактабу мадорис равона сохта буданд. Таҳқиқоти С. Айнӣ дар ин замина бисёр муассиру омӯзанда аст ва ба дигар муҳаққиқон имкон медиҳад, ки дар омӯзиши таърихи охири асри XIX ва ибтидои асри XX саҳифаҳои нави таърихи ниёконамонро бозкӯшой намоянд.

Хулоса, таҳлилҳои устод С. Айнӣ нишон медиҳад, ки имрӯз низ дар ҷомеа чунин камбудиҳо дар аксар давлатҳои исломии Шарқи Наздик ва Афғонистони ба мо дӯсту ҳамсарҳад вуҷуд дорад, ки боиси хунрезиҳои зиёду даҳшатҳои халқи мазлум мегардид. Таҷрибаи таърихии бойи тоҷикон дар мисоли ҷаҳду талошҳои фарзандони ин миллати тамаддунофар, махсусан барномаи ояндасози ҷадидон, ки сад сол пеш пешниҳод гардида буд, муъҷиби дарси ибрати ин халқҳои азияткашида шуда метавонад. Таҳлили вазъи ҷаҳони муосир, махсусан моҷарои сиёсӣ дар мамолики мусулмонишин гувоҳи он аст, ки сарчашмаи аксар падидаҳои нохуши ҷомеа аз бесаводӣ ва зафи маърифат аст, ки инсонро ба ифротгароию мазҳабситезӣ ва вобастагии абарқудратҳои манфиатдор бурда мерасонад. Ин барнома ва ҳадафҳои ҷадидон ба фикри мо ягона роҳи пешрафти шуури халқҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Бухоро гардид ва онҳоро ба инқилоб омода сохт. Агар ақидаҳои пешқадами маорифпарварон ва иқдоми созандаи ҷадидон ба миён намеомад, заминаҳои инқилоби халқӣ пухта намерасид ва он ғалаба намекард. Халқҳои Осиёи Марказӣ ба ташкили давлати миллӣ ва ҳуқуқу озодиҳои хеш комёб намегардиданд. Аз ин рӯ, ин таҷриба имрӯз барои мо, миллати тоҷик як дарси ибрат аст ва таҳлили дурусту мантиқии таърихи аҷдоди хеш барои дурнамои пешрафти давлат нақши бориз мегузорад. Таҷриба нишон дод, ки дар ҳар давру замон дар қиёс бегонапарастӣ, хуруфот ва ифротгарой илму маориф омили пешрафти ҷомеа ва сулҳу субот аст [4-М].

4. Дар асоси гуфтаҳои боло метавон саҳми Садриддин Айниро дар таҳқиқу омӯзиши ҳаракатҳои маорифпарварӣ ва ҷадидия дар чанд нукта нишон дод: а)таҳқиқи объективии зуҳури аввалин ақидаҳои маорифпарварӣ дар миёни тоҷикон ва бо далоили илмӣ мушаххас сохтани саҳми тоҷикон дар инкишофи чунин ақидаҳои пешқадами ҷамъиятӣ; б) ташхиси марҳалаҳои ташаккулёбии ақидаҳои ислоҳотхоҳона ва шуури ҷамъиятӣ дар заминаи арзишҳои маҳаллӣ; в) бо вуҷуди фишор ва идеологияи ҳукмрон ба таври воқеӣ нишон додани ҳадафи ақидаҳои маорифпарварону ҷадидони Бухоро ва бо назардошти арзишҳои миллию маҳаллӣ ва таъсири рӯзафзуни идеологияи хориҷиён ҷудо намудани ҷадидон ба гурӯҳҳои демократӣ ва тундгаро; г) дар чунин як муҳити тезу тунди солҳои 20-ум, ки ақидаҳои зиддитоҷикӣ зиёд садо медод, бори аввал ба таҳқиқи масоили ҷадидия ва нақши тоҷикон дар пешрафти ҷомеаи нав пардохт ва тавассути тарғиби афкор созандаи халқ, махсусан дар ду даҳсолаи ибтидои асри XX ба муқобили бадхоҳони миллат мубориза бурд [4-М].

Ҳамин тавр, шоёни зикр аст, ки ҳам устод С. Айнӣ ва ҳам маорифпарварони дигари халқи тоҷик ба мисли А. Фитрат ҳангоми ифшои ҷаҳолату низоъҳои амалдорони давлатӣ бидуни ҳарос тамоми амалҳои разилонаи онҳоро аз амир сар карда, то раису қозиҳои ҷудогона дар осори худ нишон додаанд. С. Айнӣ ҳамон усули вижаи таърихнигории А. Донишро такмил дода, дар инъикоси ин марҳалаи тақдирсози халқи тоҷик (ибтидои асри XX) нақши барҷаста гузошт. Ӯ новобаста аз таъқиботи мавҷудаи давр чи аз ҷониби ҳукумати амирӣ ва чи аз ҷониби сояи он-ҳукумати подшоҳӣ нисбат ба аҳли зиё, ки дар ифшои вазъияти тоқатфарсо даст доштанд, тавонист ҳақиқати таърихии замонаро барои насли ояндаи миллатсоз равшан намояд ва ба ин васила онҳоро ба василаи ибратомӯзӣ аз дарси таърих ба бунёди ҷомеаи навин тарғиб сохт. Инъикоси таърихи сиёсии ибтидои асри XX–и халқи тоҷик аз ҷониби муаррих тасодуфӣ набуд ва ӯ зери таъсири инқилобҳо аз принсипи тақвияти дараҷаи шуури сиёсии мардум ҷонибдорӣ мекард.

Айнӣ ҳамчун парваришёфтаи замони истилои мулкҳои Осиёи Миёна аз ҷониби Русия ба паёмади мусбӣ ва манфии он падида таваҷҷуҳ намуда, онро бар асоси сарчашмаҳои дастрас ва дидаҳову шунидаҳояш ба қалам додааст. Устод сабаби асосии шикасти Аморати Бухороро дар баробари Русия ба беназми ҳоким ба ҷомеа, ҷангҳои дохилии мулкҳои Осиёи Миёна, лашкари парокандаи амир ва худкомагии ҳокимони ин минтақа нисбат медиҳад. Ӯ таъсири амиқи ин падидаро дар пешбурди сиёсати дохилӣ, равобити байналмиллалӣ ва иқтисоду фарҳанги Аморати Бухороро ба таври мунсифона инъикос кардааст. Айнӣ ба унвони як муаррихи забардасту озодандеш кӯшиш кард, ки ҳаводиси рӯзгори хешро мунсифона тасвир созад ва ҳамеша худро дар назди таърих ва хонанда масъул медонист.

## ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ:

Ба ақидаи мо, бо мақсади омӯзишу таҳқиқи амиқи осори Садриддин Айнӣ ва масъалаҳои мубрами таърихи халқи тоҷик андешидани чунин иқдом муассир аст:

1. Истифодаи самараноки осори таърихии Садриддин Айнӣ дар рафти дарсҳои таърихи халқи тоҷик. Ин имкон медиҳад, ки симои аслии аксар қаҳрамонони роҳи озодӣ ва муҳофизи Ватан дар қиёс бо сарчашмаҳои таърихӣ ва осори С. Айнӣ равшану возеҳ гардад. Дар ин замина таҷрибаи муборизаи озодихоҳии ниёгони тоҷик ба муқобили зулму истибдоди аҷнабиён метавонад ҷавононро ба хештаншиносӣ ва худогоҳии миллӣ ҳидоят намояд ва зиракии сиёсии онҳоро дар роҳи ҳифзи манофеи миллату давлат таҳким бахшад.

2. Хуб мешуд, устод Садриддин Айниро ба унвони яке аз поягузорони таърихнигории муосири тоҷик ном бурд, зеро бори аввал дар нигоштаҳои ӯ вазъи мардум ба таври барҷаста инъикос мешавад. Дар ин замина бояд тадриси курси махсусе бо номи «С. Айнӣ ва эҳёи таърихи халқи тоҷик» дар факултетҳои таърихи макотиби олӣ роҳандозӣ шавад.

3. Ҳамчунин, таърихнигорону муққаққиқонро мебояд ба мисли С. Айнӣ ба ҷои навиштани таърихи сулолаҳои аҷнабӣ ва корномаи шоҳон бештар ба баррасии вазъи халқ, яъне таърихи иҷтимоӣ таваҷҷуҳ зоҳир намоянд.

4. Мо, муҳаққиқону муаррихонро мебояд дар замони истиқлол барои навиштани таърихи халқи тоҷик ва ҳифзи манфиатҳои давлату миллат бештар аз таҷрибаи чеҳраҳои мондагоре чун С. Айнӣ истифода барем, зеро асоси мазмуну муҳтавои осори онҳоро ғояҳои меҳанпарастӣ, адл, инсондӯстӣ ва ғайра ташкил медиҳад.

Дар замони истиқлол ба хотири таҳкими ваҳдату ҳамбастагии миллӣ, ва тарбияи ҷавонон дар рӯҳияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ таҳқиқи осори С. Айнӣ мазмун ва мундариҷаи нав пайдо кард. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бар ин асос дар баробари аввалин афроди саршиноси кишвар ба С. Айнӣ унвони олии Қаҳрамони Тоҷикистонро сазовор донист. Иқдоми мазкур тантанаи адолат ва ҳақиқати таърихӣ аст.

## НОМГӮИ АДАБИЁТ (МАЪХАЗҲО)

## ФЕҲРИСТИ САРЧАШМА ВА АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА


[1]. Айни, С. Бухара (Воспоминания). В двух книгах. Книга 2 [Текст] / С. Айни. – Душанбе: Ирфон, 1981. – 376 с.

[2]. Айнӣ, С. Ёддоштҳо (чаҳор қисм). Иборат аз як китоб [Матн] / С. Айнӣ. – Душанбе: ЭМТ, 2009. – 680 с.

[3]. Айнӣ, С. Ёддоштҳо [Матн] / С. Айнӣ. – Душанбе: Адиб, 1990. – 352 с.

[4]. Айнӣ, С. Ёддоштҳо [Матн] / С. Айнӣ. Қисми 3. – Душанбе, 2019. –262 с.

[5]. Айнӣ, С. Ёддоштҳо [Матн] / С. Айнӣ. Қисми 4. – Душанбе, 2019. – 304 с.

[6]. Айнӣ, С. Ёддоштҳо [Матн] / С. Айнӣ. Ҷ. 3. – М., 1960. – 1113 с.

[7]. Айнӣ, С. Куллиёт [Матн] / С. Айнӣ. – Душанбе: Ирфон, 1966. – 339 с.

[8]. Айнӣ, С. Куллиёт [Матн] / С. Айнӣ. Ҷилди 1. – Сталинобод: Нашр.дав.тоҷик, 1958. – 360 с.

[9]. Айнӣ, С. Куллиёт. Таърихи амирони манғитияи Бухоро [Матн] / С. Айнӣ. – Душанбе: Ирфон, 1966. – 243 с.

[10]. Айнӣ, С. Куллиёт [Матн] / С. Айнӣ. Ҷ. 10. – Душанбе: Ирфон, 1966. – 343 с.

[11]. Айнӣ, С. Куллиёт [Матн] / С. Айнӣ. Ҷидди 10. – Душанбе: Ирфон, 1966. – 343 с.

[12]. Айнӣ, С. Куллиёт [Матн] / С. Айнӣ. Ҷилди 11. Китоби якум. – Душанбе: Нашрдавтоҷик, 1963. – 344 с.

[13]. Айнӣ, С. Куллиёт [Матн] / С. Айнӣ. Ҷилди 3. – Сталинобод, 1960. – 611 с.

[14]. Айнӣ, С. Куллиёт [Матн] / С. Айнӣ. Ҷилди 6. – Душанбе: Нашрдавтоҷик, 1962. – 274 с.

[15]. Айнӣ, С. Куллиёт [Матн] / С. Айнӣ. Ҷилди 7. – Душанбе: Нашрдавтоҷик, 1963. – 413 с.
[16]. Айнӣ, С. Куллиёт [Матн] / С. Айнӣ. Ҷилди 9. – Душанбе: Ирфон, 1966. – С. 75.
[17]. Айнӣ, С. Куллиёт [Матн] / С. Айнӣ. Ҷилди 9. – Душанбе: Ирфон, 1969. – 416 с.
[18]. Айнӣ, С. Мактаби кӯҳна [Матн] / С. Айнӣ. – Душанбе, 1977. – 62с.
[19]. Айнӣ, С. Мактубҳо. [Матн] / С. Айнӣ. – Душанбе: Меҳроҷ Граф, 2024– 720 с.
[20]. Айнӣ, С. Мухтасари тарҷумаи ҳоли худам [Матн] / С. Айнӣ. – Душанбе: Адиб, 1987.
[21]. Айнӣ, С. Намунаи адабиёти тоҷик [Матн] / С. Айнӣ. – Душанбе: Адиб, 2010. – 448 с.
[22]. Айнӣ, С. Таърихи инқилоби Бухоро [Матн] / С. Айнӣ. – Душанбе, Адиб, 1987. – 240 с.
[23]. Айнӣ, С. Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро [Матн] / С. Айнӣ. – Душанбе, 1963.
[24]. Айнӣ, С. Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро. Куллиёт [Матн] / С. Айнӣ. – Душанбе: Матбуот, 2005. – 272 с.
[25]. Асозода, Х. Вокеъият, сиёсат ва С. Айнӣ [Матн] / Х. Асосзода. – Душанбе, 2010. – 208 с.
[26]. Асозода, Х. Зиндагинома ва осори С. Айнӣ [Матн] / Х. Асосзода. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2013. – 188 с.
[27]. Балҷувонӣ, Муҳаммадалӣ ибни Муҳаммад. Таърихи нофеъ. – Душанбе: Шарқи озод, 2014. –344 с.
[28]. Бобоев, Ю. Жанри таърихӣ ва романи «Ғуломон»-и Садриддин Айнӣ [Матн] / Ю. Бобоев. – Сталинобод, 1948. – 59 с.

[29]. Бокиев, М.И. Отражение истории таджикского народа конца XIX в.-1917 г. в произведениях С. Айни, Дж. Икроми, Р. Джалил. Дисс. На соиск. уч. степ. к.и.н. [Текст] / О. Бокиев. – Душанбе, 1988.

[30]. Брагинский, И.С. Проблемы творчества С. Айни [Текст] / И. Брагинский. – Душанбе: Ирфон, 1974. –174 с.

[31]. Гафоров, Н.У. История культурно-просветителной деятельности джадидов в Бухарском эмирате. (начало XX века) [Текст] / Н. Гафаров. – Худжанд, 2000. –176 с.

[32]. Ғафуров, Б. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин қадим, асрҳои миёна ва даврaи нав [Матн] / Б. Ғафуров. – Душанбе: Дониш, 2008. – 870 с.

[33]. Ғафуров, Б. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин қадим, асрҳои миёна ва даврaи нав [Матн] / Б. Ғафуров. – Душанбе: Дониш, 2020. – 976 с.

[34]. Гулшанӣ Муҳаммад Содиқхоҷа [Матн] / Таърихи Ҳумоюн. – Душанбе: Пайванд, 2006. – 648 с.

[35]. Демидчик, Л.Н. О принципе историзма в прозе С. Айни. В кн.: [Текст] / Л.Н. Демидчик. – Душанбе: Дониш, 1971.

[36]. Дониш, А. Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони манғития [Матн] /А. Дониш. – Душанбе: Сарват, 1992. – 100 с.

[37]. Дониш, А. Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони манғития [Матн] / А. Дониш. – Душанбе: Ирфон, 1964.

[38]. Дониш, А., Наводир-ул-вақоеъ [Матн] / А. Дониш. – Душанбе: Дониш, 2017. – 469 с.

[39]. Ёрмуҳамматов, А. Саҳми матбуоти болшевикӣ дар тайёр кардан ва ғалабаи инқилоби Бухоро. – Душанбе: ДМТ.

[40]. Зокиров, Г. Сиёсатшиносӣ [Матн] / Г. Зокиров. – Душанбе: Эр-граф, 2010. – 520 с.

[41]. Имомов, М.С. Маънавият ва нақши зоҳир [Матн] / М. Имомов. – Душанбе: Адиб, 2000. – 186 с.

[42]. Имомов, М.С. Ҷаҳонбинӣ ва тафаккури бадеии Садриддин Айнӣ [Матн] /М. Имомов. – Душанбе: Матбуот, 2001. – 119 с.

[43]. Искандаров, Б.И. Востончная Бухара и Памир во второй половине XIX в. 1962-1963 – 352 с.

[44]. История таджикского народа [Текст]: Позднее средневековье и новое время (XVI в.-1917г.) / А.М.Гафров [и др.]; под общ. ред. Академик Р.Масов. – Душанбе, 2010. – Т. 4. – 1124 с.

[45]. Кучаров, А. Нақди матн ва масъалаҳои матншиносии насри С. Айнӣ [Матн] / А. Кучаров. – Душанбе: Матбуот, 2002. – 272 с.

[46]. Кучаров, А. Нақди матн ва масъалаҳои матншиносии насри С. Айнӣ [Матн] / А. Кучаров. – Душанбе: Матбуот, 2002. – 272 с.

[47]. Логофет, Д.Н. Страна бесправия. Бухарское ханство и его современное состояние [Текст] / Д. Логофет. – СПБ, 1911. – 339 с.

[48]. Мамадаминов, А. Поиск истины [Текст] / А. Мамадаминов. – Душанбе: Сино, 1994.

[49]. Муллоҷонов, С. «Таърихи Масъудӣ»-и Абулфазли Байҳақӣ (мурууре пиромуни сохтори идорию русуми дарбори Ғазнавиён). – Душанбе, 2013. – 239 с.

[50]. Ниязова, Х. Путь Садриддина Айни –поэта [Текст] / Х. Ниязова. – М., Наука, 1965. –141 с.

[51]. Пирумшоев, Х. Развитие исторической науки Таджикистана в годы независимости (Концептуальные вопросы истории и историографии таджикского народа. Сб. Избранных статей. / Сост. И ред. д.т.н., профессор С. Мухиддинов. – Душанбе: Ирфон, 2014. – 528 с.

[52]. Раджабов, З. Аз таърихи афкори ҷамъиятию сиёсии халқи тоҷик дар нимаи дуюми асри X1X ва ибтидои асри XX [Матн] / З. Раҷабов. – Сталинобод, 1959. – 448 с.

[53]. Раджабов, З. Маорифпарвар Аҳмади Дониш [Матн] / З. Раҷабов. – Душанбе: Ирфон, 1964. – 308 с.

[54]. Раджабов, З. Садриддин Айнӣ-историк таджикского народа. – Сталинобод: Нашрдавтоҷик, 1951.– 86 с.

[55]. Расулиён, Қ. Осори мунтахаб. Ҷ. 1[Матн] / Қ.Расулиён. – Душанбе, 2014. – С. 269-270.

[56]. Расулиён, Қ. Ҷадидҳо [Матн]/Қ. Расулиён Осори мунтахаб. Ҷилди I. – Душанбе: Дақиқӣ 2014. – С. 254-270.

[57]. Расулиён, Қ., Перомуни афкори ҷадидия. [Матн]/Қ. Расулиён Осори мунтахаб. Ҷилди I. – Душанбе: Дақиқӣ, 2014.

[58]. Раҳмон, Э. Чеҳраҳои мондагор [Матн] / Э. Раҳмон. – Душанбе: Эр-граф, 2016. – 364 с.

[59]. Раҳмонов, Ш. Се кори муҳим ва бахайри Садриддин Айнӣ [Матн] / Ш. Раҳмонов. – Душанбе: Деваштич, 2007. – 65 с.

[60]. Раҷабӣ, М. Ислом, ҷадидия ва инқилоб [Матн] / М. Раҷабӣ – Душанбе: Маориф, 1997. – С. 22.

[61]. Розиқзода, А. Миршаб [Текст] /А. Розиқзода – Душанбе: Ирфон, 2021. – 424 с.

[62]. Семенов, А.А. Садриддин Айни и его Воспоминание [Текст] /А.А. Семенов. – Ленинград, 1961. – С. 980-997.

[63]. Табаров, С. Масоили ифтихори миллӣ ва байналмилалӣ аз биниши Садриддин Айнӣ. Китоби 3 [Матн] / С. Табаров. – Душанбе, ДДМТ, 1999. – 205 с.

[64]. Табаров, С. Романи «Ғуломон»-и Айнӣ ҳамчун романи таърихӣ [Матн] / С. Табаров. – Душанбе: «Адиб», 2005. – 240 с.

[65]. Табаров, С. Се маорифпарвари тоҷик дар бораи амирони манғит [Матн] / С. Табаров. – Душанбе: Эҷод, 2006. – 208 с.

[66]. Терентьев, М.А. История завоевания Средней Азии. Т. 1-3. Санкт-Петербург, 1906. – 268 с.

[67]. Фитрат, А. Давраи хукмронии амир Олимхон [Матн] / А. Фитрат. – Душанбе, 1991. – 63 с.

[68]. Халфин, Н.А. Присоединение Средней Азии к России (60-90-е гг. XIX вв. М., 1965. – 468 с.

[69]. Хотамов, Н.Б. Свержение эмирского режима в Бухаре [Текст] / Н. Хотамов. – Душанбе, 1997. – 348 с.

[70]. Гафоров, Н., Роль и место джадидизма в развитии просвещения и духовной культуры народов Средней Азии (конец X1X – начало XX вв.) [Текст] / Н. Гафоров. – Душанбе: Ирфон, 2013. – 248 с.

[71]. Ҳакимов, Н. Таърихи халқи тоҷик [Матн] / Н. Ҳакимов. – Душанбе: Ирфон, 2008. – 492 с.

[72]. Ҳамроев, А.Х. К вопросу о январских событиях 1910 года в Бухаре. Труда САГУ им В.И. Ленина вып. 7. – Тошкент, 1955. – 11 с.

[73]. Ҳотамов, Н. Инъикоси револютсияи халқии Бухоро дар асарҳои Садриддин Айнӣ [Матн] / Н. Ҳотамов. – Душанбе: Дониш, 1980. – 200 с.

[74]. Ҳотамов, Н. Инъикоси революцияи Халқии Советии Бухоро дар асарҳои Садриддин Айнӣ [Матн] / Н. Ҳотамов. – Душанбе: Дониш, 1980. – 200 с.

[75]. Ҳотамов, Н. Таърихи халқи тоҷик [Матн] / Н. Ҳотамов. – Душанбе, 2007. – С. 52-53.

[76]. Ҳошим, Р. Сухан аз устодон ва дӯстон [Матн] / Р. Ҳошим. – Душанбе: Ирфон, 1971. – 211 с.

[77]. Ҷанбаи интиқодии асари Садриддин Айнӣ «Намунаи адабиёти тоҷик» [Матн] // Гузориши АИ ҶТ. Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. – Душанбе, 2018-№1-2. – С. 151-157.

[78]. Шакурӣ, М. Садриддин Айнӣ [Матн] / М. Шакурӣ. – Душанбе: Дониш, 1978. – 236 с.

[79]. Шакурӣ, М. Садриддин Айни-равшангари бузурги таърих [Матн] / М. Шакурӣ. – Хуҷанд: Нури Маърифат, 2001. – 104 с.

## Мақола, маъруза ва маҷмуаҳо

### А) Мақолаҳои илмӣ

[80]. Бобохонов, М.Б. Садриддин Айнӣ ва масоили омӯзиши таърихи халқи тоҷик [Матн] /Саҳми Садриддин Айнӣ дар эҳёи таърих ва фарҳанги халқи тоҷик (маводи конфронси илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ бахшида ба 140 солагии Қаҳрамони Тоҷикистон Садриддин Айнӣ) / М.Б. Бобохонов. – Душанбе, 22 ноябри 2018. – С. 87-91.

[81]. Ғаффоров, Н. Осори ҷадидии Садриддин Айнӣ – Манбаи муҳимми таърихӣ /Саҳми Садриддин Айнӣ дар эҳёи таърих ва фарҳанги халқи тоҷик (маводи конфронси илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ бахшида ба 140 солагии Қаҳрамони Тоҷикистон Садриддин Айнӣ) [Матн] / Н. Ғаффоров. – Душанбе, 22 ноябри 2018. – С. 36-41.

[82]. Ғаффоров, Н. Тиҷорат ва мақому манзалати он аз диди Абдурауфи Фитрат // Ҷадидия ва шинохти он (Маҷмӯаи мақолаҳо ва гузориши илмӣ). – Душанбе: Ирфон, 2013. – С. 106-115.

[83]. Ёрмуҳамматов, А. Инъикоси вазъи мадрасаҳои Бухорои охири асри Х1Х дар «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ [Матн] / А. Ёрмуҳамматов. Масъалаҳои маориф, 2014, №1, №2. – С. 35-40., С. 19-23.

[84]. Ёрмуҳамматов, А. С, Аввалин тарбиятгари маънавии С. Айнӣ [Матн]. Душанбе: Маорифи Тоҷикистон, 2018. №4. – С. 19-23.

[85]. Ёрмуҳамматов, А. С. , Асари пурарзиш дар боби фаъолияти ҷадидҳо [Матн]. Масъалаҳои маориф, 2014. №4. – С. 59-68.

[86]. Ёрмуҳамматов, А. С. Айнӣ ва инқилоби Бухоро [Матн] / Садои Шарқ, 1981. №3. – С. 143-147.

[87]. Ёрмуҳамматов, А. С., Саҳми С. Айнӣ дар инкишофи маорифи тоинқилобии тоҷик [Матн]. – Душанбе: Маърифтаи Омӯзгор, 2018. №11. – С. 20-22.

[88]. Ёрмуҳамматов, А. С., Ҷашнгирии иди Наврӯз дар Бухорои охири асри XIX дар «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ [Матн] / Маводи конференсияи илмӣ. – Душанбе, 2017. – С. 322-323.

[89]. Ёрмуҳамматов, А. С.,Фаъолияти Садри Зиё дар «Ёддоштҳо». – Душанбе: Сино, 2017. – С. 202-253.

[90]. Ёрмуҳамматов, А. С.. Инъикоси ғалабаи инқилоби халқии Бухоро дар «Шуълаи инқилоб» [Матн]. – Душанбе: ДМТ. Рӯзи илм, 2010. – С. 154-161.

[91]. Ёрмуҳамматов, А. Тавсеаи ҳунармандӣ ва вазъияти ҳунармандони Бухоро дар «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ / Саҳми Садриддин Айнӣ дар эҳёи таърих ва фарҳанги халқи тоҷик (маводи конфронси илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ бахшида ба 140 солагии Қаҳрамони Тоҷикистон Садриддин Айнӣ) [Матн] / А. Ёрмуҳамматов. – Душанбе, 22 ноябри 2018. – С. 26-36.

[92]. Ёрмуҳамматов, А.С., Аввалин намунаи матбуоти муосири тоҷик [Матн]. – Душанбе: Маорифи Тоҷикистон, 2019. №4. – С. 10-14.

[93]. Ёрмуҳамматов, А.С., Инъикоси вазъи мадрасаҳои Бухорои охири асри XIX дар «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ [Матн]. Масъалаҳои маориф, 2014, №1, №2. – С. 35-40.

[94]. Илолов, М. Айнӣ-олим, таърихчӣ ва филолог //Бадахшони Советӣ, 1958. – 14 апрел.

[95]. Муллоҷонов, С. Вопасин низои суннӣ ва шиа дар Бухоро //Мақом ва нақши ислом дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, «Эр-граф», 2018. – С.227-244.

[96]. Муродов, Н. Вазъияти сиёсии Мовароуннаҳру Хуросон дар арафаи ҳуҷуми арабҳо аз нигоҳи Садриддин Айнӣ [Матн] /Саҳми Садриддин Айнӣ дар эҳёи таърих ва фарҳанги халқи тоҷик (маводи конфронси илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ бахшида ба 140 солагии Қаҳрамони Тоҷикистон Садриддин Айнӣ) / Н. Муродов. – Душанбе, 22 ноябри 2018. – С. 167-173.

[97]. Набавӣ, А. Айнӣ Садриддин [Матн] / А. Набавӣ, А. Сайфулоев // Энсиклопедии миллии тоҷик. – Душанбе, 2011. - Ҷ.1. – С. 225-234.

[98]. Набавӣ, А. Шуҳрати устод Садриддин Айнӣ дар мамолики Шарқу Ғарб [Матн] // Пайванд.- 2018.-№32. – С. 53-63.

[99]. Набавӣ, А. Нахустин адабиётшиносии нави тоҷик ва масоили худшиносии миллӣ «Намунаи адабиёти тоҷик»-и С. Айнӣ [Матн] Мероси ниёгон. – 2017.-№1 (19). – С. 112-117.

[100]. Наҷмуддинов, Т. Фаъолияти маорифпарварии Садриддин Айнӣ [Матн] /Саҳми Садриддин Айнӣ дар эҳёи таърих ва фарҳанги халқи тоҷик (маводи конфронси илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ бахшида ба 140 солагии Қаҳрамони Тоҷикистон Садриддин Айнӣ) / Т. Наҷмуддинов. – Душанбе, 22 ноябри 2018. – С. 205-210.

[101]. Расулиён, Қ. Чаро «Намунаи адабиёти тоҷик» зиндонӣ шуд? Саҳми Садриддин Айнӣ дар эҳёи таърих ва фарҳанги халқи тоҷик (маводи конфронси илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ бахшида ба 140 солагии Қаҳрамони Тоҷикистон Садриддин Айнӣ) [Матн] / Қ. Расулиён. – Душанбе, 22 ноябри 2018. – С. 21-26.

[102]. Раҳматов, У. Нақши Садриддин Айнӣ дар таҳқиқи масъалаи ҷадидизм ва низоми маориф дар аморати Бухоро /Саҳми Садриддин Айнӣ дар эҳёи таърих ва фарҳанги халқи тоҷик (маводи конфронси илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ бахшида ба 140 солагии Қаҳрамони Тоҷикистон Садриддин Айнӣ) [Матн] / У. Раҳматов. – Душанбе, 22 ноябри 2018. – С. 122-127.

[103]. Розиқзода, А. Миршаб // Инъикоси масоили порахурии амалдорони аморати Бухоро дар осори С. Айнӣ. – Душанбе: Ирфон, 2006. – С. 286-289.

[104]. Розиқзода, А. Миршаб // Инъикоси фаъолияти миршабҳо дар осори устод Садриддин Айнӣ. – Душанбе: Ирфон, 2021. – С. 291-297.

[105]. Суханронии устод Садриддин Айнӣ дар анҷумани якуми Иттифоқи нависандагони шуравӣ [Матн]: Тарҷума аз русӣ / таҳия А. Набавӣ// Адабиёт ва санъат. - 2015. - 4 июн.

[106]. Умаров, А. Инъикоси вазъи иқтисодиву иҷтимоии аморати Бухорои охири асри XIX ва ибтидои асри XX дар «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ /Саҳми Садриддин Айнӣ дар эҳёи таърих ва фарҳанги халқи тоҷик (маводи конфронси илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ бахшида ба 140 солагии Қаҳрамони Тоҷикистон Садриддин Айнӣ) [Матн] / А. Умаров. – Душанбе, 22 ноябри 2018. – С. 242-250.

[107]. Устод Садриддин Айнӣ ҳувиятсоз ва ифтихоровари миллат [Матн] // Фаслномаи «Камоли Хуҷандӣ». - 2018.-№3 (15). – С. 5-20.

[108]. Хушвахтов, Э. Бозгӯи масоили Шарқ ва худшиносии миллӣ дар публитсистикаи устод Садриддин Айнӣ [Матн] / Э. Хушвахтов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2015. №5. – С. 205-208.

[109]. Шодипур, Ю. Соҳибкорӣ ва тиҷорат аз дидгоҳи устод С. Айнӣ [Матн] / Ю. Шодипур // Устод Айнӣ ва асолати забон (Маҷмӯаи мақолаҳо). – Душанбе: Сино, 2004. – С. 67-70.

[110]. Шодипур, Ю. Тоҷир ва бозаргони тоҷик дар масири таърих [Матн] / Ю. Шодипур // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон: Бахши таърих ва ҳуқуқ. – Душанбе: Сино, 2003. №5 (19). – С. 3-21.

**Б) Мақолаҳои газета**

[111]. Абдулло, Г. Мудрый учитель (К 100 летию А.М. Горького) [Текст]. – «Коммунист Таджикистана», 1967. 8 декабря. – С. 4-5.

[112]. Абдуллоҳ, М. Устод Айнӣ ва худогоҳии миллӣ [Матн]. – Душанбе: Садои Шарқ, 1996. – №5-8. – С. 59-62.

[113]. Айни, К. Вторая жизнь уникальных рукописей [Текст]. – «Коммунист Таджикистана», 1968. 28 марта. – С. 3-4.

[114]. Асимов, М. Светильник разума – наука [Текст]. – «Комсомолец Таджикистана», 1967. 18 июня. – С. 6-8.

[115]. Бабаев, Ю. О творчестве С. Айни [Текст]. – «Вечерний Душанбе», 1969. 15 апреля. – С. 13-14.

[116]. Ганиев, А. К истории формирования мировоззрения [Текст]. – «Тр. Самарк. Ун-та», 1971. Нов. Сер., вып. №197. – С. 13-15.

[117]. Ёрмуҳамматов, А. Айнӣ ва инқилоби Бухоро [Матн]. – Душанбе: Садои Шарқ, 1981. – №3. – С. 143-147.

[118]. Ёрмуҳамматов, А. Саҳми С. Айнӣ дар инкишофи маорифи тоинқилобии тоҷик [Матн]. – Душанбе: Маърифтаи Омӯзгор, 2018. – №11. – С. 56.

[119]. Ёрмуҳамматов, А. Ҳоҷӣ Абдулазиз дар «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ [Матн]. – Душанбе: Маърифати омӯзгор. – №2. 2018. – С. 30

[120]. Илолов, М. Айнӣ-олим, таърихчӣ ва филолог [Матн] // Бадахшони Советӣ, 1958. – 14 апрел. – С. 4-6.

[121]. Муллоджонов, М. Есть ремесло у солнца и поэта... [Текст]. – Комсомолец Таджикистана, 1971. 22 октбря. – С. 9-10.

[122]. Саторзода, А. Китоби муқаддаси қавми муаззам [Матн] / А. Саторзода // Адабиёт ва санъат. 14-уми апрели соли 2016.

[123]. Султанов, Ш. Историзм и доверность героя [Текст]. – «Памир», 1974, – №10. – С. 81-90.

[124]. Шакурӣ, М. Садриддин Айнӣ-равшангари бузурги таърих [Матн]. – Хуҷанд: Нури Маърифат, 2001. – С. 9-10.

[125]. Шакурӣ, М. Садриддин Айнӣ-равшангари бузурги тоҷик [Матн] // Омӯзгор. – 1998. 15 –уми апрел.

[126]. Шукуров М. История, народ, характер [Текст]. – «Памир», 1971. – №2. – С. 86-91.

[127]. Шукуров, М. Новы тип истории литературы [Текст]. – «Вопросы литературы», 1975. – №6. – С. 83-89.

## Диссертатсия ва авторефератҳо

[128]. Азимов, С. Билингвизм Садриддина Айнӣ и проблемы авторского перевода [Текст]: автореф. дис. на соиск уч. степ КФН / С. Азимов. – Ташкент, 1986. – 31 с.

[129]. Асоев, Х. Развитие рабочего класса и вопрос отражения нового героя в таджикской художественной прозе [Текст] / Х. Асоев. Автореф. дисс. на соиск уч. степ к.ф.н. – Душанбе, 1976. – 26 с.

[130]. Бакиев М.И. Отражение истории таджикского народа конца Х1Х в.-1917 г. в произведениях С. Айни, Дж. Икроми, Р. Джалил. Дисс. На соиск. Степ. Канд.ист. наук [Текст] / М.И. Бакиев. – Душанбе, 1988. – 189 с.

[131]. Гадоев, Ғ. Освещение положения Бухарского эмирата конца XIX - начала XX вв. в исторических трудах и литературных произведениях Садриддина Айни [Текст]: дис. канд. ... ист. наук: 5.6.5. / Г. Гадоев. – Душанбе: 2023. – 28 с.

[132]. Мухиддинов, Р.Т. Освещение истории таджикского народа в творчестве С. Айни. Автореф. дисс. на соиск уч. степ к.и.н. [Текст] / Р.Т. Мухиддинов. – Душанбе, 1999. – 144 с.

[133]. Мухиддинов, С.Р. Изучение истории изобразительного искусства таджикского народа: Досоветский период [Текст]: дис. докт. – ист. наук / С.Р. Мухиддинов. – Душанбе, 2003. – 409 с.

[134]. Рахматуллаев, А. Становление и развитие социалистического реализма в таджикской прозе [Текст]: автореф. дис. на соиск уч. степ к. ф. н. / А. Рахматуллаев. – М., «Мысл», 1965. – 16 с.

[135]. Шукуров, М. Проблемы жанра и стиля в современной таджикской прозе [Текст]: автореф. дис. на соиск уч. степ к.ф.н. / М. Шукуров. – М.: 1970. – 82 с.

## МАЗМУНУ МУҲТАВОИ АСОСИИ ДИССЕРТАТСИЯ ДАР ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ ДАРҶ ШУДААНД:

**I. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:**

[1-М]. Баҳорзода, С. Саҳми Садриддин Айнӣ дар шинохти таърихи тоҷикон [Матн] / С. Баҳорзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои таъриху бостоншиносӣ, фалсафа ва педагогика. – Душанбе: Сино, 2018. – №7. – С. 47-51.

[2-М]. Баҳорзода, С. Инъикоси маданияти Мовароуннаҳру Хуросон (асри XII) дар осори Садриддин Айнӣ [Матн] / С. Баҳорзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои таъриху бостоншиносӣ, фалсафа ва педагогика. – Душанбе: Сино, 2018. – №8. – С. 76-79.

[3-М]. Баҳорзода, С. Садриддин Айнӣ ва фармони 7-апрели соли 1917 амир Олимхон оид ба ислоҳот [Матн] / С. Баҳорзода, А. Ёрмуҳамматов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои таъриху бостоншиносӣ, фалсафа ва педагогика. – Душанбе: Сино, 2019. – №6. – С. 28-32.

[4-М]. Баҳорзода, С. Таҳқиқи масоили маорифпарварӣ дар осори Садриддин Айнӣ [Матн] / С. Баҳорзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои таъриху бостоншиносӣ, фалсафа ва педагогика. – Душанбе: Сино, 2019. №7– С. 76-81.

[5-М]. Баҳорзода, С. «Наводир-ул-вақоеъ»-и Аҳмади Дониш аз нигоҳи С. Айнӣ [Матн] / С. Баҳорзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои таъриху бостоншиносӣ, фалсафа ва педагогика. – Душанбе: Сино, 2020. – №10. – С. 111-115.

**II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои даврӣ чоп шудаанд:**

[6-М]. Баҳорзода, С. Саҳми Садриддин Айнӣ дар омӯзиши маданияти маънавии Моваруннаҳру Хуросон дар арафаи ҳуҷуми муғулҳо [Матн] / С. Баҳорзода /Саҳми Садриддин Айнӣ дар эҳёи таърих ва фарҳанги халқи тоҷик (маводи конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ бахшида ба 140–солагии Қаҳрамони Тоҷикистон Садриддин Айнӣ) / С. Баҳорзода. – Душанбе, 22 ноябри 2018. – С. 212-217.

[7-М]. Баҳорзода, С. Саҳми Садриддин Айнӣ дар шинохти таърихи тоҷикон [Матн] / С. Баҳорзода // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ (солҳои 2019-2021)» ва «400-солгаии Миробид Сайидои Насафӣ». Ҷилди 2. – Душанбе, 2019. – С. 44.

[8-М]. Баҳорзода, С. Садриддин Айнӣ – ҳимоятгари манфиатҳои миллию сиёсии тоҷикон дар солҳои 20-уми асри XX [Матн] / С. Баҳорзода // Маводи конференсияи ҷумуҳуриявии илмию назаривӣ дар мавзуи «Тоҷикистон дар масири таърих (бахшида а 95-солагии эъломияи таъсисёбии ҶМИШ Тоҷикистон)». – Душанбе, 2020. – С. 261-268.